**ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ВБД: 378.2:373+574 (575.3)**

**ТКБ: 74.26: 74.20+28.081 (2 тоҷик)**

**Я – 88**

**ЯҲЁЗОДА ҒОЛИБ ЯҲЁ**

# ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ АСОСҲОИ МАЪРИФАТИ ЭКОЛОГИИ КӮДАКОНИ СИННИ КАЛОНИ ТОМАКТАБӢ МАВРИДИ ШИНОСОӢ БО ТАБИАТИ ТОҶИКИСТОН

**Диссертатсия**
**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ))**

**Роҳбари илмӣ:** Қурбонова З. Ш.
номзади илмҳои педагогӣ

**ДУШАНБЕ – 2026**

# МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА**........................................................................ 5-16

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАРБИЯИ АСОСҲОИ ЭКОЛОГИИ КӮДАКОН ДАР МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ТОМАКТАБӢ** ..................................... 17-68

1.1. Таҳлили адабиёти психологӣ, педагогӣ ва методӣ оид ба масъалаи тарбияи экологии насли наврас ............... 17-46

1.2. Раванди таҳқиқи ташаккули асосҳои маърифати экологӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ҳамчун масъалаи педагогӣ........................................................ 47-67

Хулосаи боби 1........................................................... 67-68

**БОБИ 2. ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ АСОСҲОИ МАЪРИФАТИ ЭКОЛОГИИ КӮДАКОНИ 6-7 СОЛА** ........................................................................... 69-112

2.1. Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ................ 69-95

2.2. Нақши муассисаҳои таълимӣ ва оила дар ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ ................................................................... 95-111

Хулосаи боби 2........................................................... 111-112

**БОБИ 3. ТАШАККУЛИ АСОСҲОИ МАЪРИФАТИ ЭКОЛОГИИ КӮДАКОН МАВРИДИ ШИНОСОӢ БО ТАБИАТИ ТОҶИКИСТОН**.................................................. 113-161

3.1. Хусусиятҳои ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакон бо истифода аз технологияҳои педагогӣ......... 113-131

3.2. Ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни 6-7 сола дар марҳилаҳои аввали озмоиши педагогӣ..................................................................... 131-148

3.2. Барномаи озмоишии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни 6-7 сола ва ҷамъбасти он....... 148-161

Хулосаи боби 3........................................................... 161-162

**Хулосаи умумӣ ва тавсияҳо**........................................... 163-166

**Руйхати адабиёт**........................................................... 167-185

**Замимаҳо**..................................................................... 186-193

# НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

АТТ – Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

БТТК - барнома ва технологияҳои муосири педагогӣ

ВМИ ҶТ – Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

ДДОТ - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

ИДМ - Иттиҳоди давлатҳои мустақил

МТМУ – муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

МТТ – муассисаҳои таълимии томактабӣ

ПРМ – Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ

ТИК – технологияҳои информатсионӣ-коммуникатсионӣ

ҶТ - Ҷумҳурии Тоҷикистон

ФР - Федератсияи Россия

## ЛУҒАТИ ИСТИЛОҲОТ

- **дониши экологӣ** – бахши маърифати ҷамъиятиест, ки ба истифодаи бошууронаи табиат ва таъмини муҳити зисти бехатар барои инсон равона шудааст;

- **дониши экологии ҳадди ақал** - ҳаҷми камтарини донишҳои зарурӣ барои ҳар як узви ҷомеа, ки мақсад аз он истеҳсоли бехавф ва каммасраф, сарфаи захираҳои табиӣ ва энергия, барқарорсозии хоҷагидорӣ ва дигар фаъолиятҳо, инчунин муҳити зист ва ташаккули муносибатҳои эҳтиёткорона ба он мебошад.

- **маърифати экологӣ** — раванди таълим, ки мақсади он аз маърифати экологӣ баҳравар кардан, дар рӯҳи маърифати экологӣ таълиму тарбия додан, пойдор гардонидани фарҳанги экологӣ, дуруст ва оқилона муайян кардани тамоили донишандӯзӣ, нишон додани қобилият ва ташаккули рафтори дурусти шахсони алоҳида ва аҳолӣ оид ба ҳифз ва истифодаи табиат иборат мебошад;

- **сиёсати давлатӣ дар соҳаи маърифати экологии аҳолӣ** - фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ, ки ба таъмини шароит барои амалӣ намудани омӯзиши экологии аҳолӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва шахсони воқеӣ ҷиҳати ташаккулёбии фарҳанги умумӣ ва тахассусии экологии шахс ва ҷомеа равона шудаанд;

- **фарҳанги экологӣ** – қисми таркибии фарҳанги умумибашарӣ ва миллиест, ки маҷмӯи муносибатҳои иҷтимоӣ, арзишҳои ахлоқӣ, меъёр ва усулҳои таъсири мутақобилаи ҷамъиятро бо муҳити зист дар бар мегирад ва меросан барои ташаккулёбии дониш ва маърифати экологӣ дар шуур ва ахлоқи ҷамъиятии одамон дар тӯли ҳаёт ва фаъолияти наслҳо, ки ба ҳаёти солим, болоравии маънавиёти ҷамъият, рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ, бехатарии экологии кишвар ва ҳар фарди алоҳида мусоидат менамояд;

- **маданияти экологӣ** ҳамчун қисмати таркибии муҳити ҷаҳонбинии илмии талабагон дар раванди тарбияи экологӣ ташаккул меёбад.

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар замони муосир ба баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ дар тамоми дунё таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад, зеро аз он ҳифзи муҳити зист, некӯаҳволӣ ва саломатии инсон вобастагӣ дорад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳо оид ба ҳифзи муҳити зист, эҳтиром гузоштан ба табиати нотакрор, истифодаи самараноки сарватҳои табиатро дар мадди аввали сиёсати давлатӣ қарор дода, аз синни томактабӣ дар шуур ва ахлоқи кӯдакон дарк ва ҳифз кардани онро вазифаи аввалиндараҷа меҳисобад.

Масъалаҳои маърифати экологӣ дар Тоҷикистон бори аввал дар охири асри ХХ ба миён гузошта шуда буд. Дар солҳои 90-ум таълими экологӣ ба нақшаҳои таълимии ҳам муассисаҳои томактабӣ ва ҳам муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дохил карда шуд. Барои муассисаҳои томактабӣ ин масъала як самти комилан нав буд ва мутахассисони муассисаҳои таълимии томактабӣ зарурати «азнавсозии» фаъолиятро дар ин самт пурра дарк намекарданд.

Аввалин қонунҳои экологӣ дар Тоҷикистон дар ибтидо ва миёнаҳои солҳои 1990 қабул шуда, давраи навбатии навсозии қонунгузории экологӣ дар ибтидои даҳаи дуюми асри XXI ба амал омаданд. Дар ин радиф санадҳои зерқонунии хеле муҳим қабул карда шуданд, ки ба инҳо дохил мешаванд: “Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист”[89], “Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи олами набототот»[94], “Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ»[92], «Тартиби баҳодиҳии таъсир ба муҳити зист»[93]; Низомнома «Дар бораи Китоби Сурх»[81] ва ғайра. Мазмуни асосии ин санадҳои муҳим ба аҳолӣ ва насли наврас додани донишҳои экологӣ оиди истифодаи мақсадноки табиат ва таъмини бехатари муҳими зист барои ҷомеаро дар бар мегирад.

Тозаву озода нигоҳ доштани олами атроф, муносибати ғамхорона ба набототу ҳайвонот, нигоҳдошти муҳити тозаи экологиро ба кӯдакон аз синни хурдсолӣ дар кӯдакистону оила бояд омӯхт. Имрӯз зарурати

ташаккули заминаи маърифати экологии кӯдакони синни томактабӣ ба ҳифзу ҳимояи арзишҳои табиат дар ҳамкории МТТ бо оила муҳим арзёбӣ мегардад. Дар «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ»[92] чунин оварда шудааст: «Маърифати экологӣ раванди доимии таълиму тарбия, ки барои аз худ кардан ва инкишофи донишу малакаҳои илмию амалӣ, таҳким ва рушди муносибати эҳтиёткоронаи инсон ба табиат ва муҳити зист равона шудаанд».[92,16]

Боиси ифтихор аст, ки Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид 21 декабри соли 2016 бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳоди Тоҷикистонро барои эълон доштани солҳои 2018-2028 чун соли «Об барои рушди устувор» қабул кард. Президенти ҷумҳурӣ таҳти шиори «Об-манбаи ҳаёт», «Соли об» эълон карда буданд ва чунин иброз доштанд: "Боварии комил дорам, даҳсолаи нав, ки ба масъалаҳои рушди устувор ва истифодаи ҳамгироёнаи захираҳои обӣ, метавонад барои расидан ба ҳадафҳои байналмилалии тасдиқшудаи марбут ба об мусоидат намояд" [164]. Ин чорабиниҳо бо мақсади ба кӯдакон намоиш додани зебоӣ ва арзишҳои зодгоҳи худ, инчунин бедор кардани муҳаббат ба он гузаронида мешаванд.

Мавриди баррасии асосҳои назариявӣ ва амалии мавзуъ оид ба ташаккули маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати диёр ихтилофҳои зерин ошкор ва мавриди таҳқиқ қарор ёфтанд:

- байни зарурати ташаккули маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ ва коркарди нокифояи роҳу усулҳои шинос намудани онҳо бо табиати Тоҷикистон;

- байни вазифаи тарбияи муносибати ғамхорона ба табиат дар кӯдакон ва набудани тарбияи одатҳои устувори экологӣ дар онҳо;

- байни зарурати ҳамкории МТТ бо оила дар ташаккули маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ ва сатҳи пасти иштироки падару модар дар ин раванд.

**Дарачаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Олимони зиёде тарбияи экологии кӯдакон ва насли наврасро омӯхтаанд. Дар давраи гузашта мо миқдори зиёди таҳқиқоти назариявӣ ва методологиро ҷамъ овардем. Ҷанбаҳои сершумори ин масъала омӯхта ва баррасӣ карда шудаанд. П.И.Агаларова [4], И.Д.Зверев [66], А.Г Маслеев [118], А.Н.Захлебний [62], Е.М.Кудрявтсева[89] ва дигарон ба таърифҳои маданияти экологӣ диққати худро ҷалб намуданд. С.Н.Николаева [137], В.Арсенева [10], Ҷ.Бердиев [4], К.Гадоев [38], С.Н.Николаева [140], В. Ясвин [213] ва дигарон принсипи оқилона ва самаранок истифода бурдани муҳити табиӣ ва сарватҳои табииро таҳқиқ намуданд.

Тарбияи экологиро дар заминаи шиносоӣ бо табиат В.А. Сухомлинский[191], А.Н. Леонтев[102], Л. Виготский[53], А.В.Запорожетс[55], В.В.Бианки[5] Т.М.Бондаренко[25] ва С.Э.Дадаева [49] омухтаанд. Диққати махсус ба муайянсозӣ ва мазмуни маърифати экологӣ аз ҷониби И.А. Абдусаломов [1], М.А.Абдурахмонова [2], А.Плешаков [149], И.Н Пономарева [155] ва Л.П.Печко [161] дода шуда буд.

Азбаски принсипҳои тарбияи экологӣ саҳми калон доранд, ба онҳо олимон, аз қабили А.Н.Рижова [166], А.Н. Н.Ф.Реймерс173], И.Д. Зверёв [66], Н.Н.Кондратева [84], Е.Е. Писменная [151], И.Т. Суравегина [185] низ мароқ зоҳир намуда буданд.

Дар робита ба коркардҳои методӣ ва такмили ҷанбаи амалии тарбияи экологии насли наврас асарҳои С.Н. Николаева, Н.А. Рижова, Л.Бобылева [23], В.И. Вересов [32], В.И. Ашиков [10], Т.Климова, Н.А. Таранкова [196], Ж.Л. Васякина [27] ва дигарон аҳамияти калон доранд.

Дар Тоҷикистон мушкилоти тарбияи экологиро М.Лутфуллозода [107], Ф.Шарифзода [47], У.Зубайдов [69], И.Х.Каримова [80], С.Холназаров, С.С.Мирзоев Б.Маҷидова [113], Н.Ғуломова [112],

Л.Таджибаева [47], З.Курбанова [91], Г.Қурбонова [95], М.Нарзуллоева [133], Х.Давлатова [47], М.А.Абдураҳмонова [1], С.С.Гулямов [44], М.Алимов ва дигарон масъалагузорӣ намудаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, аз ҷумла «Стратегияи рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» [190], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ» [100], Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [183], нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмонии Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар мавзуи «Асосҳои равонӣ-педгогии ташаккули асосҳои ҳифзи муҳити атроф дар кӯдакони синни томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон» амалӣ гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот:** таҳқиқи назариявию амалии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакон мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон мебошад.

Дар асоси мақсади таҳқиқот **вазифаҳои зерин** муайян шуданд:

- таҳлили адабиёти психологию педагогӣ ва методӣ вобаста ба мавзуъ;

- таҳқиқи ташаккули асосҳои маърифати экологӣ дар муассисаҳои таълимӣ ҳамчун масъалаи асосии педагогӣ;

- фароҳам овардани шароитҳои педагогӣ дар МТТ, ки барои ташаккули маърифати экологии кӯдакон мусоидат мекунанд;

- коркарди амсилаи педагогии “Ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакон”, ки аз ҷузъҳои - рушди маърифатӣ (инкишофи

дониш, маҳорат ва малака), рушди зеҳнӣ, эҳсосӣ ва арзи-шӣ (инкишофи дониш, маҳорат ва малака, эҳсосот аз зебогиҳои табиат, шавқмандӣ аз дидани расм, хондани шеър) ва рушди муоширати ва эҷодкорӣ (ташаккули қобилияти баён кардани таассурот ва дониш дар мавзуи экология (дар шакли суҳбат, нақл, расмкашӣ, суробсозӣ) дар ҳамкории МТТ бо волидон иборат мебошад;

- ташкил ва гузаронидани корҳои таҷрибавӣ дар асоси барномаи кории «Табиат хонаи мост", "Қадамҳои аввалин ба олами экология» оид ба ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакон мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон;

- ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот ва таъмини болоравии динамикаи ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакон мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон дар асоси натиҷаҳои бадастомада.

**Объекти таҳқиқот:** Ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон дар муассисаи таълимии томактабӣ.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот:** Таъмини шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон бо истифода аз технологияҳои педагогӣ.

**Фарзияи таҳқиқот:** Ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ дар он вақт босамар хоҳад буд, агар:

- ҳадаф ва вазифаҳо ба хусусиятҳои равонӣ ва физиологии кӯдакони синни калони томактабӣ мувофиқ бошанд;

- таъмини шароитҳои педагогӣ дар МТТ боиси тағйироти назаррас дар ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакон гардад;

- амсилаи педагогӣ, ки аз ҷузъҳои маърифати экологӣ - рушди зеҳнӣ (инкишофи дониш, маҳорат ва малака), рушди эҳсосӣ ва арзишӣ (ташаккули муносибат), ва рушди муоширати ва эҷодкорӣ дар ҳамбастагӣ бо истифода аз муҳити табиати Тоҷикистон мавриди озмоиш қарор дода шаванд;

- корҳои таҷрибавӣ оид ба ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакон мавриди шиносоӣ бо муҳити табиати Тоҷикистон дар асоси барномаи кории «Табиат хонаи мост", "Қадамҳои аввалин ба олами экология» баргузор шуда натиҷаи мусбӣ ба бор оваранд;

- натиҷаи корҳои бадастомада самаранокии истифодаи шароитҳои педагогӣ, амсилаи коркардшуда ва барномаи озмоиширо дар ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон тасдиқ намоянд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқот дар се марҳила – аз соли 2019 то соли 2024 баргузор гардид.

**Дар марҳилаи аввал (солҳои 2019-2020)** ҳолати масъала дар назария ва амалия, инчунин дар адабиёти илмию назариявӣ ва методӣ таҳлил гардида, аҳамияти мавзуи муайяншуда ба фаъолияти муассисаҳои таълимӣ муайян карда шуд. Илова бар ин, аппарати илмию консептуалии таҳқиқот таҳия гардида, заминаи меъёрии таҳқиқи ин проблема муайян карда шуда, мазмуни мафҳумҳои «маърифати экологӣ», «шароити педагогӣ», «донишҳои экологӣ» аниқ карда шуда, робитаи маърифати экологӣ ва табиати диёри Тоҷикистон ошкор карда шуданд.Ҷузъҳои маърифати экологӣ муайян карда шуда, таҳлили муқоисавии барномаҳо ва воситаҳои таълим гузаронида шуд.Таъсири муассисаҳои таълимӣ дар ҳамкорӣ бо оила оид ба дарки объектҳои табиати зинда ва ғайризинда, ташаккули асосҳои маърифати экологӣ таҳлил карда шуд.

**Дар марҳилаи дуюм (солҳои 2020-2022**) равиши илмӣ – таҳқиқотӣ оид ба омӯзиши моҳияти маърифати экологӣ ва хусусиятҳои инкишофи он ҳамчун яке аз масъалаҳои педагогӣ амалӣ карда шуд. Вазъияти инкишофи маданияти экологӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва ибтидоӣ (синфҳои ибтидоӣ) низ ҳаматарафа омӯхта ва таҳлил шуд.

Нақшаи ташкил ва гузаронидани кори таҷрибавӣ тартиб дода шуда, шумораи кӯдаконе, ки дар озмоишҳои асосӣ иштирок мекунанд, муайян карда, асоси гузаронидани озмоиш муайян карда шуд. Хусусиятҳои

табиати Тоҷикистонро ба инобат гирифта, барои ташаккули асосҳои маданияти экологӣ шароитҳои педагогии корӣ муайян карда шуд.

**Марҳилаи сеюм (2022-2024)** ташкил ва гузаронидани корҳои таҷрибавӣ дар муассисаҳои пойгоҳиро дар бар гирифт. Натиҷаи таҷрибаҳо ва марҳилаҳои онҳо дар диаграммаҳо, ҷадвалҳо оварда шудаанд. Натиҷаи кори таҷрибавӣ ба маводи амалӣ ва замимаҳо дохил карда шуданд. Дар асоси Барномаи кории таҳияшуда озмоишҳои асосӣ оид ба ташаккули асосҳои маърифати экологӣ баргузор ва натиҷагирӣ шуданд. Хулоса ва тавсияҳо тартиб ва пешниҳод шуданд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро инкишофи назарияи маданӣ-таърихӣ (Л.С.Вигосткий), назарияи инкишофи зеҳнӣ (Жан Пиаже), муносибати фаъолона (А.Леонтев), педагогикаи гуманистӣ (В.Сухомлинский), педагогикаи дарки мустақилона (М.Монтессори), принсипи ягонагии шуур ва фаъолият (С.Рубинштейн), ташкил медиҳад.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Муносибати систематикӣ ба фаъолияти инсонпарварона ба рушди шахсият дар маҷмуъ, аз ҷумла дар фазои бисёрфарҳангӣ мебошад. Муқаррароти умумӣ ва мушаххаси методологӣ, масъалаҳои асосии назарияи равиши системавӣ (В.И. Нечипоренко, Ю.А. Урманцев, А.И. Улемов ва дигарон), назарияи ҳамкории ҷомеа ва табиат (В.И. Вернадский, Е.Л. Гирусов, В.П. Казначеев, Н.И. Моисеев, Н.И.М. (А.Н. Захлебний, И.Д. Зверев, Л.С. Моисеева, А.В. Миронов, В.М. Назаренко, И.Т. Суравегина ва дигарон), баррасии ҳамаҷонибаи мушкилоти ворисӣ (А.В. Батаршев, И.Т. Гайсин, Б.С. Гершунский, С.М. Лушников).

**Сарчашмаи маълумот.** Санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф; осори илмӣ ва педагогии мутафаккирони халқи тоҷик, инчунин олимони давлатҳои дигар дар давраҳои мухталиф; андешаҳои таҳқиқотчиён оид ба консепсияи таълими экологӣ; таҳқиқот ва дастовардҳои методии олимон - педагогҳо, психологҳо, сотсиологҳо, экологҳо, инчунин санадҳои

меъёрию ҳуқуқии амалкунанда дар соҳаи тарбияи экологӣ ва тарбияи аҳли ҷамъият. Таҳқиқоти фундаменталии педагогҳо, равоншиносон, мутахассисон ва таҷрибаи пешқадами мутахассисони зинаи таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоӣ.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Кори таҳқиқотӣ ба воситаи маълумоти дар асоси таҷриба, гузаронидани озмоишҳо ва омӯхтани таҷрибаи навоваронаи омӯзгорон ба даст оварда ва ба расмият дароварда шуд. Дар рафти омӯзиш аз методҳои зерини таҳқиқот истифода бурда шуданд: таҳлили адабиёт ва сарчашмаҳои илмию методӣ, мушоҳида, суҳбат, анкета, пурсиш, таҷрибаҳои педагогӣ, усулҳои таҳлили миқдорӣ ва сифатӣ ва ғайра.

**Пойгоҳи таҳқиқотӣ.** Асоси таҳқиқотро корҳои таҷрибавӣ дар заминаи муассисаҳои таълимии томактабии шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ташкил медиҳанд. Санҷиши методикаи коркардшудаи таҳқиқот дар муассисаҳои таълимии томактабии №№67,45-и шаҳри Душанбе, №8-и шаҳри Ваҳдат аз сентябри соли 2021 то июни соли 2024 гузаронида шуд. Миқдори интихоб дар марҳилаи озмоиши асосӣ (солҳои 2023-2024) 50 нафар кӯдакони синни калони томактабӣ (аз 5 то 7 сола), 6 нафар мураббия ва 30 нафар волидонро ташкил дод.

**Навгонии таҳқиқот бо он асос меёбад, ки:**

- раванди ташаккули маърифати экологӣ дар синни калони томактабӣ ҳамчун яке аз масъалаҳои асосии педагогӣ ҳамаҷониба таҳлил карда мешавад;

- метод ва усулҳои самарабахши таълим, инчунин воситаҳои дидактикии ташаккули асосҳои маърифати экологӣ дар асоси истифодаи муҳити табиати Тоҷикистон муайян ва истифода шуданд;

- шароитҳои педагогии инкишофи самарабахши асосҳои маърифати экологӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ дар ҳамкорӣ бо МТТ бо оила татбиқ гардиданд;

- амсилаи педагогии “Ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакон”, ки аз ҷузъҳои - рушди маърифатӣ, рушди зеҳнӣ, эҳсосӣ ва

арзишӣ ва рушди муошират ва эҷодкорӣ иборат аст, дар ҳамкории МТТ бо волидон иборат мебошад коркард ва татбиқ гардид;

- Барномаи кории «“Табиат хонаи мост”, Қадамҳои аввалин ба олами экология», бо назардошти ҳамгироии машғулиятҳои таълимӣ, сайругашт, саёҳат ба табиати Тоҷикистон бо истифода аз асарҳои адабиёти бадеӣ, бозиҳои миллӣ, одату анъанаҳо мураттаб ва мавриди санҷиш қарор ёфт.

- натиҷаҳои бадастомада дар таҳияи барномаҳо ва воситаҳои таълимӣ оид ба тарбияи экологӣ дар МТТ мавриди истифода қарор меёбад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакон мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон таҳқиқ мегарданд;

- шароитҳои педагогие, ки татбиқи босамари амсилаи педагогии “Ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакон”, ки аз ҷузъҳои - рушди маърифатӣ, рушди зеҳнӣ, эҳсосию арзишмандӣ ва рушди муошират ва эҷодкорӣ дар кӯдакони синни томактабӣ иборат аст, дар ҳамкории МТТ бо волидон таъмин менамоянд;

- истифодаи технологияҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ, ки зимни баргузории корҳои озмоишии Барномаи “Табиат хонаи мост. Қадамҳои аввалин ба олами экология” истифода мегарданд;

- натиҷаҳои қисми озмоиши асосии таҳқиқот, ки самаранокии истифодаи шароитҳои педагогӣ, амсилаи коркардшуда ва барномаи озмоиширо дар ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон тасдиқ мекунанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар дарки амиқ ва ҳамаҷонибаи мазмуни «таълими экологӣ» ва «маърифати экологӣ» мебошад. Ҷузъҳои маърифати экологӣ дар заминаи ошноӣ бо муҳити

табиати Тоҷикистон омӯхта шуданд. Дар рисола шарҳҳои гуногуни мафҳумҳои «дониши экологӣ», «фарҳанги экологӣ», «маданияти экологӣ» ва «маърифати экологӣ» баррасӣ ва пешниҳод карда мешаванд. Ғайр аз ин, тадриҷан таҳияи заминаи консептуалии марбут ба таълиму тарбияи экологӣ аниқ ва принсипҳои интихоби шароитҳои педагогӣ асоснок карда шудаанд. Таҳқиқоти пешниҳодшуда метавонад камбудиҳои мавҷударо дар масъалаҳои ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабиро пурра кунад. Аҳамияти амалӣ дар таҳия ва татбиқи шароитҳои мушаххаси педагогӣ, ки ба инкишофи донишҳои экологӣ ва ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ ва хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳангоми шиносоӣ бо табиати диёри худ нигаронида шудаанд, ифода меёбад.

**Арзёбии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон дод, ки** истифодаи принсипҳои асосии илмҳои равоншиносӣ, педагогӣ ва экологӣ; истифодаи дастаҷамъонаи гурӯҳи методу усулҳои таҳқиқоти илмӣ (таҳлил, мушоҳида, таҷрибаи педагогӣ, коркарди сифатӣ ва омории натиҷаҳои бадастомада); санҷиши маълумоти бадастомада бо мутобиқсозии минбаъдаи он ба шароитҳои педагогии муассисаҳои таълимии Тоҷикистон (МТТ ва МТМУ); ба динамикаи болоравии мусбати нишондиҳандаҳои ташаккули асосҳои маърифати экологӣ дар марҳилаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ мусоидат мекунанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба шиносномаи 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста аз соҳа ва сатҳи таҳсилот) - 6D010101.01-Назария ва методикаи таҳсилоти томактабӣ)), аз он ҷумла, ба банди 4.1. – Назария, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ; асосҳои психологӣ-педагогӣ ва хусусиятҳои ташаккули шахсияти кӯдак аз рӯзи таваллуд то давраи гузариш ба зинаи таҳсилоти ибтидоӣ; банди 4.3. – Махсусияти ҳамкории ниҳодҳои

иҷтимоӣ вобаста ба таълиму тарбияи кӯдакони синну соли томактабӣ; банди 4.6. - Коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки тарбия ва таълими кӯдакон мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ ва давраҳои гуногуни синну солӣ мувофиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаб** аз иштироки бевоситаи ӯ дар марҳилаҳои таҳқиқот, аз ҷумла банақшагирӣ, интихоб ва асосноккунии мавзуъ, тартиб додани нақшаи рисола, муайянсозии ҳадаф, вазифа, объект ва мавзуи таҳкиқот, баргузории таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва ба низом даровардани натиҷаҳои маълумоти таҷрибавӣ ва коркарди онҳо, ҷамъбаст ва таҳлили натиҷаҳои озмоиши педагогӣ иборат мебошад. Тавсияҳои методӣ, инчунин маводи амалӣ (дар замима) метавонанд ба кори педагогӣ ва тарбиявии ҳам мураббиёни муассисаҳои томактабӣ ва ҳам омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ кӯмаки методӣ расонанд ва дар мавридҳои ташкил ва гузаронидани экскурсияҳо, мушоҳидаи табиат дар самти экология; хониши курсҳо оид ба таълими экология барои мураббиёни МТТ ва омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ; таҳияи барномаҳо ва воситаҳои таълимӣ оид ба тарбияи экологӣ дар муассисаҳои томактабӣ ва синфҳои ибтидоӣ истифода шаванд.

**Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои кор дар шуроҳои педагогӣ ва курсҳои такмили ихтисоси мураббиёни МТТ ва МТМУ (синфҳои ибтидоӣ) мавриди санҷиш қарор ёфтанд. Гузориш ва муҳокимаҳои мунтазам дар ҷаласаи шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, семинарҳои илмӣ-методии Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ, дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ доир ба масъалаи таҳқиқшаванда ироа гардиданд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муаллиф аз рӯи мавзуи таҳқиқот 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақоларо дар нашриёҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Паёми

Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба нашр расонд. Инчунин мазмуни кори диссертатсионӣ дар конференсияҳо ва семинарҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ пешниҳод ва баррасӣ шуданд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия:** Рисолаи илмии мазкур муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулосаю тавсияҳо, рӯйхати адабиёт ва замимаро дар бар мегирад. Ҳаҷми кор аз 190 саҳифа иборат буда, дар он 10 расм, 7 ҷадвал ва 5 диаграмма ва 4 нақша ҷой дода шудаанд.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАРБИЯИ АСОСҲОИ ЭКОЛОГИИ КӮДАКОН ДАР МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ТОМАКТАБӢ

## 1.1. Таҳлили адабиёти психологӣ, педагогӣ ва методӣ оид ба масъалаи тарбияи экологии насли наврас

Дар даҳсолаи охир ба ҳифзи муҳити зист, бахусус баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад, зеро некӯаҳволӣ ва саломатии мардум аз он вобаста аст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи муҳити зистро дар мақоми сиёсати стратегии худ қарор дода, саъю кӯшиши зиёд ба харҷ медиҳад ва барои ободонии он пайваста ғамхорӣ мекунад.

Дар даврони истиқлолияти кишвар як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ қабул ва амалӣ гардиданд, ки барои ҳифзи муҳити зист ва шароити мусоиди зиндагии мардум заминаи устувор фароҳам оварданд. «Барномаи давлатии маҷмӯии рушди маърифати экологӣ ва баланд бардоштани маърифатнокии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» ба ташаккули ҷаҳонбинии ҳамаҷониба ба тарзи нави зиндагии ҷомеа, беҳбудии вазъи экологӣ ва фароҳам овардани шароити мусоиди зиндагӣ барои аҳолии минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ мебошад.

Дар марҳалаи ҳозираи тараққиёти ҷамъият проблемаи умумиҷаҳонии таълиму тарбияи экологӣ ба миён омадааст. Инсон ягона мавҷудоти биологӣ дар рӯи замин аст, ки дар раванди инкишоф қонунҳои экологияро риоя намекунад. Дар даврони пешрафти босуръат, ки тафаккури инсонӣ дар илм, техника, тиб ва кайҳон ба сатҳи баландтарини технология расидааст, инсоният дар донишҳои экологӣ ҳарчи бештар камбудиҳоро ҷамъ мекунад. Аксарияти мардуми ҷаҳони имрӯза аз дониш ва малакаҳои экологӣ бохабар нестанд.

Китоби Сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон [81] ҳуҷҷати расмии давлатиест, ки дар он маълумот дар бораи намудҳои нодири набототу

ҳайвоноти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ҳифз ниёз доранд, иборат мебошад. Зарурати ҳифзи намудҳои нодири набототу ҳайвонотро ба назар гирифта, 1 марти соли 1979 бо қарори Шурои Вазирони Тоҷикистон «Китоби Сурхи Тоҷикистон» таъсис ёфт.[77] Нашри нахустини Китоби Сурхи Тоҷикистон тақрибан 30 сол боз дар ҳифзи гуногунии биологии Тоҷикистон нақши муҳим бозидааст. Дар ин маврид чунин қайд гардидааст: «Табиат манбаи адонашавандаи сарват нест ва захираҳои он маҳдуд мебошанд. Бинобар ин, фаъолияти инсон дар табиат бояд оқилона, эҳтиёткорона ва эҷодкорона бошад. Муносибати оқилона ба табиат бояд аз кӯдакӣ тарбия карда шавад. Инсон маҳз аз ҳамин синну сол ба қадри зебоӣ ва гуногунии табиат оғоз мебахшад. Муносибати ғамхорона ба табиат вақте оғоз меёбад, ки кӯдак ҳар рӯз аз калонсолон ва аъзоёни оила намунаҳои муносибати мусбӣ ба табиатро мушоҳида мекунад». [81,22]

Мақсади тарбияи экологии кӯдакони синни томактабӣ ин ташаккул додани маърифати экологӣ дар асоси консепсия, ки одамон на шоҳи табиат, балки танҳо унсури он, узви ҷомеаи он мебошанд. Одамон бояд фаҳманд, ки ҳар як организм дар сайёраи мо ҳуқуқи ҳастиро дорад ва ин ҳуқуқро бояд эҳтиром кунем. «Вазифаи асосии тарбияи экологии кӯдакони синни томактабӣ аз он иборат аст, ки дониш дар бораи табиат ва ташаккул додани муносибати муайян ба он. Тарбияи кӯдакони синни томактабӣ инҳоро дар бар мегирад: ақидаҳои ибтидоии илмӣ ва табиӣ дар бораи олами атроф, дониши экологӣ дар бораи олами атроф (муносибатҳо, вобастагӣ). Дар асоси дониш муносибат ба табиат тарбия карда мешавад». [77,32]

Бо дарназардошти таъхирнопазирии ҳалли ин масъала, Санади ҳифзи муҳити зист (2014) ва дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шуданд, ки ба ҳалли масъалаҳои ҳифзи муҳити зист нигаронида шудаанд. Дар Барномаи комплексии давлатии рушди маърифати экологӣ ва тайёрии касбии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таълими ҳар як шахс вобаста ба ҷои истиқомат ва кор, инчунин қабули

қарорҳои оқилона дар соҳаи ҳифз ва истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ пешбинӣ шудааст.

Вақтҳои охир соҳаи маорифи экологӣ ва маърифатнокии аҳолӣ, бахусус насли наврас мавқеи худро дар раванди таълим мустаҳкам кардааст. Агар дар ибтидои солҳои 2000-ум бисёриҳо дар бораи моҳияти маърифати экологӣ дарки дақиқ надоштанд, имрӯз бо итминон метавон гуфт, ки аҳолӣ дар бораи экология ва мушкилоти он донишҳои оддитарини ибтидоиро пайдо кардаанд. Вазифаҳои «Принсипи бефосилаи тарбия ва маърифати экологӣ аз зарурати мутобиқшавии инсон ба муҳити зисти доимо тағйирёбанда сарчашма мегирад. Тарбияи экологӣ якчанд вазифаро талаб менамояд: пеш аз ҳама шахсро бояд чунон тарбия намуд, ки вобастагии инсону ҷамъият ва табиатро дарк намояд, нисбат ба ҳолату вазъи муҳити атрофаш масъулияти ҷиддиро ҳис кунад. Ҷабҳаҳои тарбияи экологӣ он вақт ба ҳадаф мерасад, ки бефосила бошад, аз синни томактабӣ шурӯъ шуда, дар донишкадаву донишгоҳҳо давом кунад». [84,32]

Бояд қайд кард, ки табиат ва хусусиятҳои он ҳамеша барои инсон манбаи омӯзиш ва тарбия мебошанд. «Ҳар як инсон дар оғӯши табиат ба воя мерасад, аз неъматҳои он баҳра мебардорад ва бо тароватҳои табиат камол меёбад. Ин хусусияти инсонсозии табиат аст, ки мо – одамон бояд ба омӯзиши нуктаҳои муҳимми он таваҷҷуҳи хос намоем, кӯдакону наврасонро дар руҳияи табиатдӯстӣ тарбият намоем ва ин неъмати аслии зиндагиро пайваста омӯзему ба он арҷ гузорем». [45,15]

Пеш аз ҳама муносибати инсондустӣ, яъне муносибати бошуурона, дуруст, дилсузӣ, шуури экологиро нисбат ба табиат тарбия кардан лозим аст. Огоҳии муҳити зист муносибати эмотсионалии кӯдакон, амалҳои амалӣ ва рафтори табиатро дар бар мегирад. Дониш ва маърифати экологии азхудшуда фаҳмиши кӯдаконро дар бораи арзиши табиат ва ҳаёт, малакаву маҳорат дар муносибат бо табиат, рафтори аз ҷиҳати экологӣ салоҳиятдор дар табиат ва масъулият дар назди табиатро ташаккул медиҳад.

Ҳарчанд дар таҳқиқи назария ва амалия, мазмун ва методологияи тарбияи экологӣ дар даҳсолаҳои охир дастовардҳои назаррас дида шавад ҳам, имрӯз ба баъзе ҷанбаҳои он дахолати фаврӣ талаб карда мешавад. Дар байни онҳо тарбияи экологии бачаҳо, инкишофи маданияти экологӣ, ҷустуҷӯи шароитҳои педагогиро бояд зикр кард. Ин ҷонибҳо низ ба далели камбудиҳои мавҷуда дар инъикоси мундариҷаи онҳо баррасии дақиқро тақозо мекунанд.

Дар тули таърихи дуру дароз файласуфони барҷаста ба ҷонибҳои гуногуни тарбияи экологӣ аҳамияти махсус зоҳир намуданд. Аз ҷумла, Аристотел, Сукрот, Афлотун, Ҷон Локк ва Роберт Деарт, Гегел, Фейербах ва бисёр файласуфони дигар дар асарҳои худ нақши тарбияи экологиро дар кӯдакон таъкид намуданд.

Таҳлил бори дигар таъкид мекунад, ки проблемаи тарбияи экологӣ «бо решаҳои худ» ба замонҳои қадим меравад, зеро он ҳамеша бо проблемаҳои зисту зиндагонии одамон алоқаманд буд. Жан-Жак Руссо, «Ҳама чиз дар дасти Офаридгор хуб аст, ҳама чиз дар дасти инсон хароб мешавад» [98,21], яъне муносибати масъулиятнокро нисбат ба табиат аз кӯдакӣ тарбия кардан муҳим аст.

Зимни таҳлили маълумотҳои таърихӣ ва мутолиаи дастнависҳо бояд қайд намуд, ки пандномаҳои насли калонсолон ба хурдсолон дар дохили худ аввалин «заррачаҳои хурд»-и тарбияи экологиро доштанд . Бо мурури замон, бодиянишинии қабилавӣ метавонад ҳамчун роҳи ҳалли мушкилоти экологӣ баррасӣ шавад. Сабаби кӯчманчигӣ майл надоштан ба нобуд кардани табиат буд. Вақте ки сарватҳои табиии гирду атроф дар арафаи нестшавӣ қарор доштанд, қабила барои пайдо кардани ҷойҳои беҳтар ҳаракат мекард. Дар ин муддат табиат аз нав барқарор мешуд ва онҳо боз бармегаштанд. Дар тамоми ин муддат кӯдакон зери назари калонсолон ва рафтори онҳо намунаи ибрат буд. Табиатро дӯст доштан ва ба бародарони хурди худ зарар нарасонданро аз калонсолон ёд мегирифтанд.

Азбаски инсон дар остонаи инкишофи худ ба табиат аз ҳама наздик буд, таъсири мутақобилаи онҳо хусусиятҳои мусбат дошт ва дар бораи пайдоиши проблемаҳои экологӣ сухан гуфтан ҷоиз набуд. Оҳиста-оҳиста, вақте ки инсон тасмим гирифт, ки қисмати зиёди табиатро ба худ мутеъ кунад ва ҳавасу хоҳишҳои худро қонеъ кунад, табиат «исён кард».

Имрӯзҳо бетартибиҳои табиат дар офатҳои табиӣ зуҳур мекунанд, ки инсоният наметавонад ба онҳо муқобилат кунад. Гарчанде, ки як вақтҳо ба кӯдакон оддитарин қоидаҳои рафторро дар табиат меомӯхтанд, вале имрӯз вазифа аз он иборат аст, ки на танҳо фаҳмонидани қоидаҳои «чӣ хуб асту чӣ бад аст» фаҳмонида шавад. Вазифа имрӯз маҳз дар гузоштани «асосҳои фарҳанги экологӣ», хоҳиши ёрӣ расондан ба кӯдакон дар фаҳмидани зарурият ва сари вақт андешидани чораҳои дуруст нисбат ба объектҳои табиат мебошад.

Сарфи назар аз дер пайдо шудан ва фаъол шудани истилоҳи «тарбияи экологӣ» дар адабиёти тоҷик чунин равия мушоҳида мешавад: дар фалсафа, назм ва илм табиат мақоми арзиши маънавию ахлоқиро гирифтааст. Дар таърихи адабиёти тоҷик баҳорияе бо номи сардафтари адабиёти классики тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ саб шудааст, ки дар он баҳор бо тамоми рангорангӣ ва ҷилову тобишаш ба қалам дода шудааст. Аз ҷумла, устод Рӯдакӣ дар тавсифи баҳор чунин овардааст:

«Омад баҳори хуррам бо рангу бӯйи тайиб,
Бо сад ҳазор нузҳату ороиши аҷиб». [255]

Дар ин радиф, табиб, шоир Абуалӣ ибни Сино чунин мефармояд: «Табиат табиб аст. Одам танҳо ба ӯ кӯмак мекунад. Дониш дар бораи гиёҳҳо мисли шинохти ситорагон аст: он дақиқият ва эҳтиромро талаб мекунад».[65]

Ҷамъияти муосир бе шуури нав зинда монда наметавонад. Барои қабули қарорҳои дуруст зарур аст, ки дониши экологӣ ва маърифати экологиро инкишоф дод. Дар адабиёти илмӣ мафҳумҳои «дониши экологӣ», «тарбияи экологӣ», «маданияти экологӣ» ва «маърифати

экологӣ» зуд-зуд вомехуранд. Ин истилоҳот дар раванди таълим ҳам аз ҷониби муассисаҳои таълимӣ ва ҳам аз ҷониби волидон васеъ истифода мешавад. Он дар ҳама гуна баҳс дар бораи тарбия ва таълим истифода мешавад. Аммо ягона камбудӣ, ба назари мо, он аст, ки тафсири ин мафҳумҳо гуногунҷабҳа аст ва аз ин рӯ, равишҳо ба татбиқи он низ вобаста ба фаҳмиши инфиродии ҳар як мафҳуми инфиродӣ гуногун мешаванд.

Аз сабаби осон будани фаҳмиши раванди таълими экологӣ то ҳол тафсири ягонаи ин истилоҳ муайян карда нашудааст. Ҳангоми пурсиш, ки дар мавзуи тарбияи экологӣ гузаронида шуд, чунин ҷавобҳо гирифта шуданд: Тарбияи экологӣ ин «Ба кӯдак фаҳмондан аст, ки ӯ растаниро набояд шиканад, зеро ин кори хуб нест», «ба об чизе напартояд, ки об ифлос мешавад», «… ба калонсолон нишон додани он, ки барои наҷоти муҳити зист чӣ бояд кард», «тарбия ва фаҳмондани он, ки чӣ тавр бояд корро дуруст анҷом дод» ва ғайра.

Ҷавобҳои пешниҳодшуда моҳияти фаҳмиши аҳолӣ дар бораи истилоҳи «тарбияи экологӣ»-ро ошкор мекунанд. Таҳлили дақиқи посуххо маълум кард, ки ҳар як изҳорот ба таври ғайримустақим «тарбия кардан» ё «тарбия»-ро дорад, яъне фаҳмиши тарбияи экологӣ тавассути объекти раванди тарбия сурат мегирад.

Зимнан, таъсири ин мафҳум аз ҷониби олимону муҳаққиқон дар адабиёти илмӣ низ гуногунрангии андешаҳоро нишон медиҳад:

«-Тарбияи экологӣ – дониш оид ба мавҷудоти зиндаи ба кӯдак наздик, дар муносибати онҳо бо муҳити зист ва дар ин асос инкишоф додани шаклҳои дурусти муносибатҳои мутақобила мебошад;

- Тарбияи экологӣ – тарбияи муносибати инсондӯстона ба табиат» (тарбияи ахлоқӣ; ташаккули системаи дониш ва ғояҳои экологӣ (инкишофи зеҳнӣ); ташаккули ҳиссиёти эстетикӣ (қобилияти дидани зебоӣ, мафтуншавӣ, хоҳиши нигоҳ доштани он); иштироки кӯдакон дар фаъолиятҳои амалии марбут ба нигоҳубини растаниҳо ва ҳайвонот ва ҳифзи табиат мебошад». [67;76,98]

Виталий Бианки асосгузори адабиёти советии табиатшиносони бачагона мебошад, гарчанде ки пеш аз ӯ дар бораи парандагон, ҳайвонот ва набототнавишта буданд. Муваффақияти Бианки дар он аст, ки ба ӯ муяссар гардид, ки ҳамоҳангии олами табиат, гуногунрангӣ ва ҷолибияти онро нишон дода, кӯдакро ба ин ҷаҳон ворид намояд. Кӯдакон китобҳои В.Бианкиро мутолиа намуда, бори аввал ба олами ҳайвонот, парандаҳо, ҳашарот ва набототворид мегарданд.

Муаллиф дар бораи онҳо на танҳо нақл мекунад, балки хонандагони хурдсолро нотарсона ба дарки аввалин ва таҳлили оддии ҷамъбастӣ роҳнамоӣ мекунад. Аз ҷониби В.Бианки нашрияи «Рӯзномаи ҷангал» чоп мегардид, ки мазмуни онро муаллиф чунин шарҳ дода буд: «Рӯзномаи ҷангал» китоби бозӣ аст: хонанда набояд ғайрифаъол бошад. Хонанда бояд пайваста ба мушоҳида ва машғулиятҳои амалӣ ҷалб карда шавад, зеро дар он маслиҳатҳои муфид дар бораи олами ҳайвоноту парранда, мушоҳидаи обу ҳаво пешниҳод мегардад».[20,54]

Бояд таъкид кард, ки гуногунии консепсияҳои таълими экологӣ имкон медиҳад, ки равандро бисёрҷанба ҳисоб кунем. Таърихнигорӣ нишон медиҳад, ки мушкилоти арзишҳо ва маърифати шахсият ва баъзе ҷанбаҳои омӯзиши он дар осори равоншиносону педагогҳо, шоирону нависандагон, файласуфон ва мутафаккирон инъикос ёфтааст.

Афсонаи «Амон-Ра «Ривоят дар бораи санг» [12; 49] диққатро ба зебоии табиии диёраш Кавказ, ҳамчун яке аз сарватҳо равона месозад. Тавсиф дар эпизодҳои кӯтоҳ оварда шудааст, ки кӯдакро таълим медиҳад, ки ба ҷузъиёти ба назар нонамоён таваҷҷӯҳ зоҳир кунад ва ватандӯстиро дар ӯ тарбия мекунад.

Табиатшиноси рус М.Пришвин дар мавриди муҳофизати табиат чунин баён мекунад: «Мо соҳиби табиати худ ҳастем ва он барои мо махзани Офтобро мемонад, ки пур аз ганҷинаи ҳаёт аст. Ин ганҷинаи бебаҳоро ҳифз кардан кам аст, дари онро кушодан ва намоиш додан лозим аст. Ба моҳӣ- об, ба паранда – ҳаво, ба ҳайвоноти ваҳшӣ –

бешазор ва кӯхсор, ба одам – Ватан лзим аст. Пас, ҳифзи табиат ҳифзи Ватан аст».[176,56]

Мария Монтессори мегӯяд: «Кӯдаке, ки бо табиат тамос мегирад, ҳамоҳангтар мешавад», яъне муносибат бо табиат ба рушди маърифати экологӣ мусоидат мекунад. [126,43]

Ба таҳлили равиши психологии омӯзиши чараёни тарбияи экологӣ мурочиат кардан бамаврид аст. Аз нуктаи назари психологӣ, ба сатҳи маърифати экологӣ тавачҷӯҳ, ҳавасмандӣ ва муносибати шахсӣ таъсир мерасонад. Л.С. Виготский: таъкид мекунад: «Кӯдак тавассути фаъолият олами атрофро дарк мекунад» [36], яъне омӯзиши экологӣ тавассути амалия (мушоҳида, нигоҳубини растаниҳо ва ғ.) самаранок аст.

Ҳамчунин бояд қайд кард, ки муносибати арзишмандии кӯдакони синни томактабӣ ва мактаббачагонии хурдсолро ба объектҳои табиӣ бо хусусияти амалҳои ичрокардаашон шарҳ додан мумкин аст, зеро дар ин ҳолат эҳсосот, дониш ва амалҳо хеле самаранок мебошанд.

Дар чадвали зер шарҳи назари олимон ва муҳаққиқон оид ба тарбияи экологӣ оварда шудааст.

Чадвали 1

| **Олимон ва Таҳқиқотчиён** | **Назари олимон ва муҳаққиқон оид ба таълими экологӣ** |
|---|---|
| Монтеске | Тарбия бояд тавассути раванди омӯхтани табиат, робитаи зич бо он ба даст оварда шавад: «...табиатро омӯзад, аз он чизи муҳимтаринро гирифта, одам ба табиат тақлид мекунад». |
| И. Кант | «Ҳар чизе, ки дар табиат мавчуд аст, бояд дар ибтидо барои ягон ҳадафи муфид пешбинӣ шуда бошад» [50; 187] – яке аз постулатҳои ояндаи рафтори экологӣ. |
| А. Рӯдакӣ (858-941) | Бо ашъори ӯ ошноии кӯдакон ба он равона шудааст, ки маҳорати мушоҳидагӣ ва дарки зарурати мавчудияти табиат дар ҳаёти инсон дарки онҳост. |

*Давоми ҷадвали 1.*

| | |
|---|---|
| Абуалӣ ибни Сино (980-1037) | Ӯ тавсия додааст, ки таваҷҷӯҳи насли наврас ба пайвастагии занҷири табиӣ ҷалб карда шавад, ки дар он ҳар як ҳалқа вазифаи мушаххасро иҷро мекунад. |
| Носири Хусрав (1004-1088) | Ӯ диққатро ба муносибати оқилона истифода бурдани сарватҳои табиӣ ҷалб намуда, алоқаи олами беруна ва дохилиро нишон дод. |
| Камоли Хуҷандӣ (1320-1400) | Дар бораи чӣ гуна ифлосшавӣ ва камбизоатӣ дар иҳотаи ҷаҳон ва таъсири манфии онро ба саломатии инсон гуфтааст. |
| Абдураҳмони Ҷомӣ (1414-1492) | Ӯ даъват кардааст, ки ба ҳар як объекти табиат диққати махсус дода шавад. |
| Ян Амон Коменский | Даъват кардааст, ки ҳангоми шиносоӣ бо табиат ба принсипи дидактикии «аз оддӣ ба мураккаб» риоя карда шавад, зеро «табиат намеҷаҳад, балки тадриҷан пеш меравад». Минбаъд ин мавқеи муҳими экологӣ дар робитаи байни инсон ва табиат, ҷудонопазирии байни онҳо мегардад. [ 54 ] |
| Ж.Ж. Руссо, Г. Песталоцци, Ф. Дистерверг, А. Гумбольд | Ин гурӯҳи олимон зарурати тарбияи «ҳисси табиат»- ро тасдиқ намуда, онро бо «таъсири олиҳимматона ба инсон» шарҳ медоданд; принсипи асосӣ «мутобиқ будани одам бо табиат» ҳисоб мешуд. |
| В.Г.Белинский, А.И. Герцен, Н.А.Добролюбов, Д.И. Писарев, Н.Г.Чернышевский | Онҳо зарурати бо протсесси таълим пайваста-ни донишҳои табиатшиносиро тарафдорӣ намуда, таъсири онро аз ҷиҳати ахлоқӣ ҳамчун ҷиҳати пешбарандаи муносибати байни кӯдакон ва табиат нишон доданд. |
| К.Д. Ушинский | Даъват кардааст, ки дониши илмҳои табиатшиносӣ ва инсонӣ, бе раъд кардани эътиқод, анъана, расму ойин ва фолклорро дар бар гирад. Дар китобҳои машғулиятии таҳиякардаи ӯ «Каломи модарӣ» ва «Олами кӯдакон» тамоюли татбиқи донишҳои табиатшиносӣ дар ҳаёти ҳаррӯза аён аст (101, с.110). |

*Давоми ҷадвали 1.*

| | |
|---|---|
| К. Паустовский | Дарки табиат ва муносибати инсонпарварона, ғамхорона нисбат ба он яке аз унсурҳои ахлоқ, ҷузъи ҷаҳонбинии кас мебошад». Дараҷаи муносибати одам бо табиат дараҷаи маънавиёт ва маданияти ботинии одамро муайян мекунад. |
| Д.Н. Кайгородов (1901) | Ӯ барои мактабҳои миёна барномаи таълимии табиатшиносӣ ва китоби машғулиятиро тартиб дода, ба омӯзиши «ҷамъиятҳои табиат» (ҷангал, марғзор, боғ) диққати калон дода, муносибати байни инсон ва табиатро шарҳ додааст. Ӯ инчунин пешниҳод намудааст, ки табиат дар заминаи динӣ омӯхта шавад. |
| В.М. Шимкевич | Барномае тартиб дод, ки дар он синфи якум табиати ғайризинда, дар синфи дуюм олами наботот ва дар синфи сеюм олами ҳайвонот ва одамон омӯхта мешуд. |
| В.В. Половцев | Ӯ дар зери назари «методи биологӣ» асосҳои таълиму тарбияи экологиро гузошт, ки ҳангоми омӯзиши далелҳои табиӣ дар робита ва вобастагии байниҳамдигарӣ сурат гирифт. |
| Н.И. Вавилов, В.И. Вернадский, К.А. Тимирязев [ 25,17] | Дар солҳои 20-30-юм дар омӯзиши курси «табиатшиносӣ, ҷамъиятшиносӣ» ба истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ афзалият дода шуд, бинобар ин он давраро «идоракунии табиат» меномиданд. Ин равиш дар кӯдакон малакаҳои истеъмолиро инкишоф дода, муносибати ратсионализаториро аз байн бурд. |
| Н.М. Верзилин, И.Я. Габев, А.П. Момотова, Л.А. Родова, Е.Ю. Шапокене | Аз сабаби таназзули муҳити зист, фаъолияти таълимӣ диққати дигарро (беҳбудии муҳити атроф) гирифт. Ин давраро марҳилаи экологӣ меномиданд [ 22,24 ]. |
| В.А.Сухомлинский | Барномаи таълимӣ дар асоси «Китоби табиат» барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ тартиб дода шудааст. Таваҷҷуҳи асосӣ ба «таъсири мустақим бо табиат, малакаҳои мушоҳида ва тарбияи эҳсосоти мусбӣ» нигаронида шудааст. «Инсон фарзанди табиат буд ва мемонад ва чизе, ки ӯро бо |

табиат наздик месозад, барои бо сарвати маданияти маънавӣ шинос кардан аст». («Дили худро ба кӯдакон мебахшам»)

«Ҷаҳоне, ки кӯдакро иҳота кардааст, пеш аз ҳама, олами табиат аст, ки бо сарвати бепоёни падидаҳо ва зебоии бепоёни он аст. Ман аҳамияти тарбиявиро дар он мебинам, ки кӯдак онро бубинад, дарк намояд, таҷриба гирад, ки он як асрори бузург байни ҳаёт ва табиат мебошад…»

Изҳороти навбатии ӯро метавон шароити ибтидоии раванди тарбияи экологӣ арзёбӣ кард: «Табиат зодгоҳи мост, сарзамине, ки моро ба воя расонидааст, ғизо медиҳад, замине, ки бо меҳнати инсон дигаргун шудааст».

| | |
|---|---|
| И.Д. Зверев,<br>И.Т.Суравегина,<br>А.Н. Захлебний | Дар ҳамин давра асосҳои тарбияи экологӣ дар мактабҳо ва усулҳои ташкили фаъолияти амалии омӯзиш ва муҳофизати табиат кор карда баромада шуданд. Инҳо баъдан қисман ба Консепсияи таълими экологӣ дохил карда шуданд [ 42; 160] |
| Е.И. Тихеева,<br>Л.К. Шлягер,<br>С.Т. Шатский | Ба тарбияи кӯдакони синни томактабӣ диққати калон дода, дар бораи зарурияти дар тарбияи экологӣ ҷорӣ намудани принсипҳои мавсимӣ ва маҳалшиносӣ сухан ронда шуд. |
| Е.С. Тарасова | Ӯ дар бораи зарурати ҷорӣ намудани кори экологӣ, ба кӯдакон фаҳмонда додани арзиши табиат, омӯзондан ва кӯшиши гирифтани дониши экологӣ сухан рондааст. [560-564 ] |
| А.А. Плешаков | «Мустаҳкам намудани диққати экологии курси “Таърихи табиат”, ба фикри мо, имрӯз дар роҳи кабудизор кардани муассисаҳои ибтидоӣ, инчунин ташкили кори гурӯҳҳои рӯзона ва машғулиятҳои берунaзсинфӣ тадбири муҳимтарин ва реалӣ мебошад». [ 71; 8 ] |
| М.М. Маркова | Мавсуф ба масъалаи шиносоӣ бо олами атрофро қайд намуда, ташкили гӯшаи табиат дар муассисаи томактабӣ бо растаниҳои хонагӣ ва баъзе ҳайвоноти он, ки дар кӯдакон маҳорати меҳнатиро инкишоф медиҳад, масъалагузорӣ намудааст. Кӯдаконро таълим медиҳад, ки нисбат ба растанӣ ва ҳайвонот бодиққат буда, дар ҳаққи онҳо ғамхорӣ намоянд. |

*Давоми ҷадвали 1.*

| | |
|---|---|
| В.М. Межуев | Дар бораи дараҷаи инкишофи шуури экологӣ, маданият ва масъулияти шаҳрвандии одамон нисбат ба табиат масъалаҳо ба миён гузоштанд. [ 61; 310 ] |
| Н.А. Рижова | Ӯ ба эҷоди «пайраҳаҳои экологӣ» ҳамчун як шакли таълимии табиат барои кӯдакони синни томактабӣ диққат додааст. Инчунин роҳгард ва мушоҳидаҳои мавсимиро тавсиф карда масъалаҳои бехатариро баррасӣ намудааст, ки онҳо дар ибтидои ташкили протсесси тарбияи экологӣ чун «раҳнамои асосӣ» хизмат мекарданд. [ 81; 168 ] |
| Насриддинов С.А. | Консепсияи таълими экологӣ бо назардошти шароити табиии Тоҷикистон: иқлим, наботот ва захираҳои об омӯхта мешаванд. Онҳо усулҳои мутобиқшударо пешниҳод менамоянд, ки анъанаҳои миллиро инъикос мекунанд. |
| Бобоев С.Б. | Масъалаи нақши тарбияи экологиро дар ташаккули шахсият ба миён гузошта, ҳамзамон ба ҷанбаи ватандӯстии ҳифзи муҳити табиии диёри худ таваҷҷӯҳ зоҳир менамояд. |
| Юсуфов Ф.Х. | Усулҳои мушоҳида, экскурсия, ҳикояҳо дар бораи табиати маҳаллӣ, ки ба ташаккули муносибати ғамхорона нисбат ба сарватҳои табиии Тоҷикистон нигаронида шудаанд, асоснок карда шудаанд. |
| Н.Н. Бенедиктов | Муносибати меҳрубонона ба табиат – инсон ҳамчун тавсия ва ифодаи табиат зиндагӣ мекунад ва мухолифатро ба он гуноҳ медонад». [2, с.43] Принсипи асосии чунин тарбия мақоли «Инсон табиат аст ва табиат инсон мебошад. |

Равоншиносон маслиҳат медиҳанд, ки дар ибтидои марҳилаи ташаккули шахсият ба ташаккули маърифати экологӣ шуруъ намоед. Ҳамзамон татбиқи муносибати фаъолиятнокӣ, ба шахсият нигаронида шуда, аз ҷиҳати экологӣ арзишнок, ки ба ташаккули қисматҳои таркибии - маърифатӣ, аффективӣ ва фаъолиятнокии маърифати экологӣ равона шудаанд, амалӣ мегардад.

Ҳангоми баррасии раванди таҳияи ягон чиз равишҳои истифодашуда ба назар гирифта мешаванд, ки бе онҳо самаранокиро таъмин кардан ғайриимкон аст. Ташаккули маърифати экологӣ ва асосҳои он инчунин истифодаи равишҳои педагогӣ, бахусус равишҳои дар боло зикршударо дар назар дорад.

Азбаски фаъолияти экологӣ амалҳои амалиро дар бар мегирад, муносибати фаъолиятнокӣ сари вақт кӯмак мерасонад ва аз ин рӯ, машғулиятҳои шиносоӣ бо муҳити зист бештар дар муҳити берун гузаронида мешаванд.

К.Д.Ушинский, В.А.Сухомлинский ва Ш.Амонашвили гуфтаанд, ки робитаи бевосита бо табиат дар шароити табиат ба бачаҳо кумак мекунад, ки зебоӣ ва сарвати онро қадр намоянд.

К.Д. Ушинский, «Табиат яке аз воситаҳои тавонои инкишофи инсон мебошад» [198,58], яъне муҳит дар ташаккули шахсияти кӯдак нақши калидӣ дорад. Мушоҳидаҳо, таҷрибаҳо, кор дар гӯшаи табиат, чорабиниҳои гуногун ба кӯдакон кӯмак мерасонанд, ки зарурати иштироки онҳо дар муҳити зистро дарк намоянд. Масалан, иҷрои супориши кӯдакон дар якҷоягӣ бо волидон «Сохтани хонача барои парандагон» ба онҳо кӯмак кард, ки саҳми худро дар ҳифзи муҳити зист фаҳманд. Вақте ки тамоми хоначаҳо дар дарахтони гирду атрофи муассиса овехта шуданд, ҳар як кӯдак лонаи сохтаи худро ҷустуҷӯ мекард ва кӯшиш менамуд онро мушоҳида намояд. Бо ин роҳ мураббия дар кӯдакон тарбияи экологиро ба роҳ мемонад.

Мақсади муносибати ба шахс нигаронидашуда ҳамеша ба инобат гирифтани хусусиятҳои инфиродӣ ва ҷаҳони ботинии (психологии) кӯдак буд. Татбиқи он дар таълими экологӣ ба кӯдакон имкон медиҳад, ки далелҳои воқеии рӯйдодаро дарк кунанд. Дар баробари ин, бо камоли боварӣ гуфта метавон, ки тамоми дониш як қисми томи таҷрибаи бачаҳо мегардад. Ҳамкории мураббия ба шогирд дар кӯдакон инсондӯстӣ, ҳамдардӣ ва амсоли инҳоро тарбия мекунад, ки ҳисси ватандӯстию масъулиятшиносиро нисбат ба ҳодисаҳои руйдода бедор мекунад.

Натиҷа метавонад татбиқи муносибати экологӣ бошад, ки ба ташаккули равишҳои экологӣ дар кӯдак ва ба муайян намудани мавқеи афзалиятнокӣ дар ҳаёти ӯ мусоидат намояд. Ин муносибат амиқ муайян кардани принсипҳои фаъолияти рафторро дар бар мегирад. Кӯдак бо кӯмаки педагог роҳеро интихоб мекунад, ки барои амалисозии ояндаи худ ёрӣ мерасонад. Ин асоси ташаккули маърифати экологӣ мебошад.

Бояд қайд кард, ки ҳамгироии равишҳои тавсифшуда ба раванди таълим имкон медиҳад, ки он дуруст сохта шавад ва омодагӣ ба рафтори аз ҷиҳати экологӣ масъулиятнок ташаккул ёбад.

Ҳангоми таҳлили назариявии адабиёт оид ба тарбияи экологӣ таваҷҷӯҳ ба хулосаҳои К. Стошкус оиди маърифати экологӣ, махсусан ҷанбаҳои он ҷалб гардид. Ӯ ҷузъҳои зерини маърифати экологиро муайян кардааст:

- вазъи экологӣ;
- рафтори экологӣ;
- дарки экологӣ. [95,27]

Ташаккули рафтор ва иҷрои ҳама гуна амал (мусбат ё манфӣ) дарки амиқи амали иҷрошавандаро талаб мекунад. Дар асоси ин, мо минбаъд мафҳуми «дарки экологӣ»-ро таҳлил хоҳем кард.

Дарки экологӣ яке аз ҷузъҳои маърифати экологӣ мебошад. Дарки экологӣ як синтез – маҷмуи донишҳои ҳамгирошуда, мустақилона, ки аз берун ба даст оварда шудааст ва таҷрибаи ҳаёти шахсӣ мебошад.

Шаклҳо ва усулҳои бо ин роҳ интихобшуда ба инкишофи асосҳои дарки экологӣ, дар айни замон ғанӣ гардондани таҷрибаи ҳаёт ва таъмини муносибатҳои эмотсионалӣ бо объектҳои табиӣ нигаронида шудаанд.

Дар «Қонуни ҶТ «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ»[92,7] «принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба маърифати экологӣ чунин муайян шудаанд:

- кафолати давлатии таъмини омӯзиши ҳадди ақҚали донишҳои зарурии экологӣ барои шаҳрванд;

- ҳатмӣ будани омӯзиши фанҳои маърифати экологӣ дар ҳамаи зинаҳои системаи таълимӣ;

- ворид намудани масъалаҳои маърифати экологӣ дар ҳамаи барномаҳои давлатии мақсаднок ва соҳавӣ;

- мақсаднокии маърифати экологӣ дар ҳалли масъалаҳои ҳифзи муҳити зист;

- амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар бахши маърифати экологӣ; ошкорбаёнӣ дар масъалаҳои ҷорӣ намудани сиёсати давлатӣ дар бахши маърифати экологӣ;

- иштироки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон дар амалисозии сиёсати давлатӣ дар бахши маърифати экологӣ». [100]

Дар Тоҷикистон бо мақсади такмили раванди таълиму тарбияи экологӣ як қатор ҳуҷҷатҳои муҳими меъёрӣ қабул карда шудаанд, ки ба ҳалли проблемаҳои ба миён омадаистодаи экологӣ нигаронида шудаанд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин маротиба соли 1996 «Барномаи давлатии маърифати экологӣ ва таълими аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2000 ва барои давраи то соли 2010» [12] қабул кард, ки баъдан ду маротиба тамдид ва дубора нашр шуд.

Барнома дар доираи ҳифзи муҳити зист тавассути ташкили системаи ягонаи таълиму тарбияи экологии аҳолии кишвар, таълиму тарбия дар тамоми зинаҳои таҳсилот: таҳсилоти ибтидоӣ, асосӣ, миёна, касбӣ ва олӣ амалӣ шуда, ба рушди сатҳи касбии тайёрии мураббияӣ ва баланд бардоштани малакаи мутахассисони системаи таҳсилоти баъд аз миёна нигаронида шудааст.

Дар шароити кунунӣ, ки ҷаҳон бо мушкилоти глобалӣ (обшавии босуръати пиряххо, васеъшавии сӯрохиҳои озон, сӯхтани ҷангалзорҳо, селу тармаҳо) рӯбарӯ шудааст, шуури экологӣ бояд дар ҳар як соҳаи илм, истеҳсолоти техникӣ ва ғайра мавҷуд бошад.

Ҳангоми ҳалли масъалаи шуурнокии экологӣ аҳамияти муносибатҳои воқеии байни ҷамъият ва табиат бояд қайд карда шавад.

Аз тарафи дигар, ҳангоми таҳлили ҳамкории инсон ва табиат ба меъёру қоидаҳои экологӣ такя кардан лозим аст, ки бевосита маърифатибаланди экологиро нишон медиҳанд.

Бо назардошти натиҷаҳои таҳлили шуури экологӣ, зарур аст, ки тафсири шуури экологӣ дар адабиёти илмӣ дида баромада шавад. «Шуури экологӣ маҷмуи ақидаҳои илмӣ, эстетикӣ ва ҳуқуқӣ мебошад, ки робитаҳои экологиро дар таърихи пайдоиш ва инкишофи муносибатҳои ҷомеаю табиат ва роҳҳои оптимизатсияи ин муносибатҳоро инъикос мекунанд». [109; 25]

Д.С. Лихачёв «Муҳаббат ба табиат ҷузъи муҳаббат ба Ватан аст», яъне тарбияи экологӣ ба тарбияи ватандӯстӣ ва ахлоқӣ алоқаманд аст.

Ташаккул додани заминаи огоҳии экологӣ дар кӯдакони синни томактабӣ барои ташаккули муносибати масъулиятнок ба муҳити зист ва табиат дар маҷмуъ муҳим аст». [105,25]

Тавре ки қаблан зикр гардид, давраи мусоидтарин барои ташаккули маърифати экологӣ синни томактабӣ мебошад. Маҳз аз ҳамин синну сол муносибатҳои мутаносиби табиат ва инсонро барқарор кардан мумкин аст.

Имрӯз раванди ташаккули шуури экологӣ дар шароити рафъи бӯҳрони муносибати инсон ва табиат сурат мегирад. Кӯдакон бо оқибатҳои ҳаёти воқеии муносибати манфии нодуруст ба табиат рӯ ба рӯ мешаванд.

Мо метавонем аз таърифи маърифати экологии К.Стошкус каме дур шуда, «раванди инкишофи маърифати экологиро ҳамчун таъсири мутақобилаи комплексии проблемаҳои зерин муайян намоем: намоиши ҳақиқии оқибатҳои харобиовари ифлосшавии муҳити зист; ҷустуҷӯи муносибати дурусти экологӣ ба ҳалли вазъияти ҳозира; инкишоф додани шуури экологиро диди бароем». [187,26]

Дар асоси ин пешниҳод ба дараҷаи инкишофи методикаи таълим ва тарбияи экологӣ дар муассисаҳои томактабӣ диққат диҳем, зеро «Синни калони томактабӣ давраи ҳассос барои ташаккули шуури экологӣ, тамоюли арзишҳо ва муносибати эмотсионалӣ ва ахлоқӣ ба табиат мебошад». [6,23]

Ҳамин тариқ, асоси маърифати экологиро дар муносибати дурусту бошууронаи кӯдакон нисбат ба олами ҳайвоноту набототи Тоҷикистон, ки айни замон кӯдакро иҳота кардааст, ифода кардан мумкин аст.

Дар замимаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар фасли 4, банди 25 гуфта мешавад, ки «чорабиниҳои асосӣ оид ба тарбияи экологӣ дар зинаи таҳсилоти томактабӣ гузаронида мешаванд». [67]

Дар банди 26 низ гуфта мешавад, ки ин «фаъолият бояд дар тамоми зинаҳои маориф амалӣ карда шавад. Ва барои таъмини самаранокии таълими экологӣ, фанҳои экологӣ бояд ба барномаи таълимии расмии мактаб дохил карда шаванд». [6,23]

Дар қарори зикргардида омадааст, ки «…Тарбияи экологии кӯдакони синни томактабӣ ҳамчун унсури тарбияи доимии экологӣ ҳамеша самти муҳими кори муассисаҳои томактабӣ буда, бояд дар ин соҳа рафтори оқилона ва эмотсионалии кӯдакро фаро гирад». [86]

Дар муассисаҳои томактабӣ бояд маданияти экологии кӯдакон ташаккул дода шавад. «Дар давоми ҳафтсолаи аввал шахсияти кӯдакон ташаккул ёфта, инкишофи фикрӣ ва ҷисмонии онҳо пай дар пай баланд мегардад ва онҳо ба шахсияти ҳаматарафа инкишоф меёбанд. Давраи томактабӣ барои муоширaт бо олами зинда замина мегузорад. Тарбияи экологии кӯдакони синни томактабӣ ташаккули қадршиносии онҳо ба олами зиндаро дар бар мегирад, ки ин вазифаро падару модарон ва мураббиёни кӯдакистон иҷро мекунанд». [35, 36]

Дар асоси Стандарти таҳсилоти томактабӣ дар ҶТ ва Барномаи таълиму тарбияи кӯдакистон, мураббия усулҳои тарбияи экологиро вобаста ба синну сол ва хусусиятҳои равонии кӯдакони гурӯҳи худ интихоб ва мутобиқ месозад.

Ҳоло дар раванди кор муассисаҳои томактабӣ ба таҳияҳо ва методологияҳо аз ҷониби Федератсияи Русия нашршуда такя мекунанд. Барои аниқтар характеристика додани вазъияти ҳозира барномаю воситаҳои таълимиро, ки муаллимон дар кори ҳаррӯзаашон истифода мебаранд, дида мебароем.

Барномаи «Бачагӣ» («Детство») бахшеро дар бар мегирад, ки «Бачаҳо барои худ олами табиатро кашф мекунад». Ин бахш ба кӯдакон бо гуногунии олами набототу ҳайвонот ва вазифаҳои ҳаётан муҳими онҳо шиносоии амиқ медиҳад. Мавод ба чор бахш тақсим мешавад:

1.Маълумот дар бораи набототу ҳайвонот ҳамчун намояндагони табиати зинда. Кӯдакон бо намуди зоҳирӣ ва хусусиятҳои онҳо шинос мешаванд. Алоқамандӣ бо табиат таҳлил карда мешавад.

2.Механизмҳои мутобиқшавии организмҳои зинда ба муҳити зист.

Кӯдакон бо гуногунии муҳити зист шинос мешаванд ва тасаввурот дар гурӯҳҳои ҳайвонот, ки дар муҳити якхела зиндагӣ мекунанд, ташаккул меёбд;

3. Инкишоф ва зиёдшавии растаниҳо ва ҳайвоноти шинос омӯхта мешавад; тасаввурот дар бораи тағйироти мавсимӣ ва пайдарпайи организмҳо ва хусусияти даврии протсессҳо ташаккул меёбад;

4.Дониш тавсифи экосистемадошта: кӯдакон бо набопот ва ҳайвоноти дар як муҳит зиндагикунанда ва бо вобастагии байни онҳо шинос мешаванд. Онҳо инчунин дар бораи таъсири фаъолияти инсон ба фаъолияти ҳаётии объектҳои табиат маълумот мегиранд. Ин барнома ҳамаҷониба ба кӯдакон дар ташаккул додани фаҳмиши асосии экология ва рафтори муҳити зист кӯмак мекунад.

Барномаи «Оғоз» (Истоки) барномаи бунёдӣ ҳисобида мешавад. Асоси онро консепсияи синну соли равонӣ ҳамчун яке аз марҳилаҳои ташаккули шахсият ташкил медиҳад. Он ду давраи равониро ҷудо мекунад: 3-5 (синни хурд) ва 5-7 (синни калон).

Дар зербахши «Табиат ва кӯдак» қобилиятҳои кӯдак вобаста ба синну сол тасвир шудааст. Ин барнома ба ду самт нигаронида шудааст:

- ташкилию методӣ (бо кормандони муассиса);

- тарбиявӣ-таълимӣ (бо кӯдакони синну соли гуногун).

Ба гуфтаи муаллифон, ин ба баланд шудани сатҳи маърифати экологии мураббия ва гузоштани заминаҳои маърифати экологии кӯдакони синни томактабӣ мусоидат мекунад. [165]

Вақте масъалаи тарбияи экологӣ бори аввал ба миён баромад, дар тарбияи экологӣ воситаҳои методии машҳууртарин асарҳои Н.А.Рижова «Хонаи ман – табиат», «Пайраҳаи экологӣ дар муассисаи томактабӣ» ва ғайра вуҷуд доштанд. Ин методҳо ба мураббия кӯмак кард, ки ҷараёни васеи иттилоот ва маводҳоро тадқиқ намояд, онҳоро ба асосӣ, иловагӣ ва ғайра тақсим кунад.

Ҳамаи воситаҳои таълим характери амалӣ дошта, ба ташкил ва гузарондани мушоҳидаҳои мавсимӣ, ба вуҷуд овардани роҳи экологӣ ҳамчун воситаи асосии ба таълим нигаронидашуда, нозукиҳои гузарондани экскурсияҳоро мефаҳмонанд, фаъолияти ҷустуҷӯиро дар интихоби бозиҳои экологӣ дар мавзуи мувофиқ таълим медиҳанд.

Дастури методии Т.А.Серебрякова «Тарбияи экологӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ»[186] ба ташаккули ақидаҳо дар бораи объектҳои табиати зинда ва ғайризинда тавассути бозӣ, мушоҳида ва кор нигаронида шудааст.

Дар дастури методии Л.А.Шевелева «Тарбияи экологии кӯдакони синни томактабӣ: барнома, нақшаҳои таълимӣ, бозиҳо» маводи мушаххаси методӣ барои кор бо кӯдакони аз 3 то 7 – сола оварда шудааст [107,78].

Ба бахшҳое, ки таълими экологиро дар барномаҳои муҳими таълим ва тарбияи кӯдакони синни томактабӣ баррасӣ мекунанд, диққат додан лозим аст.

Барномаи «Аз таваллуд то мактаб» («От рождения до школы») бахшҳои тарбияи экологиро дар бар мегирад, ки ба ташаккули муносибати ғамхорона ба табиат, қобилияти мушоҳида ва нигоҳубини

наботот ва ҳайвонот тавассути бозиҳо, мушоҳидаҳо ва ҳикояҳо нигаронида шудаанд.

Дар барномаи «Радуга» (Л.А.Парамонова) таълими экологӣ тавассути мавзуъҳои алоҳида: «Олами табиӣ», «Инсон ва табиат», «Табиат дар санъат», мақсади тарбия намудани ҳисси зебоӣ ва арзиши табиат, инчунин дарки ҳимояи он дида мешавад.

Дастури «Табиат ва кӯдакон» (Н.М.Сорокина) ба ташаккули рафтори экологӣ, амалӣ намудани корҳои ҷустуҷӯии содда ва ташаккули муносибатҳои мусбии эмотсионалӣ тавассути ташкили фаъолиятҳо дар озмоишгоҳҳои хурд, гӯшаҳои табиат, макони зист ва корҳои лоиҳакашӣ нигаронида шудааст.

Федератсияи Русия бо шумораи зиёди барномаҳои интихобии таҳияшударо дорад, ки доираи васеъ ва воситаҳои баланд бардоштани дарки экологиро ба кӯдакон пешниҳод мекунанд. Ба ин барномаҳо инчунин «Барномаи тарбияи экологии кӯдаконро дар муассисаҳои таълимии томактабӣ дар доираи фаъолиятҳои таълимӣ ва берун аз он» (О.А.Соломенникова, 2020) метавон номбар намуд. Он чорабиниҳои лоиҳавӣ барои кӯдакон ва волидон, ҷашнҳои мавзӯӣ ва эҷоди роҳҳои экологӣ мебошад. Ғайр аз ин, барнома барои ҳамагон ба Стандарти федералии давлатии таълимии таҳсилоти томактабӣ мутобиқ карда шудааст.

Илова ба барномаҳои зикршуда, Консепсияҳои таълими экологӣ мавҷуданд. Дар ҷумҳурии мо аз сабаби нопурра кор карда баромадани ин масъала мураббиён ба нарасидани дастурҳои методӣ рӯ ба рӯ мешаванд ва ҳангоми татбиқи ҷараёни тарбияи экологӣ ба Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намоянд;

Барномаи таълиму тарбия дар муассисаи томактабӣ «Рангинкамон», ки он масъалаҳои вобаста ба тақсимоти давраҳои инкишофи кӯдакони синни томактабӣ мазмун ва вазифаҳои кор оид ба тарбияи экологиро бо таври зайл муайян намудан мумкин аст:

- Инкишофи майлу рағбат ба донистани растаниҳо, ҳайвонот, муносибати ғамхорона нисбат ба онҳо.

- Дониши кӯдаконро дар бораи об васеъ гардонидан: об мерезад; бо об шустушӯй, оббозӣ мекунанд; об муътадил, хунук, гарм ва сӯзон мешавад.

- Ҳангоми сайру гашт кардан кӯдаконро ба ҳодисаҳои оддии табиат: барф меборад, офтоб нурношӣ мекунад, инчунин ба дарахтон, растаниҳо, гулҳо ҷалб намудан.

- Мукаммалгардонии тахаюлоти кӯдакон оид ба баъзе ҳайвонот (гурба, сагча, харгӯш, гов). Донистани фарқияти қисмҳои бадан (сар, дум, даст, по), ҳаракат (меравад, мепарад, шино мекунад).

- Ташаккули муносибати ғамхорона ба ҳайвонот ва растаниҳо. Диққати кӯдаконро ба растаниҳо ва ҳайвонот дар гӯшаи табиат ва ҷалб намудан». [32,76-88]

Дастурҳои методии мураттибон З.Қурбонова, Л.Тоҷибоева «Асосҳои донишҳои экологӣ» (ба забони русӣ), Н.Ғуломова, З.Қурбонова, «Экология барои бачаҳо» (тоҷикӣ) оварда шудааст. [57,47]

Воситаи таълимии «Экология барои кӯдакон», ки аз ҷониби З.Қурбонова, Н.Ғуломова мураттаб шудааст, нақшаҳои машғулиятҳоро дар бар мегирад ва барои мураббия кӯмаки методӣ мерасонад. Албатта, асарҳое, ки солҳои охир дар ҷумҳурии мо чоп шудаанд, ба ҷиҳатҳои гуногуни тарбияи экологӣ дахл дошта, дар онҳо ба кӯдакон масъалаҳои тарзи ҳаёти солим ва эҳтиром ба табиатро меомӯзанд. Вазъияти имрӯзаи зинаи таҳсилоти томактабӣ дар самти тарбияи экологии кӯдакон моро водор мекунад, ки ба ин масъала пайваста машғул шавем.

Мутобиқи мутассилии синну соли калони томактабӣ ва ибтидоӣ дар масъалаҳои тарбия ва таълим раванди таълими экологиро дар мактаби ибтидоӣ, яъне дар синфи якум – синну соле, ки маърифату фарҳанги экологӣ такмил дода мешавад, таҳлил кардан дуруст мебуд.

Муҳаққиқ Джанабаева Д.М. мавзуи мазкурро дида баромада, чунин ибрози ақида мекунад: «Барои таъмини муттасилӣ ва пурратар ва

самараноки татбиқи таълиму тарбияи экологӣ ва рушди кӯдакони синни томактабӣ ва хонандагон таълими муосир дастгирӣ карда мешавад, зарур аст». [42]

Дар ин асос, бори дигар ба замимаи 1 Қарори Ҳукумат ишора карда, ба нуқтаҳое таваҷҷӯҳ кардан ба маврид аст, ки хусусияти таълиму тарбияи экологиро дар синфҳои ибтидоӣ таъкид мекунанд:

«Банди 41. Таълими экологӣ дар системаи таҳсилоти умумӣ тавассути фаъолияти синфӣ ва беруназсинфӣ дар системаи таҳсилоти иловагӣ сурат мегирад.

Банди 42. Диққати асосӣ дар Барнома ба ташаккули муносибати хонандагони синфҳои ибтидоӣ нисбат ба ашё ва падидаҳои мушоҳидашаванда, инчунин оид ба инкишоф додани малакаи мушоҳида ва маҳорати муқаррар намудани алоқаи сабабу натиҷа дода мешавад.

Банди 43. Мақсад дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ташаккул додани зарурати дарки олами атроф ва робита бо он; эҳтиёҷот, манфиатҳо, роҳандози талаботи стандартҳо ва қоидаҳои аз ҷиҳати экологӣ асоснокшуда (пеш аз ҳама, муносибати башардӯстона ба муҳити табиӣ ва мавҷудоти зинда)» [6; 41, 42, 43].

Тавре аз мазмуни ин нуқтаҳо бармеояд, самти асосии тарбияи экологӣ ба ташаккули муносибатҳои инсондӯстӣ ба табиат, инчунин инкишофи фаъолияти мушоҳида ва таҳлил нигаронида шудааст.

Дар ин маврид шоир А.Боруздин дуруст қайд намудааст: «Чӣ гуна фарзандони мо шаванд, замин ҳамин гуна хоҳад шуд» [15; 127]. Ин суханон бояд дар ташаккули пояҳои маърифати экологӣ шиор гарданд.

Бачаҳо аз рӯзҳои аввали таҳсил бо мавзуи «Олами гирду атрофи мо» шинос мешаванд. Китоби дарсии онҳо рангоранг, пур аз тасвирҳои ҷолиб мебошад, инчуни метавонанд расмкашӣ, бо ширеш кор кардан ва навиштанро иҷро кунанд, ки ҳамаи ин дар онҳо эҳсосоти мусбатро ба вуҷуд меорад. Талабаи синфи якум бесаброна интизори дарси «Олами атроф» мебошад.

Инкор кардан ғайриимкон аст, ки нигоҳ доштани шавқу рағбат ба ин фан аз бисёр ҷиҳат ба муаллим, маҳорати он дар тарбияи шавқу рағбати кӯдак ва ҳидоят кардани онҳо ба роҳи дуруст ва усули интихобкардаи таълим вобаста аст.

Имрӯз дар синфҳои ибтидоӣ манзараи зеринро мушоҳида кардан мумкин аст: ҳар як омӯзгор китоби дарсиро (ва мувофиқи он методикаро) интихоб мекунад, ки ба ҳалли масъалаҳои муайянкардаи худи омӯзгор комилан мувофиқ мебошад.

Дар асоси ин, биёед китоби дарсиро аз назари методологӣ, сохтор ва усулҳои таълими он баррасӣ намоем.

Дар ин бобат китоби омӯзгори синфҳои ибтидоӣ нисбат ба дастури мураббияи томактабӣ хеле осонтар аст. Оид ба ин мавзуъ китобҳои дарсии зиёде таҳия шудаанд, ки ҳар кадоми онҳо методология ва мазмуни хоси худро доранд.

Мундариҷа ва методологияи ҳар як китоби дарсиро омӯхтан лозим аст. Барои пурра дарк кардани дигаргуниҳое, ки дар методикаи таълими табиатшиносӣ ба амал омадаанд, бояд таҳлилро аз китобҳои дарсии даврai шуравӣ оғоз намоем.

- «Табиатшиносӣ» (аз синфи 4 таҳсил мекунад, муаллиф М.Н.Скаткин). Он дар асоси принсипи таърихи маҳаллӣ мебошад. Методикаи таълим ба гузарондани экскурсия ва чорабиниҳои амалӣ асос ёфтааст. Мундариҷаи китоби дарсӣ ба қисмҳо тақсим карда шудааст. [89]

Баъд лоиҳаи барномаҳои нав тартиб дода шуд (1965), ки мувофиқи он методология дар асоси принсипҳои маҳаллӣ ва мавсимӣ, вале дар айни замон шарҳи ҳодисаҳои табиат бо забони хеле содда дода мешуд.

Дар раванди таълим мафҳумҳои асосии табиатшиносӣ дар баробари мафҳумҳои мушаххас, аз рӯйи омӯзиши харитаҳои ҷуғрофӣ истифода мешуданд.

Баъдтар китоби дарсии «Табиатшиносӣ» (муаллиф З.А.Клепина) аз чоп баромад. Усулҳои таълими ин китоби дарсӣ ташаккули малакаҳои

амалӣ, яъне маҳорати мушоҳидаи ашё ва падидаҳои табиатро дар бар мегирифт.

«Рӯзномаи мушоҳидаҳои табиат ва фаъолияти меҳнатии одам» истифода шуданд, ки онҳо бевосита дар рафти мушоҳида пур карда мешуданд. Омузиши табиатшиносӣ дар синфҳои 1-4 бо ин методика гузаронда мешуд. [53]

«Талабагони синни хурди мактабӣ тавассути омӯзиши забони модарӣ, хониш, одобнома, табиатшиносӣ, санъати миллӣ ва меҳнат, тарбияи ҷисмонӣ дониши экологии худро ғанӣ мегардонанд. Тарбияи ахлоқӣ ва эстетикӣ таваҷҷӯҳи шогирдонро ба ҳифзи табиат мекашад, онро дӯст медоранд, аз он ҳаловат мебаранд. Меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ талабагонро ба дӯстдории табиат ва муҳофизати он майл медиҳад. Ҳамаи ин дар якҷоягии алоқамандӣ ва намудҳои системаи фаъолияткуниҳо дар бораи тарбияи экологӣ маълумот дода метавонад». [163]

Баъдтар барои синфҳои 1 ва 2 китоби дарсии «Шиносоӣ бо олами атроф» тартиб дода шуд. Асоси методикаи таълимро принсипи кишваршиносӣ ташкил мекард. Мавзуъҳо дар бораи хона, мактаб, шаҳр ва кишварро дар бар мегирифтанд. Бачаҳо бо гуногунии объектҳои табиат, хусусиятҳои диёри худ ва муҳити атроф шинос шуданд.

- Барномаи «Хонаи сабз» (А.А.Плешаков) дар асоси усулҳои анъанавии таълим ва риояи принсипи табиатшиносӣ сохта шудааст. Он равияи экологӣ дошта, аз ду бахш иборат аст: синфҳои 1-2 «Ҷаҳони гирду атрофи мо», синфҳои 3-4 – «Ҷаҳони гирду атрофи мо», «Табиатшиносӣ». [76]

Фасли дуюм бо курсҳои факултатив: синфи 3 – «Экология барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ»; Синфи 4 – «Сайёраи муаммоҳо» пурра карда шудаст.

Методикаи таълими барномаи таълимӣ принсипҳои инсондӯстӣ, кишваршиносӣ ва ба назар гирифтани хусусиятҳои психологии кӯдаконро дарбар мегирад.

Барои ноил шудан ба ин як қатор мавзуъҳо ва мафҳумҳо барои омӯзиш интихоб шуда, аз доираи мактаби ибтидоӣ гирифта шуданд..

Барномаҳои дигаре низ ҳастанд, ки кӯдаконро бо ҷаҳони гирду атроф шинос мекунанд ва қисман мақсади таълими экологиро иҷро мекунанд. Дар байни онҳо:

- системаи таълими инкишофдиҳанда Л.В.Занков;

- барномаи (курси) Н.Дмитриева ва А.В.Козаков «Мо ва олами гирду атрофи мо»;

- Барномаи (курс) И.П.Товпинетс «Олами атроф»;

- Барномаи «Олами атрофи мо»- и Э.В. Чудинова, Е.Н.Букварева ва И.Е.Беларева.

Илова ба барномаҳои дар боло баррасишуда, дар мактабҳо курсҳои (барномаҳои) табиатшиносиро ба назар мегиранд, ба монанди:

- «Экология ва диалектика» (Л.В.Тарасов);

- «Инсон ва муҳити зист» (Л.П.Симонова – Салеева). [93; 22]

Ҳамин тавр, масъалаҳои дар барнома ва курсҳои боло зикршуда ба таври муфассал дида намебароем, зеро онҳо дар мактабҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи худро наёфтанд.

Ҳангоми таҳлили воситаҳои таълим барои ошноии хонандагон бо муҳити зист ва тарбия намудани муносибати ғамхорона нисбат ба табиат китобҳои дарсии табиатшиносӣ, инчунин тарзи гузаронидани машғулиятҳои табиатшиносиро дар синфҳои таълимашон ба забони тоҷикӣ ба назар гирифтан бамаврид аст. Ҳоло дар мактабҳо аз китоби дарсии «Табиатшиносӣ» (муаллифон Н.Қодиров, К.Исозода, И.Абдуллоев, С.Давлатзода) истифода мебаранд [110].

Агар ба сохтори ин китоби дарсӣ назар андозем, мо метавонем монандии онро ба китоби дарсӣ, ки дар давраи шуравӣ, дар синфҳои русӣ истифода мешуданд, мушоҳида намоем.

Сарфи назар аз ворид шудани мавод дар бораи Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохтори умумӣ бетағйир боқӣ мемонад. Китоби дарсӣ бобҳои зеринро дар бар мегирад:

1.Тоҷикистон – Ватани азизам,

2.Табиат ва гуногунии он,

3.Саломатӣ ва бехатарӣ,

4.Табиат ва маданияти мо,

5.Сайёраи Замин.

Бахши чорум мавзуъҳои зеринро дар бар мегирад: «Дар муносибат бо табиат хушмуомила бошед»; «Муносибатҳои оилавӣ бо муҳити зист»; «Муносибатҳои мо бо табиати атрофии мактаб»; «Маданияти рафтор дар боғу майдонҳо».

Супоришҳо пас аз ҳар як параграф оварда шудаанд ва бояд дар дафтар анҷом дода шаванд. Номгузории «Табиатшиносӣ» нишон медиҳад, ки мавзуъҳои фаро гирифташуда хоси курси «Олами гирду атрофи мо»-ро доранд, ки дар он пеш аз ҳама қоидаҳои рафтор дар табиат ва муносибат ба он омӯхта мешавад.

Методикаи баргузории дарсҳо унсурҳои усулҳои солҳои 1965 ва 1990-ро дар бар мегирад, ки он замон принсипҳои кишварщиносӣ бартарӣ доштанд. Ин усулҳо талаботи нави барнома ва ҷомеаро, хусусан тарбияи шаҳрванди аз ҷиҳати экологӣ босаводро қонеъ карда наметавонанд. Он ҳамчун як қисми барномаи таълимии «Муҳити атрофи мо» барои синфҳои 1 то 4 дар мактаби ибтидоӣ истифода мешавад ва мақсади он баланд бардоштани маърифати экологӣ мебошад. Шакли асосии фаъолияти тавсияшаванда экскурсияҳо, корҳои мавсимӣ ва ғайра мебошанд.

Бояд қайд кард, ки ҳоло дар кишвари мо усулҳое мавҷуданд ва яке аз онҳо методологияи таълими табиат дар асоси барномаи «Омӯзиши табиат» мебошад. Онро Институти такмили ихтисоси коркунони маориф ва Институти маорифи Академияи илмҳои Тоҷикистон таҳия мекунанд. Бояд гуфт, ки дар доираи таълими иловагӣ бисёр усулҳои тарбияи экологӣ танҳо дар фаъолияти маҳфилҳои экологӣ ва дар кори беруназсинфии омӯзгор бо хонандагон дар синф истифода мешаванд.

Дар ин замина методологияи зерини экскурсияҳои табиат (хатсайри экологӣ дар Тоҷикистон) истифода шудааст. Мақсад шиносоӣ бо мавзеъҳои табии зодгоҳ ва рушди муносибатҳои ҳассос ва арзишманд нисбати табиат нигаронида шудааст. Бо ин мақсад ба боғи ботаникӣ, Варзоб, боғи ҳайвонот ва дигар ҷойҳо экскурсияҳо гузаронда мешаванд.

Методикаҳои дигар, аз ҷумла методикаи бозии таълими экологӣ; фаъолият дар асоси лоиҳа аз назари экологӣ; муносибати этнофарҳангӣ ба тарбияи экологӣ; методологияи шаклҳои арт-терапевтии таълими экологӣ; методологияи таълими экологӣ тавассути ҳамкории оилавӣ мураббия ҳамчун замимаи барномаи асосии таълимӣ, инчунин педагогҳои муассисаҳои таълимии иловагӣ истифода мебаранд.

Мо таҳлили мухтасари усулҳои номбурдашударо дар ҷадвали 2 пешниҳод намудем.

| № | Номи усул | Ҳадаф | Синну сол | Шаклҳои кор | Хусусиятҳо/ Мавод |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Методика «Омӯзиши табиат» | Ташаккули донишҳои ибтидоӣ дар бораи табиат ва муносибати ғамхорона ба он | 5-8 сола | Мушоҳида, суҳбат, таҷриба, муҳокимаҳо, эскиз | Барномаи таълимии миллии фанни «Ҷаҳони гирду атрофи мо» ба воқеияти табиии Тоҷикистон мутобиқ карда шудааст. |
| 2 | Методикаи экскурсияҳо и таърихи табиат | Ташаккули муносибати эмотсионалӣ ва арзишӣ ба табиати ватан | 5-8 сола | Экскурсияҳо, мушоҳидаҳои табиат, фото-репортажҳо, мини тадқи-қотҳо | Экскурсияҳо ба минтақаҳои табиии маҳаллӣ,(боғи ботаникӣ, дараҳо, ҳавзҳо, боғҳо). |
| 3 | Усулҳои бозӣ дар тарбияи экологӣ | Ташаккул додани шавқу рағбат ба табиат | 5-8 сола | Бозиҳои таъ-лимӣ, викто-ринаҳои эко-логӣ, бозиҳо дар берун | Карточкаҳо, макетҳо, равияҳои маҳаллӣ ва майдончаҳои бозӣ бо объектҳои табиии Тоҷикистон истифода мешаванд |
| 4 | Методологияи фаъолияти лоиҳа | Рушди фаъолияти маърифатӣ ва таҳқиқотӣ дар мавзуъҳои экологӣ | 5-8 сола | Лоиҳаҳо, таҳқиқоти хурд, презентатсия, ҳимояи лоиҳаҳо | Мавзуъҳо: «Ҳавлии тоза», «Дарахти ман», «Дарёи наздик» «Мушкилоти пластикӣ» |

*Давоми ҷадвали 2.*

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 5 | Муносибати этнофарҳангӣ (этнопедагогикаи экологӣ) | Тарбияи муносибати эҳтиромона ба табиат тавассути хиради халқӣ | 6-9 сола | Суҳбат, хондани афсонаю ривоятҳо, бозиҳои миллӣ, омӯхтани зарбулмасалу мақол | Зарбулмасал, расму ойин ва қиссаҳои пиронсолон дар бораи анъанаҳои ҳифзи обу замин ва оташ |
| 6 | Шаклҳои арттерапевти и таълими экологӣ | Инкишофи тафаккури хаёлӣ, ҳамдардӣ ва дарки арзишҳои табиат | 6-8 сола | Расмкашӣ, моделсозӣ, ҳунарҳо аз маводи табиӣ эҷодӣ «Экоалбом» | Кори эҷодӣ дар асоси объектҳои табиии Тоҷикистон: кӯҳҳо, гулҳо, дарахтон, ҳайвонот |
| 7 | Методологияи ҳамкории оилавӣ | Ҷалби оила дар ташаккули фарҳанги экологии кӯдак | 6-9 сола | Чорабиниҳои якҷоя бо падару модарон рӯзҳои шанбегӣ, мусобиқаҳо, намоишгоҳҳо | Мисолҳо: озмуни Эко-Плакат, ҳавлии сабз, иштирок дар кабудизоркунӣ ва тозакунӣ |

Солҳои охир китоби дарсии «Муҳити атроф», ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, нашр ва дар раванди таълими баъзе муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷорӣ карда шудааст.

Қобили зикр аст, ки бо доираи васеи барномаҳо ва усулҳои ташаккули маърифати экологӣ ва умуман ташкили таълими экологӣ кормандони МТТ ва омӯзгорони МТМУ имконият доранд, ки вазифаи ташаккули фарҳанги экологии кӯдакони синни калони томактабӣ ва хурди мактабиро тавассути мазмуни машғулияти шиносоӣ бо муҳити атроф ва дарси табиатшиносӣ беҳтар ба амал мебароранд.

Бо ин мақсад мо нақшаи вазифа ва роҳҳои ҳалли мушкилоти тарбияи экологиро муайян вадар нақшаи 1 ҷой намудем.




Дар баробари ин тарбияи экологӣ кӯдаконро таълим медиҳад, ки аз нобуд кардани наботот, ҳайвонот ва паррандагон, ифлос кардани обу замин ба табиат зарар мерасонад: «Мӯрчаҳо ҷангалро тоза мекунанд, ҳашарот паррандагонро нигоҳубин мекунанд, худи ҷангал ҳаворо тоза мекунад ва ғайра. Ин робита бо ягонагии табиат алоқаманд аст. Вайрон шудани ин робита мувозинати биологиро дар табиат дигар мекунад. Ин ба табиат зарар мерасонад, шароити зиндагонии одамон бад мешавад». [110,92]

Нишондиҳандаҳои асосии тарбияи экологӣ дарки мушкилоти муосири экологӣ, дарки масъулияти ҳифзи табиат, фаъолияти экологӣ, ташаккули ҳисси муҳаббат ба табиат, қобилияти дидани зебоӣ ва лаззат бурдан аз он мебошанд.

## 1.2. Раванди таҳқиқи ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакон дар муассисаи таълимӣ ҳамчун масъалаи педагогӣ

Тавре ки таҳқиқоти олимон дар соҳаи илмҳои тарбиявӣ нишон дод, дар ташаккули тарбияи ватандӯстии кӯдакон, наврасон ва ҷавонон нақши тарбияи ахлоқию экологӣ ва махсусан тарбияи эстетикӣ мавқеи намоёнро ишғол менамояд. Дар ҷомеаи муосир, ки насли наврас беш аз пеш ба зиддиятҳои ғоявию ахлоқӣ рӯ ба рӯ мешавад, таҳкими тарбияи экологӣ ва эстетикӣ ва ба ин васила дар кӯдакони муассисаҳои таълимӣ бо назардошти унсурҳои педагогӣ арзишҳои баланди худшиносӣ парваридан бамаврид аст.

Дар шароити имрӯза асарҳои илмӣ ва таҳқиқоти А.Н. Захлебний, И.Д.Зверев [15] ва И.Т. Суравегина [116] ба масъалаҳои тарбияи экологии мактаб кӯдакон бахшида шудаанд. Асосҳои психологию педагогии тарбияи экологии кӯдакон дар заминаи муносибати онҳо бо табиат дар таҳқиқоти С.Д. Дерябо [65], В.И. Панов [178], А.П. Сиделковский [178] ва В. Левин [211].

Таҳқиқоти А.В.Батаршев [65], А. Киверялг [115], Л.А. Люблинская [167], Р.Н. Науризбоев [178], Р. Овезов [185], Л. Осипов [189], А.В. Петров [193], Д.С. Ягафаров [236] ва дигарон як қатор шартҳои асосии татбиқи муттасилиро дар тарбияи экологии кӯдакон ошкор мекунанд. “Баробарӣ ин инсон дар фаъолияти бунёдкориҳои фаъоли худ ба равиши табиӣ сарукор намуда, онро вайрон мекунад, боигариҳои табиатро ба манфиати худ истифода мебарад. Агар ин фаъолият бидуни назорат, бидуни ҳисобу китоби қонунияти экологӣ ва азнавбарқароркунии чорабиниҳо, бидуни мувозинати (балanси) биологӣ дар табиат ҷорӣ гардад, он метавонад зарари ислоҳнопазиру ба ҳаёти инсон таҳдидкунанда биёрад”. [54,34]

Муносибати этнопедагогӣ ба раванди тарбияи экологӣ омӯхтани асарҳои илмиро  дар соҳаи муносибатҳои байни қавмҳо ва табиат тақозо мекунад (Г. Гачев [21], Е.В. Гирусов [25], Л.Н. Гумилев [29], Н.А.

Миненко [112], Е.М. Мирзоев [114], М.П. Шилов [217]); таҳқиқот, ки нақши табиатро дар ташаккули шуури иҷтимоии шахсият ва тамоми миллат ошкор мекунад (А.А. Бугаева [17], Г.Н. Волков [19], Я.И. Ханбиков [198]); самаранокии истифодаи фарҳанги анъанавии этноэкологӣ ва педагогикаи халқӣ дар тарбияи экологии мактаббачагон (Н.Ш. Благоз [14], О.Е. Винокурова [17]).

Тарбияи экологии кӯдакон дар шароити этнопедагогӣ дар асарҳо ва таҳқиқоти В. Агеев [7], М. Багов [18], В. Вундт [25], С.В. Недбоева [165], Н.Сарсенбоев [172], З.К.Узденова, Х.Раҳимов, А.Нуров [168], Б.Маҷидова [154] ва дигарон таҳлилу баррасӣ шудаанд. Агар ба асосҳои дарки тарбияи экологӣ аз нуқтаи назари олими тоҷик А.Нуров назар намоем, чунин ибрози ақида менамояд: “Ба насли наврас оиди зарурати истифодабарии имтиёзҳои экологӣ додани дониш ба мақсади муҳофизати табиат талқини фикр дода мешавад, то табиати зист аз олоишҳо пок бошад. Зимни вазифаи инкишофдиҳӣ дар раванди ташаккули фаҳмиши ҳодисаҳои экологии талабагон алоқамандӣ ва вобастагии мавҷудияти олами рустанӣ ва ҳайвонот баррасӣ мегардад; нисбати ҳолати табиат ҷамъбасти хулосаҳо, маслиҳатҳои оқилона додан дар назар дошта мешавад” [163,45].

Имрӯз яке аз вазифаи мураккаби бисёрҷанбаи педагогӣ омӯзишу таҳқиқи ташаккули асосҳои маърифати экологӣ дар муассисаҳои таълимӣ мебошад. Мураккабӣ зарурати муайян намудани вазифа, мақсад, мазмун, тарз ва шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маданияти экологии кӯдаконро ба миён меорад.

Яъне, аз ин бармеояд, ки ташаккули тарбияи экологӣ дар шуури кӯдакон, хусусан, кӯдакони муассисаҳои таълимӣ аз равандҳои педагогӣ, аз ҷумла, расонидани фаҳмишҳои дурусти табиатдӯстдорию зебоипарастӣ дар кӯдакону наврасон тавассути машғулиятҳо ва экскурсияҳо, машғулиятҳои тарбиявӣ, озмунҳои рассомӣ, инчунин, чорабиниҳо дар фазои табиат ба мақсад мувофиқ мебошад.

Якчанд сол пеш масъалаҳои тарбияи экологӣ танҳо дар синни

мактабӣ ба миён гузошта шуда, дар зинаҳои минбаъдаи маориф идома дода мешуданд. Бо ҷаҳонишавии масъалаҳои экологӣ ҷомеа бори аввал ба синни томактабӣ ҳамчун синни муътадили гирифтани саводнокии экологӣ ва ташаккули маърифати экологӣ нигаронида шудааст. Дар баробари ин проблемаҳо ба миён меоянд: нарасидани ахбороти назариявӣ, воситаҳои махсуси таълимӣ ва таҳқиқот.

Тавре зикр гардид, раванди тарбияи экологӣ аз замонҳои қадим оғоз ёфта, тадриҷан густариш ёфт ва ҳудуди муайян, сохтор, тарз ва методологияи худро пайдо кард. Баъдан, ҷузъҳое ҷудо гардиданд, ки дар тарбияи шахсияти аз ҷиҳати экологӣ босавод муҳим буданд.

Ҳангоми таҳлили ин муқаррарот бояд қайд кард, ки фаҳмиши маърифати экологӣ муддати тӯлонӣ инкишоф ёфта, ҳамчун системаи муносибатҳои табиат ва инсон шарҳ дода шудааст. Дар нимаи дуюми асри XX «маърифати экологӣ» ҳамчун мафҳуми мустақил дар илм устуворӣ пайдо кард.

Имрӯз дар фазои Интернет мафҳуми зерини маърифати экологӣ нашр мегардад: «... қисми маърифати ҷамъиятӣ, системаи муносибатҳои иҷтимоӣ, меъёрҳои ахлоқӣ ва ахлоқии ҷамъиятӣ ва фардӣ, ақида, муносибат ва арзишҳо оид ба муносибати инсон ва табиат». [78]

Таърифи дигарро низ дар он ҷо пайдо кардан мумкин аст:

- «... фаъолиятҳое, ки ба баланд бардоштани маданияти экологӣ нигаронида шудаанд, «маърифати экологӣ» номида мешаванд». [78,31]

Дар асоси ин таъриф, онро аз нуқтаи назари афкори умум, ки ақидаи аксарияти одамонро муайян мекунад, шарҳ додан бамаврид аст.

Аммо барои муайян кардани моҳияти маърифати экологӣ ба адабиёти илмӣ муроҷиат кардан лозим аст:

Ушакова Е.А. дар асари худ «Экологияи инсон» маърифати экологиро «... маҷмуи дониш, малака, меъёрҳои иҷтимоӣ ва муҳандисӣ, ки дар асоси онҳо шахс худро ҳамчун ҷузъи муҳити табиӣ ва субъекти худ, дар назди худ, зинда ва наслҳои оянда барои ҳифзи он масъул медонад» муайян мекунад [102,128].

И.Д.Зверев тафсири каме дигарро пешниҳод мекунад: «Маърифати экологии шахс аз донишу эътиқодҳои муайян, омодагӣ ба фаъолият, инчунин амалҳои амалии мувофиқ ба талаботи муносибати эҳтиёткорона ба табиат иборат аст» [39; 140].

Дар адабиёти педагогӣ робитаи маърифати экологӣ ва ташаккули «муносибати масъулиятнок ба табиат» ва натиҷаи барномаҳои байнисоҳавии экологии И.Д.Зверев ва мактаби ӯ таъкид шудааст.

Барои Н.М.Соколникова, «маърифати экологӣ салоҳияти фарҳангӣ ва педагогӣ, аз ҷумла огоҳии экологӣ дар асоси лоиҳа мебошад» [98].

Тавре аз таҳлили маъхазҳои илмӣ маълум мегардад, мафҳуми «маърифати экологӣ» мафҳуми гуногунҷабҳа буда, назари олимони алоҳидаро нисбат ба вазъи имрӯза инъикос менамояд.

Аз замони пайдо шудани раванди маърифати экологӣ масъалаи ташаккули асосҳои донишҳои экологӣ ва маърифати экологӣ ба тамоми соҳаҳои илм ворид шудан гирифт. Албатта, ҳар як омӯзгор ин мафҳумро ба таври худ дарк мекард, бинобар ин дар раванди ташаккули маърифати экологӣ баъзан хусусиятҳое пайдо мешуд, ки аз тафсири илмӣ фарқ мекарданд. Масалан, ҳамин тавр Г.Э.Дулатова мафҳуми маърифати экологиро чунин шарҳ медиҳад: «… маърифати экологӣ нишондиҳандаи тарбияи ахлоқии шахсест, ки бо муносибати некхоҳона нисбат ба муҳити зист фарқ мекунад. Дар назди ниёгон ва наслҳои оянда барои ҳифзи табиат, ҳифзи ҳамаи объектҳои табиати зинда, доштани асосҳои донишу малака ва маҳорати экологӣ, ҳамчун ҷузъи табиат донистани худ, ба фаъолияти экологӣ машғул шудан, ба дигарон додани таҷриба, дониш ва маҳорати худ ҳисси масъулият дорад» [38; 96].

Захлебний А.Н.: «Маърифати экологӣ «раванди дар шуур ва фаъолияти инсон тасдиқ намудани принсипҳои рафтори аз ҷиҳати экологӣ солим дар табиат ва истифодаи табиат, доштани қобилияти ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ бидуни зарар ба муҳити зист ва саломатии инсон» [41,56].

Сидиқова З.Е.: маърифати экологиро «ҷузъи ҷудонашавандаи маърифати ҷаҳонӣ, ки бо боварӣ ва умумибашарӣ дар бораи худ ҳамчун ҷузъи муҳити табиӣ хос аст» медонад [90,23]. Ин маҷмуаи дониш, малака, арзиш, инчунин фаъолияти беҳбудии муҳити зист мебошад.

Гирусов Е.В. дар бораи маърифати экологии як гурӯҳи этникӣ сухан ронда, онро «маҷмуаи усулҳои мутобиқшавии одамон ба муҳити зист, ҳолати ҷомеа, ки бо таносуби арзишҳои маънавӣ ва моддӣ фарқ мекунад» номидааст»[32,18].

Испондиярова А.М. қайд мекунад, ки «маърифати экологӣ – ин сифати ахлоқии аз ҷиҳати иҷтимоӣ зарурии шахсият аст» [45,60].

Таърифи маърифати экологӣ аз ҷониби Е.В.Яковлева ба таърифи К.Стошкус монанд аст, зеро ӯ мегӯяд, ки «зерсистемаи маърифати экологӣ…, тафаккури экологӣ, …шуури экологӣ, …фаъолияти экологӣ, … рафтори экологист» [110,25-27].

Пирсаидова Г.А. маърифати экологиро «ташаккули мураккаби интегративӣ, ки дар маркази он ҷаҳонбинии экологӣ, фаъолият ва рафтори амалӣ қарор дорад ва ба рушди устувори бо ҳам алоқаманди инсон, ҷомеа ва табиат мусоидат мекунад» [77,118] номидааст. К.И.Исломова бошад, маърифати экологиро «нишондиҳандаи шахсе медонад, ки арзиши табиатро дарк мекунад, дорои системаи донишҳои экологӣ, шуури экологӣ мебошад, ба фаъолияти экологӣ машғул аст, инчунин нисбат ба табиат муносибати дӯстона дорад» [46,168].

С.Н.Глазачёв маърифати экологиро ҳамчун «маҷмуи арзишҳои маънавӣ, принсипҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ ва эҳтиёҷот, ки оптимизатсияи муносибатҳои ҷомеа ва табиатро таъмин мекунанд» [33;37] муайян намудааст.»

Дар таърифҳои С.В.Павлов, В.Н.Маистренко, Н.К.Курамелин маърифати экологӣ ҳамчун «азхудкунии асосҳои экологияи муосир, истифодаи табиат ва муносибат ба табиат, ки бояд дар ҳаёти ҳаррӯза – дар кор, дар хона, дар муносибат бо одамон пайваста риоя карда шавад» [78] муайян карда шудааст.

Ба кӯдакон бояд асосҳои тарбияи экологиро омӯзанд. Барои ноил шудан ба натиҷаҳои муассир, педагогҳо бояд таърифҳои дар боло зикршударо пурра донанд.

А.Г.Маслеев «маърифати экологиро ҳамчун «инъикоси ченак, усули инкишоф ва амалисозии қувваҳои ҷамъиятии инсон дар раванди инкишофи моддии амалӣ ва маънавию назариявии табиат ва нигоҳ доштани якпорчагии он тавассути дониш, дигаргунсозӣ ва танзими фаъолияти иҷтимоӣ, тағйир додан ва танзими фаъолияти иҷтимоӣ вобаста ба муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии мавҷуда муайян менамояд» [62,24].

Н.Ф. Реймерс маърифати экологиро «марҳила ва ҷузъи ҷудонашавандаи рушди маърифати ҷаҳонӣ, ки бо дарки амиқ ва умумибашарӣ дар бораи худ ҳамчун ҷузъи муҳити табиӣ ва ҳамчун субъекти масъул дар назди худ, дар назди наслҳои ҳозира ва оянда хос аст» маънидод мекунад» [86,243].

Л.П.Симонова ва М.В.Машарина маданияти экологиро ҳамчун хислати шахсият ҳисоб кардааст: «Маърифати экологӣ маҷмуи сатҳи муайяни сифатии муносибатҳои иҷтимоӣ ва моддию техникии одамон бо табиат ва ба ҳамдигар мебошад» [99,186].

Кашлев С.С. қайд кардааст, ки «маърифати экологӣ маҷмуи талабот ва меъёрҳои ба фаъолияти экологӣ гузошташуда ва омодагии шахс ба риояи ин меъёрҳо мебошад. Хусусиятҳои шуур, рафтор ва фаъолияти одамонро дар муносибат бо табиат, оптимизатсияи муносибати онҳо бо он тавсиф мекунад» [33,37].

Дар асл мафҳуми фарҳанг, инчунин маърифати экологӣ тағирёбанда аст, зеро маънои он ба таҳаввулоти ҷомеа вобаста аст. Агар ки қаблан мафҳуми мазкур шахси боодоб, ки тамоми қоидаҳои рафтори муқарраркардаи ҷомеаро риоя мекунад, дар назар дошта буд, вале имрӯз сарҳади он васеъ шуд: он шахсе, ки боодоб, босавод, дониши гирифтаашро дуруст ва сари вақт истифода бурда метавонад, мебошад.

«Ин яке аз воситаҳои мавҷудияти инсон аст, ки онро ба навъҳои зерин ҷудо мекунанд:

1) аз ҷиҳати бо табиат мутобиқ будан фарқ мекунад (аз асрҳои V то XVII давом мекунад);

2) вақте аз ҷониби инсон сохтмони табиати дуюм ба вуҷуд меояд, вале он ҳам мисли аввалин муҳим аст (асрҳои XVII-XX);

3) дар охири асри XX сурат мегирад ва ҳамчун «роҳи зинда мондан» номида мешавад. Дар он ба назар гирифтани маҳдудиятҳое, ки табиат дар офаридани табиати дуюм гузоштааст» [44; 64-66].

Ҳарчанд тӯли солҳо таърифи ягонае, ки маърифати экологиро тавсиф намояд, пайдо нашудааст, аммо барои муайян кардани сохтори он кӯшишҳои зиёд ба харҷ дода шудаанд.

Педагог-экологи маъруф И. Зверев «ҷузъҳои зерини сохтори маърифати экологиро муайян кардааст:

- дарки мураккаби системаҳои табиӣ ва робитаи байни онҳо;

- ягонагии донишҳои экологӣ;

- тафаккур дар доираи бехатарии экологӣ;

- риояи қонунҳои экологӣ;

- таҳияи меъёрҳои ахлоқии муносибат бо табиат;

- омодагӣ, ҷавобгар будан ба ҳолати экологӣ» [39; 140].

Л.П.Салеева-Симонова «панҷ ҷузъро дар маърифати экологӣ муайян кардаанд:

1) шавқу ҳавас ба табиат ва масъалаҳои ҳифзи он;

2) системаи дониши экологӣ ва усулҳои муҳофизат ва ҳифзи он;

3) ҳиссиёти ахлоқӣ ва эстетикӣ нисбати муносибат ба табиат;

4) фаъолияти босаводонаи экологӣ дар муносибат бо табиат;

5)маромҳо (дохилӣ ва ё беруна), ки фаъолият ва рафтори шахсро дар муҳити табиат муайян мекунанд» [39; 140].

Л.П. Печко маърифати экологиро ҳамчун мафҳуми бисёрҷанба ба се ҷузъ муайян мекунад:

1) «маърифати  фаъолияти маърифатӣ, ки ба азхуд намудани таҷрибаи ҳамкории инсон бо табиат ва муносибат ба табиат ҳамчун арзиш нигаронида шудааст;

2) маданияти муоширати маънавӣ бо табиат, қобилияти мафтун кардани зебоии он, дар ҷараёни муошират бо табиат таҷрибаҳои эстетикӣ;

3) маданияти меҳнат дар табиат, муносибати эҳтиёткорона ва масъулиятнок нисбат ба амали худ дар табиат» [79; 30].

Илми равоншиносӣ дар маърифати  экологӣ ҷузъҳои зерини сохториро муайян кардааст: маърифатӣ, эҳсосотӣ-ихтиёрӣ ва фаъолиятнокӣ.

1. Когнитивӣ (маърифатӣ ё иттилоотию маърифатӣ), таваҷҷӯҳ ба муҳити табиии (иҷтимоию табиии) атроф ва тавассути тавсифи ашё, хосияти онҳо, донистани гуногунии онҳо ва робитаи байни онҳо ошкор мегардад. Қисмат ба рушди донишҳои экологӣ ва огоҳии унсурҳои табиӣ ва иҷтимоӣ ҳамчун қисмҳои ба ҳам вобастаи ягона мусоидат мекунад.

2. Аксиологӣ (эҳсосӣ-арзиш ё арзиш-ихтиёрӣ), ба дарки эмотсионалӣ ва ҳассосӣ, ҷавобгӯйӣ ва ҳамдардӣ асос ёфтааст. Ин ҷузъ аҳамияти ҳамаҷонибаи объектҳои табииро дар ҳаёти инсон нишон медиҳад.

3. Фаъолиятнокӣ (рафтор), ки аз як тараф ҳамчун меъёри эҳсосот, муносибатҳо, шуур амал мекунад, аз тарафи дигар натиҷаи онҳо бошад, аз тарафи сеюм, худи он ҳиссиёт ва муносибатҳои инсонро бо олами атроф ва ягонагӣ бо он ташкил медиҳад.

Ба андешаи муҳаққиқон, аҳамияти ҳар як ҷузъи сохтори маърифати экологии фард назаррас аст.

Н.А.Ямшикова чунин «сохторбандии маърифати  экологиро муайян кардааст:

- ҷузъи мурофиавӣ-муҳтаво;
- арзишмандӣ-маромнокӣ;
- ахлоқӣ-иртиботӣ» [211,98-99].

Дар таҳқиқоти худ Т.В. Яковенко ва Е.Г. Шаронова «ба ҷузъҳои маромнокӣ ва иродавӣ дар рушди маърифати экологии шахс таваҷҷуҳи хоса зоҳир мекунанд» [111].

Ба ақидаи Агаларова П.И. «ҷузъи меъёрӣ низ дар азхудкунии қоидаҳои рафтор, анъанаҳои экологӣ ва тамаркуз ба фаъолияти экологӣ муҳим аст» [14; 46].

Далелҳои ҷамъоварда бори дигар гуногунии ҷузъҳои сохториро тасдиқ ва аҳамияти онҳоро асоснок намуда, пайвастагии равандро нишон медиҳанд. Албатта, мо ба ақидаи аксари муҳаққиқон оид ба тадриҷан инкишоф ёфтани маданияти экологӣ баҳс нахоҳем кард.

Ин хусусиятро Н.Н. Валуева дар таҳлили ташаккули маърифати экологӣ дар се марҳила нишон додааст:

«**Марҳилаи 1 -** ҳавасмандкунӣ мебошад, ки ҳадафи он эҷод кардани ҳавасмандии хонандагон барои азхуд кардани дониш, малакаи экологӣ, фаъолиятҳои экологӣ ва ҳифзи табиат тавассути ҷашнҳои оммавӣ, бозиҳо, викторинаҳо, озмунҳо, экскурсияҳо, сайру саёҳатҳо бо таваҷҷӯҳ ба муҳити зист, нақшбозӣ ва дигар бозиҳо мебошад.

**Марҳилаи 2** маърифатӣ буда, мақсад аз он инкишоф додани фаъолияти маърифатӣ ва мустақилияти кӯдакон дар гирифтани иттилоот ва ғояҳои нави экологӣ ва биологӣ оид ба проблемаҳои экологӣ, ҳифзи табиат тавассути ташкили лабораторияҳои илмӣ, ҷамъиятҳои илмӣ ва ғайра мебошад.

**Марҳилаи 3** марҳилаи фаъолиятест, ки мақсад аз он азхудкунии малака ва маҳорату рафтор дар табиат дар асоси донишҳои мавҷуда оид ба нигоҳубин, омӯзиши амалӣ ва ҳифзи объектҳои табиӣ ва экосистема мебошад. Баъдан кӯдакон ба зинаи баланди мустақилият мегузаранд, ки шавқу рағбати ӯ эҷодкорона мешавад, зарурати омӯзиш дар системаи таълими иловагии экологӣ ба миён меояд» [27,47-48].

Осокина В.Н. ба ҷузъи фаъолият таваҷҷӯҳ медиҳад, зеро «ташаккули маърифати экологӣ тавассути марҳилаҳои иттилоотию маърифатӣ, амалиётӣ-фаъолиятӣ ва амалия нигаронидашуда сурат мегирад» [68,61].

Ба ақидаи С.А.Ряднова «ташаккули маърифати экологӣ тавассути татбиқи чунин марҳилаҳо сурат мегирад: ташаккули тасаввуроти экологӣ, инкишофи шуур ва эҳсосоти экологӣ, ташаккули эътиқод ба зарурати донишҳои экологӣ» [87;103].

Н.А. Рижова, муаллифи бисёр воситаҳои таълимӣ оид ба тарбияи экологии хонандагон ва кӯдакони синни томактабӣ буда, «раванди ташаккули маърифати экологиро ҳам аз нуқтаи назариявӣ ва ҳам таҷрибавӣ баррасӣ менамояд. Маърифати экологӣ ҳамчун ҷузъи муҳимтарини маърифати башарӣ дар маҷмӯъ, ҷузъи ҷудогонаи он муайян шудааст, ки робитаи зичи инсон ва тамоми ҷомеаро бо табиат дар ҳама намудҳои фаъолият инъикос менамояд» [66;17-21].

Ҳамчун идомаи ақидаи ӯ дар робита ба маърифати экологӣ ба нуқтаи назари Т.В.Поданева таваҷҷӯҳ кардан бамаврид аст, ки «Ташаккули маърифати экологӣ, аз давраи томактабӣ оғоз ёфта, дар давоми ҳаёт идома меёбад, ба ташаккули шахсияти нав, ки ба ҳифзи муҳити зист нигаронида шудааст, мусоидат мекунад» [80; 90].

Мавриди таҳия ва қабули Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳалли масъалаҳои экологӣ мутобиқи «Марказҳои рушди устувор қадамҳои зерин пешбинӣ шудаанд:

- Системаи маориф дар ҳама сатҳ бояд ба рушди дониш ва малакаҳои зарурӣ барои рушди устувор мусоидат намояд.

- Муайян намудани зарурат ва ҷорӣ намудани барномаҳои нави таълимӣ, ки ба ташкили тахассус ва бозомӯзӣ барои истифодаи технологияҳои марбут ба муҳити зист, самаранокии энергия ва захираҳо, ташаккули қувваи корӣ барои «шуғли сабз» нигаронида шудаанд» [28].

Кӯдакони синни томактабӣ аз рӯи хусусиятҳои синну солӣ ба табиат хеле наздиканд. Онҳо метавонанд олами набототро дарк кунанд, ба гулу сабзазор нигоҳубин кунанд ва боз метавонанд онҳоро бепарвоёна чида ва ё поймол кунанд. Маҳз дар мавриди шинос намудани бо қоидаҳои рафтор дар табиат, онҳо ҷонибдорони фаъоли риояи ин қоидаҳо мегарданд. Аз ин лиҳоз, муҳаққиқ Б.Маҷидова чунин қайд мекунанд:

«Инсон бояд аз хурдсолӣ ҷои худ дар табиат ва муносибати дуруст бо онро хуб донад. Ташаккли фарҳанги экологии кӯдакони синни томактабӣ албатта, тавассути фаъолияти бозӣ ва машғулиятҳои мухталифи экологӣ дониши онҳоро дар ин самти муҳим афзуда метавонад» [194,34]. Аз ин лиҳоз, хуб аст, ки дар кӯдакони хурдсол қоидаҳои экологӣ - ташаккули фарҳанги экологии кӯдакони синни томактабӣ, меъёрҳои муносибат бо табиатро муассиртар тарбия намоем. Ин, бе шубҳа, ба инкишофи маърифати экологии онҳо мусоидат менамояд.

Дар Стандарти давлатӣ вазифаҳои тарбияи экологӣ муайян гардидаанд ва онҳо **дар нақшаи 2** пешниҳод шудаанд:

Ҳангоми баррасии истилоҳи «саводнокии экологӣ» қайд карда шавад, ки он пеш аз ҳама истифодаи саривақтӣ ва дурусти иттилооти бадастомадаро дар назар дорад. Дар синни 5-7 солагӣ кӯдакони синни томактабӣ метавонанд мустақилона хулосабарорӣ намоянд. Тафаккур ва дарки онҳо бори дигар мавҷудияти тафаккури аёнӣ-образиро нишон медиҳад. Бо назардошти хусусиятҳои тафаккури мантиқӣ диққати бештари кӯдаконро ба тафсилоти воқеаҳо равон кардан лозим аст.

**Ташаккул додани қобилияти ташкили фаъолияти падару модар бо кӯдак оид ба шиносоӣ бо табиат**

**Ошкор намудани нақши оила дар тарбияи шавқу завқи маърифатӣ ва муносибати мусбӣ ба табиат**

**Ташаккул додани дониши кӯдакон дар бораи хусусиятҳои фарққунандаи оламі набототу ҳайвонот ва тағйироти мавсимии табиат (обу хаво) тавассути сухбат, мушохидахо, экскурсия ва**

**Ташаккули муносибату ҳиссиёти эмотсионалӣ ба зебогиҳои табиат**

**Истифода аз адабиёти бачагона, асарҳои санъати тасвирӣ ва мусиқӣ**

Дар рафтори онҳо масъулиятнокӣ  мушоҳида мегардад,  яъне агар шумо аз онҳо хоҳиш кунед, ки ба ҳайвонот, ба моҳӣ хӯрок диҳанд ё ба гул об диҳанд, онҳо ин вазифаро эҳтиёткорона иҷро мекунанд. Тафаккури кӯдак кунҷков аст, қодир аст, чизи ноаёнро пайхас кунад. Кӯдак ҳангоми иҷрои супориш (шинохтани тухми лӯбиё) нашъунамои тухмӣ ва тағйир ёфтани хусусиятҳои берунию дохилии онро бодиққат мушоҳида мекунад.

Кӯдакон дар бораи заминҷунбӣ, обхезӣ, сел, тӯфон, тундбод ва ғайра шунида, барои сабаби ин ҳодисаҳоро донистан мароқ пайдо мекунанд. Онҳо иттилооти шунидаашонро муддати тӯлонӣ таҳлил мекунанд, сипас  фикрҳои  хеле оддиро пешкаш менамоянд.

Аз ин рӯ, дар муассисаҳои томактабӣ бо ворид кардани ҳама гуна маълумот ба бозиҳо, экскурсияҳо, суҳбат ва чорабиниҳои асосии таҳқиқотӣ, шумо метавонед дар кӯдаки худ малакаҳои асосии рафтор дар муҳити зистро тарбия намоед. Ғайр аз ин, чунин фаъолиятҳо метавонанд ба кӯдакон дар фаҳмидани принсипҳои муносибати оқилона ва эҳтиромона ба табиат кӯмак расонанд.

Мураббия ҳамеша кӯдаки синни томактабиро ба вараќи тоза муқоиса мекунанд, ки дар онҳо ҳама чизро навиштан мумкин аст.  Ҳоло, ки кӯдаки синни томактабӣ монанди «зарф холист» ва онро пур карда мешавад, хонандаи синфи ибтидоӣ (синфи якум) аллакай дорои заминаи донишҳои асосӣ мебошад. Онҳо на танҳо маълумот, балки малака ва қобилият доранд. Аксар вакт, ин малакаҳо ва қобилиятҳое мебошанд, ки дар кӯдак дар хона, тавассути муоширати ҷамъиятӣ дар кӯча ё тавассути шабакаҳои интернетӣ ба даст оварда шудаанд. Дар ин сурат омӯзгор бояд донишҳои мавҷудаåро ислоҳ намуда, донишҳои дар барномаи таълимӣ талабшударо ба ин замина вогузор намояд.

Имрӯзҳо баъзан дидан мумкин аст, ки хонандагони синфи якум ҳангоми танаффус дар бораи муҳити атроф, махсусан  рафтори ҳайвонот, ба нигоҳубин маслиҳат мегиранд, аз муваффақиятҳои худ накл мекунанд.

Бо омӯзиши «Олами гирду атрофи мо» ва дар дафтари худ иҷро намудани супоришҳо хонандагони синфи якум ба таҳқиқоти мустақилона омода мешаванд. Ин хислатҳои кӯдакона бояд барои тарбия ва ташаккули шахсият ҳамаҷониба истифода шавад.

Бо ин мақсад хусусиятҳои идроки кӯдакони синни томактабӣ ва синфҳои якумро, ки дар адабиёти илмӣ пешниҳод шудаанд, бояд равшан нишон дод.

Психологҳо ва мураббияҳо як хусусияти фарққунандаи дарки кӯдакони синни томактабиро нишон додаанд, яъне онҳо пеш аз ҳама ҳисси визуалӣ ва шунавоиро истифода мебаранд. Ин хислатҳоро ба назар гирифта, ба кӯдакон мавриди хондан ва нақли асарҳои бадеӣ аз воситаҳои аёнӣ истифода намуданро тавсия медиҳанд.

Тавре ки дар боло зикр гардид, кӯдакони синни томактабӣ қодиранд, ки барои худ модели рафторро интихоб намоянд ва мувофиқи стандарти қабулшуда амал кунанд. Таъсири назарраси дарки эмотсионалӣ ба рафтори кӯдакони синни томактабӣ ба онҳо кӯмак мекунад, ки идеяҳои муайянро ташаккул диҳанд ва меъёрҳои қабулшудаи рафторро омӯзанд. Гузашта аз ин, дар ин синну сол фаъолияти бозӣ тадриҷан ба фаъолияти маърифатӣ мегузарад.

Кӯдакони синни томактабӣ барои омӯхтани чизҳои нав кӯшиш мекунанд, ки ба фаъолиятҳо машғул шаванд, бинобар ин, фаъолияти ҷустуҷӯии ибтидоӣ бештар намоён мешавад. Ин хусусият бо инкишофи диққати ихтиёрӣ шарҳ дода мешавад, ки ба кӯдакон имкон медиҳад, ки ба фаъолияти мушаххаси мақсаднок машғул шаванд. Бо оғози раванди ташаккули асосҳои маърифати экологӣ аз синни томактабӣ метавон дар оянда шаҳрванди босаводеро омода намуд, ки дорои малакаи маърифати экологӣ бошад [63; 256].

Синни томактабиро давраи «муносиби инкишофи кӯдак» низ меноманд. Вақте ки кӯдак ба камол мерасад, тарзи тафаккури он тағйир меёбад, фикри онҳо беҳтар мешавад ва омӯзиш дар маркази диққат қарор мегирад. Дар ин синну сол раванди дарккунӣ ҳанӯз мушаххасоти

тафриқавиро доро намебошад ва баъзан ҳангоми фарқ кардани ашё ва ҳарфҳо иштибоҳ ба амал меояд. Аз ин рӯ, дар машғулиятҳои «Шиносоӣ бо муҳити атроф» ба кӯдакон бодиққат буданро ёд дода, барои муайян кардани ҷузъиёт ва қисмҳои объектҳои мушоҳидашуда кӯмак бояд кард.

«Тавассути мушоҳида, шунидани сабти овози парандагон, ҳикояҳо дар бораи ҳайвонот ва наботот, дар бораи сайёра ва дигар рӯйдодҳои олами атроф диққати ихтиёрии кӯдакон такмил ёфта, ба ташаккули идрок ҳамчун раванди мақсаднок, бошуурона мусоидат мекунад.Танҳо дар ҳамин асос дар бораи гузоштани пояҳои фарҳанги экологӣ сухан рондан мумкин аст» [63; 256].

Дар ҳама синну сол ва дар ҳама гуна шароити иҷтимоӣ шахсияти комил бидуни тарбияи экологӣ вуҷуд дошта наметавонад. Зеро тарбия пояи давлату давлатдорӣ, фарҳангу инсонпарварист. Маълумоти инсон, шуурнокӣ ва мавқеи ӯ дар ҷомеа низ аз тарбияи экологӣ вобаста аст. Таълими экологӣ мероси бунёдии ҷомеаи муосир мебошад. Тарбияи чунин насл ба зиммаи омӯзгорон  ва мураббияҳо гузошта шудааст.

«Ташкили тарбияи самараноки экологии шаҳрвандон имконият фароҳам меорад, ки инсон муҳити зисташро ҳимоя кунад, тозаву озода нигоҳ дорад, сарватҳои онро афзун гардонад. Худ дар он сиҳату саломат умр ба сар барад ва муҳити зисти аз ҷиҳати экологӣ тозаро ба наслҳои оянда боқӣ гузорад. Тарбияи экологӣ ва ҳифзи муҳити зист, пеш аз ҳама ҳимояи наслиояндаи миллатро дар назар дорад» [77,32]. Тарбияи экологӣ дар муассисаҳои томактабӣ, инчунин дар мактабҳои ибтидоӣ нисбатан ба наздикӣ ҷорӣ карда шудааст ва аз ин рӯ, бисёр камбудиҳоро қайд кардан мумкин аст.

Тавре зикр гардид, маърифати экологӣ бори нахуст солҳои 90-ум дар Федератсияи Русия ва солҳои 2000-ум дар Тоҷикистон ба тарбияи томактабӣ ворид шуд. Албатта, дар муассисаҳои томактабӣ ҷорӣ намудани тарбияи экологӣ такмили ҷиддӣ талаб мекунад. Дар ибтидои солҳои 2000-ум, вақте ки кӯдакистонҳо тибқи барномаи давлатӣ дар ин

самт ба фаъолият шурӯъ карданд, бисёриҳо бо нафаҳмиҳо рӯбарӯ шуданд: «Чӣ? Чӣ тавр? Кай? Бо кадом роҳ?»

Дар рафти семинарҳои таълимии экологӣ бо мудирони муассисаҳои томактабӣ зуд-зуд саволҳо ба миён гузошта шуда, дар бораи вазъияти ба амаломада чунин нофаҳмиҳо баён карда мешуданд: «Мо ба кӯдакон мефаҳмонем, ки чӣ гуна табиатро ҳифзи менамоем? Чӣ метавонад тағйир ёбад?», «Дар ин ҷо ҳам мо бояд чӣ тавр муҳофизат намудани табиатро фаҳмонем».

Дар давоми 20 соли охир ҷорӣ намудани қонуну қоидаҳои навро қайд кардан лозим аст. Мураббия инчунин муносибати фаъолро нишон дода, на танҳо дар ин самт худомӯзӣ мекунанд, балки дар ташкил ва расонидани тарабияи экологӣ низ эҷодкорӣ нишон медиҳанд.

Ҷорӣ намудани тарбияи экологӣ дар муассисаҳои томактабӣ аз ворид намудани машғулиятҳои тарбияи экологӣ ба барномаи таълимии кӯдакистони «Рангинкамон» оғоз ёфт. Машғулиятҳо дар як ҳафта як маротиба дар пайдарҳамӣ бо машғулиятҳои «Шиносоӣ бо муҳити атроф» ба нақша гирифта мешуданд. Имрӯз ҳам норасоии кӯмаки методӣ оид ба тарбияи экологӣ вуҷуд дорад. Мураббияҳо фарқияти байни ин ду машғулиятро пурра нафаҳмиданд ва дар қисме аз МТТ машғулиятҳо мисли пештара гузаронида мешаванд.

Дар ҳар як муассисаи томактабӣ «Пайроҳаи экологӣ» ташкил карда шуда, машғулиятҳои тарбияи экологӣ берун аз гурӯҳ бештар гузаронда мешуданд. Таълими экологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ хеле пештар ҷорӣ карда шуда буд, аз ин рӯ, пешрафтҳои методӣ бештар вуҷуд дошт. Бинобар ин кӯдаконе, ки ба синфи якум меоянд, доир ба фаъолияти инсон дар табиат дониши асосӣ гирифта, ҷиҳатҳои мусбату манфии онро ба назар гирифтаанд.

Мураббия экскурсияҳо гузаронда, дар машғулиятҳо кори таҷрибавӣ ташкил мекунад. Китобҳои электронии машғулиятии «Олами гирду атрофи мо» ёрии калон расонданд. Истифодаи проектор ва тахтаи

электронӣ ҳам барои мураббия ва ҳам барои бачаҳо ёрии калон расонд. Ҳар кадоми онҳо наворҳои таъсири инсонро ба табиат дида метавонанд.

Тибқи моддаи 9 Қонун «Дар бораи маърифати экологӣ» омадааст: «Маърифати экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи барномаҳои ягонаи давлатӣ сурат мегирад. Онҳо аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ бо ҷалби ташкилотҳои ҷамъиятӣ таҳия карда мешаванд» [101].

Бинобар ин, раванди ташаккули асосҳои маърифати экологӣ дар муассисаи томактабӣ дар асоси адабиёти мавҷуда гузаронида мешавад. Танҳо ба шарофати эҷодиёти мутахассисон ин ҷараён метавонад чизи наву шавқоварро барои кӯдакон дар бар гирад.

Дар як банди Стратегияи милли рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 зарурати таҳияи воситаҳои таълимӣ, аёнӣ ва маълумотӣ, инчунин маводи иттилоотӣ оид ба маориф ва огоҳии экологии аҳолӣ, таҳия ва қабули стандартҳои таълимии таҳсилоти экологӣ дар системаи таҳсилоти расмӣ дар ҳама сатҳҳо зикр шудааст [189].

Нақшаи 3



Имрӯз таҳкими заминаи қонунгузорӣ ва консептуалӣ дар соҳаи тарбияи экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро қайд кардан лозим аст. Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон No116 аз 3 апрели соли 2021 «Барномаи давлатии маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» қабул гардид. Илова бар ин, Стратегияи миллии рушд қабул карда шуд, ки дар он аз ҷумла зикр мегардад:

-дар тамоми зинаҳои таҳсилот фанҳои зерин ҷорӣ карда шуданд: «Муқаддима ба муҳити зист», «Табиатшиносӣ», «Экология», «Биоэкология», «Геоэкология», «Радиоэкология», «Мониторинги экологӣ», «Экологияи тиббӣ», «Экологияи кишоварзӣ» ва ғайра.

-ташкил ва гузаронидани озмунҳои ҷумҳуриявии «Экологи ҷавон», «Муҳофизони ҷавони табиат», «Экологҳои ҷавон», «Беҳтарин омӯзгори эколог», «Шеър ва достони беҳтарин» ва аксияҳои «Соҳили тоза», «Минтақаи тоза», «Роҳи тоза» [7].

Қонунҳо, низомномаҳо ва чорабиниҳои дар ин таҳқиқот баррасишуда ба тарбияи самарабахши насли навраси ҷумҳурӣ нигаронида шудаанд. Дар ин раванд ташкили шароитҳои педагогии босамарро низ ба назар гирифтан лозим аст. Дар байни шароитҳои педагогӣ берунӣ ва дохилӣ фарқ мекунанд [48]. Шароитҳои беруна муҳите, ки дар он омодагӣ сурат мегирад, шароити дохилӣ бошад, фаъолияти равонии ҳар як кӯдак мебошад.

Насли имрӯза қоидаҳои рафтор дар табиат, зарурати риояи қоидаҳои муқарраргардидаро хуб медонад, аз раванди нашъунамои наботот ва ҳайвонот, аҳамияти об дар ҳаёти инсон огоҳӣ дошта, бо мавқеи пиряххо чи дар ҳаёти инсон ва чи дар табиат бохабар ҳастанд.

Ҳамаи ин дар асоси машғулиятҳо, китобҳои машғулиятӣ ва дигар воситаҳои ахбори оммавӣ роҳандозӣ мегардаднд. Аз ин рӯ, бояд ба фаҳмиши бачаҳо дар бораи хусусиятҳои фаъолияти экологии инсон диққат дод, зеро онҳо бо асосҳои ҳифзи муҳити зист то андозае шиносанд. Ба кӯдакон лозим аст, ки фарқи байни донишҳои экологӣ ва

дониш дар бораи муҳити атрофро омӯзанд аз ин рӯ, маҳз ҳайати педагогӣ бояд ин фарқиятро эътироф ва қабул кунанд, то онро ба кӯдакон расонанд.

Ба кӯдакон бошуурона амал намудан омӯзонида шавад. «Иҷрои ин вазифа дар давраҳои гуногуни синнусолӣ чунин муайян карда мешавад:

- *дар давраи якуми хурдсолон – 2-3 солаҳо:* ташаккули хоҳиши иҷрои нишондодҳои мураббия;

- *дар давраи дуюми хурдсолон – 3-4 солаҳо:* ба сабзиши растаниҳо халал нарасонидан (накандан, поймол накардан, дод нагуфтан, шавқун накардан) ва дар ҳаққи онҳо ғамхорӣ намудан;

- *дар давраи миёна – 4-5 солаҳо:* омӯзонидани эҳтирому нигоҳубин намудани набототу ҳайвонот, ташаккули сабру тоқат ва қобилияти баҳодиҳӣ ба рафтори худ ва рафиқон;

- *дар давраи калон 5-6 солаҳо:* риоя намудани қоидаҳои рафтор, на танҳо дар ҳузури калонсолон, инчунин дар набудани онҳо. Масъулият ба рафтори худ, маҳорати ба ҳисоб гирифтани фикру ақида, манфиати атрофиён;

- *дар давраи омодагӣ ба мактаб 6-7 солаҳо:* ёд додани эҳтиёткорӣ, озодагӣ, дилсӯзӣ ва интизомнокӣ» [197].

Маданияти муносибат ба табиат бояд дар ягонагӣ ва алоқамандӣ бо аз худ кардани қоидаҳои ахлоқӣ, рафтору кирдори нек таъмин гардад. Ин ҷо се вазифаро муайян намудан мумкин аст: тарбия намудани муносибати эҳтиёткорона ба табиат, маданияти муносибат ба табиат ва маданияти фаъолият дар табиат.

Барои иҷрои ин вазифаҳо омилҳои таъсиррасонӣ ба маданияти ботинию зоҳирии кӯдакон ба ҳисоб гирифта мешавад. Кӯдаконро ба он бовар намудан лозим аст, ки сабабу оқибатҳои амалиёти гуногунро таҳлил намуда, хулосаи шахсии худро пешниҳод намоянд. Масалан, дар ҷараёни навбатдорӣ дар гӯшаи табиат, баргҳои ҳиногул (балзамин) ва колеуси пажмурдашударо кӯдакон мушоҳида намуданд. Мураббия ин

лаҳзаро дида аз кӯдакон мепурсад: Барои чӣ ин баргҳо пажмурда шудаанд? Чӣ бояд кард?

«Дар ташаккули шахсият марҳилаи таълим дар синфҳои ибтидоӣ ҷои махсусро ишғол мекунад. Ин давраест, ки кӯдакро бовар кунондан, ба ӯ фаҳмонидани мушкилоти экологии дар ҷомеа мавҷудбуда осонтар аст. Дар ин синну сол, кӯдак бештар эътимоднок ва таъсирбахш аст, ба табиат наздик аст, кунҷковии зиёдаш қайд карда мешавад. Дар давраи таҳсил дар синфҳои ибтидоӣ хонанда донишро азхуд мекунад ва бори дигар қайд кардан бамаврид аст, ки маҳз дар ҳамин давра ташаккул додани дониш, малакаи экологӣ, дар ӯ дӯст доштани табиат ва ҳифзи он осонтар мегардад» [48,78].

Аз ин рӯ, дар тарбия ва таълими экологӣ ба зиммаи омӯзгори синфҳои ибтидоӣ нақши хоса ва назаррас гузошта мешавад. Аз ин лиҳоз, маърифати экологӣ ҳамчун «раванди муттасили таълим, тарбия ва инкишофи шахсият, ки ба ташаккули системаи донишу малакаҳои илмӣ ва амалӣ, самтҳои арзишӣ, рафтор ва фаъолияте нигаронида шудааст, ки муносибати масъулиятнокро ба ҷомеа ва табиат таъмин менамояд. Муҳити зист ва тандурустӣ соҳаи нави афзалиятнок шуда истодааст» [112,54].

Бояд қайд кард, ки дар баланд бардоштани маърифати экологии ҷавонон дар мактабҳои миёна ва олӣ омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, география, биология, химия, физика, тиб, нуҷум ва мудофиаи гражданӣ ва ҳолатҳои фавқулода аҳамияти хело калон дорад.

«Барои баланд бардоштани савияи донишу маърифати экологии ҷавонон, барои ноил шудан ба рушди устувор дар системаи маърифати экологии ҷаҳонӣ аз таҷриба, усул ва шаклҳои гуногун истифода мекунанд, ки дар ин самт ба фаъолияти амалӣ ва таҳқиқотӣ такя намудан зарур ва ба манфиати умум хоҳад буд. Шакл ва усулҳои маърифат инҳоянд: мактаби экологӣ, театри экологӣ, бозию ҷашнҳои экологӣ, лагери экологӣ, туризми экологӣ, коргоҳи эҷодӣ, ҷамъияти илмии муҳассилин, маҳфилҳои экологӣ, мубоҳисаҳо, истифодаи технологияи

муосири иттилоотӣ, осорхонаи экологӣ, иқдому намоишҳо ва ғайраҳо» [176,79].

Тарбияи экологӣ тавассути таълими мақсадноки фанҳои гуногун таъмин карда мешавад. Дар мактаб кӯдакони хурдсол бо омухтани забони модарӣ, хониш, одоб, табиатшиносӣ, эҷодиёти халқ ва меҳнат, инчунин тарбияи ҷисмонӣ дониши экологии худро бой мегардонанд. Меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ ба инкишофи муҳаббати кӯдакон ба табиат ва муҳофизати он мусоидат мекунад. Ҳамаи ин дар якҷоягӣ бо муносибат ва намудҳои гуногуни фаъолият метавонад ҳамчун манбаи маълумот оид барои таълими экологии кӯдакон хизмат кунад.

## Хулосаи боби 1.

1. Дар давраи синни томактабӣ ҳиссиёти ибтидоии кӯдак дар бораи донистани олами атроф инкишоф меёбад, онҳо дар бораи табиат таассуроти эмотсионалӣ пайдо мекунанд ва дар онҳо дарки шаклҳои гуногуни ҳаёт инкишоф меёбад.

2.Дар ин давра асосҳои тафаккури экологӣ, фарҳанг ва маърифати экологӣ ташаккул меёбад. Таъсири муҳити табиат ба инкишофи кӯдак хеле калон аст. Шиносоӣ бо олами атрофии доимо тағйирёбанда аз солҳои аввали ҳаёти кӯдак оғоз мешавад. Ҳодисаҳо ва объектҳои табиат бо зебоӣ, рангҳои пурҷӯшу хуруш ва гуногунрангии худ кӯдаконро ба худ ҷалб мекунанд.

3.Бо тамошо ва мушоҳидаи онҳо кӯдак таҷрибаи эҳсосии худро ғанӣ мегардонад, ки асоси эҷодиёти ояндаи ӯро ташкил медиҳад. Кӯдак ҳар қадар асрори олами атрофро амиқтар дарк кунад, ҳамон қадар саволҳо зиёд мешаванд.

4.Педагогикаи муосир чунин мешуморад, ки таҷрибаи кӯдакон дар баробари бозӣ яке аз муҳимтарин ва табиӣ зуҳуроти равонии кӯдак мебошад. Таҷрибаи кӯдакона дар омӯхтани олами атроф, инчунин дар таълиму тарбияи экологӣ дар солҳои томактабӣ як фаъолияти бунёдӣ ба ҳисоб меравад.

5. Таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ дар МТТ чаҳорчӯбаи бисёрҷанбаи педагогиро ифода мекунад. Ҳалли масъалаҳои муосири экологӣ такя ба донишҳои психологӣ, педагогӣ ва экологиро талаб мекунад.

6. Таҳқиқоти назариявии гузаронидашуда барои ошкор намудани хусусиятҳои хоси ташаккули маърифати экологии кӯдакон мусоидат менамояд. Тавре ки таҳлили маводи назариявӣ ва методӣ нишон дод, ҳоло проблемаҳои тарбияи экологӣ таҳлил ва ҷустуҷӯ роҳҳои ҳалли онро тақозо мекунад. Норасоиҳои зиёд дар фаъолияти муассисаҳои таълимӣ дар самти тарбияи экологӣ, инчунин дар ташаккули донишу фарҳанги экологии кӯдакон ҳалли фаврии худро талаб мекунанд.

7. Дар рафти таҳқиқот муттасилии синни томактабӣ ва хурди мактабиро ба асос гирифта, қарор дода шуд, ки хусусиятҳои раванди ташаккули фарҳанги экологӣ дар робитаи байни ду давраи синну сол таҳқиқ карда шавад.

8. Аз сабаби дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ нагардидани масъалаи мазкур мураббия ва омӯзгорон дар таълим ва ташаккули маърифати экологии кӯдакону хонандагон бо мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ мешаванд. Гузашта аз ин, дар бораи дарки нопурраи ин раванд мушоҳида мегардад.

9. Дар асоси маводи омӯхташуда ва амалияи мавҷуда маълум гардид, ки мафҳуми «фарҳанги экологӣ» аз ҷониби мураббия тавассути чаҳорчӯбаи фаҳмиши худ дарк мегардад ва аз ин рӯ, раванди ташаккули асосҳои фарҳанги экологӣ дар кӯдакон баъзан ба меъёрҳои зарурии татбиқи он ҷавобгӯ нест.

# БОБИ 2. ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ АСОСҲОИ МАЪРИФАТИ ЭКОЛОГИИ КӮДАКОНИ 6-7 СОЛА

## 2.1. Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ

Экология ҳамчун як соҳаи ҷудогона дар доираи илмҳои табиатшиносӣ ба вуҷуд омада, рушди худро идома дода, мазмуни худро ғанӣ ва ҳадафҳои худро васеъ мекунад. Экология дар давоми тамоми таърихи худ аз доираи биология берун баромад. Бисёре аз олимон қайд мекунанд, ки экология аз як соҳаи сирф илмӣ ба экологияи иҷтимоӣ табдил ёфтааст, ки бо нишонаҳои ташвишовар дар бораи мушкилоти экологӣ, пеш аз ҳама аз фаъолияти гуногуни инсон сарчашма мегирад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар Паёмашон (28.12.2023) бо мақсади беҳтар кардани вазъи экологии кишвар ва муҳайё намудани шароити ҳарчи беҳтар ва мусоиди зист барои аҳолӣ ба сохторҳои марбутаи Ҳукумати мамлакат супориш доданд, ки "Барномаи мушаххаси давлатӣ оид ба кабудизоркунии кишварро барои давраи то соли 2040 қабул ва амалӣ намоянд. Яъне, мо бояд барои наслҳои оянда ниҳол шинонем, боғ бунёд намоем, Ватанамонро пешрафта гардонем ва ба фарзандону набераҳоямон як мулки обод мерос гузорем"[5].

Ин суханони Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъулони ин соҳа ва тамоми шаҳрвандони кишварро даъват менамоянд, ки дар ҳифзи табиат, вусъати ободониамон ва ба кишвари сабзу хуррам табдил додани Ватани азизамон - Тоҷикистон нақши муҳим дошта бошанд. Пурзӯр намудани тарбияи зебоӣ ва ватандӯстӣ дар байни наврасону ҷавонон.

Барои бомуваффақият шудани таълим ва тарбияи экологии аҳолӣ шароитҳои зерин заруранд:

- "аввалан, ҷомеа бояд барои азхудкунии ғояҳо ва донишҳои экологӣ омода бошад;

-дуюм, дорои адабиёти дахлдор ва маводи методӣ оид ба таълиму тарбияи экологӣ бошад;

-сеюм, бояд мураббияи баландихтисос, яъне мураббияе, ки бо фаъолияти худ ба насли наврас расондани таҷрибаи андӯхтаро дастрас намояд, таъмин гардад” [98,68].

Дар ин маврид муҳаққиқ Бронникова М.С. чунин қайд мекунад: “Хонаи мо Замин аст, ки чаҳор рукни асосӣ дорад: аҳолӣ, захираҳои табиӣ, муҳити зист ва рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ. Рушди нобаробари ҳар як сутун боиси аз даст додани устуворӣ мегардад. Вазъияти имрӯза чунин аст, ки яке аз рукнҳо – муҳити зист нисбат ба дигарон тезтар тағйир меёбад. Параметрҳои физикӣ, таркиби химиявӣ ва муҳити биологии одамон тағйир меёбанд. Гуногунии намудҳои экосистемаҳои табиӣ кам шуда, сифатҳои эстетикии муҳити зист гум мешаванд» [32,12].

Дар шароити тараққиёти босуръати техника ва илм, афзоиши босуръати аҳолӣ, муҳофизати табиат ва нигоҳ доштани тозагии он муҳимтарин зарурати ҳаётӣ гардид. Солҳои охир протсеси фаъолонаи ташаккули экологии ҷамъиятӣ давом дорад. Экологияи иҷтимоӣ, чунон ки зумраи аз олимон Н.Г. Васильев, Г.И. Веденеева, Ю.Г. Марков ва дигарон)қайд кардаанд: “Аз якпорчагии муҳити иҷтимоӣ ва табиӣ ҳамчун фазои фаъолияти инсон бармеояд ва ба муқаррароти асосии зерин асос меёбад:

- ягонагии системаи «табиат – ҷомеа – инсон»;

- инсон ҷузъи табиат буда, инкишофи ӯ омили тағйирёбии табиат аст;

- таърихи инсоният ҷузъи таърихи табиат аст;

- ягонагии таърихи табиат ва таърихи ҷамъият (дар процесси меҳнат зоҳир мегардад);

- инкишофи маданияти нави экологӣ (дараҷаи муайяни муносибатҳои инсон ва табиат)» [35;37,134].

Ягона муносибати дуруст ба муҳити зист ва ҳодисаҳои табиат тарбияи экологӣ мебошад. Ба ин муносибат тадбирҳоеро ба амал

баровардан лозим аст, ки ба баланд бардоштани маданияти экологии насли наврас ва аҳолӣ мусоидат мекунанд. Тарбияи экологӣ вазифаи мураккаб ва гуногунҷанба аст, ки аз ҳамон рӯзе, ки кӯдак ба табиат қадам мегузорад, оғоз меёбад, зеро манфиатҳои он ӯро дар тамоми умраш ҳамроҳӣ хоҳанд кард. Мақсади тарбияи экологӣ дар насли наврас аз он иборат аст, ки меъёрҳои муайяни муносибати оқилона ба табиат, ташаккул додани ҳисси масъулият барои он ва омӯхтани истифодаи оқилонаи он мусоидат намояд.

Ба ин муносибат мураббия лозим аст, ки дар машғулиятҳо ба кӯдакон таъкид намоянд, ки муҳофизат ва ҳифзи табиат яке аз вазифаҳои асосии онҳост. Муҳаққиқ З.Курбанова  чунин қайд менамояд: «Дар кӯдакистон кӯдак бояд иштирокчии фаъоли тамоми раванди таълим гардад, ки ба рушди умумӣ ва экологии ӯ мусоидат мекунад. Мураббӣ ба кӯдак ғамхорӣ кардан дар бораи саломатии худро таълим дода, ба ҳадафи гузошташуда — дар кӯдакон дарки  саломатиро ҳамчун арзише, ки бояд аз синни хурдсолӣ нигоҳубин карда шавад, ноил мегардад. Муносибати бошуурона ба саломатии худ, рафтори дурусти гигиенӣ яке аз нишондиҳандаҳои фарҳанги экологии кӯдак, инчунин зарурати иштироки мураббия дар ин раванд мебошад. Аз ин рӯ, талаботи асосӣ нисбат ба мураббия маданияти баланди экологӣ мебошад» [93,21].

Бинобар ин, шароити аввалини педагогӣ – мувофиқати маводи омӯхташуда ба вазъияти воқеии кор, бевосита шинос шудан ва омӯхтани объектҳои табиати зинда ва ғайризиндаи диёр  мебошад. Мо то ҳол ҳам дар дохил ва ҳам дар канори шаҳр ҳолатҳои сӯзонидани баргҳои дарахтон ва алафро мебинем. Ин амал албатта манъ аст. Онҳо ба ин амалҳо даст мезананд, вале бехабаранд, ки то чӣ андоза дар натиҷаи сӯхтани алаф ба он ва решаи он зарар мерасад.  Фардо фарзандони мо низ ҳами тавр рафтор мекунанд.

Экология имрӯз як системаи васеи илмҳои гуногунро ифода мекунад. Он ба экологияи умумӣ, ки шаклҳои таъсири мутақобила бо муҳити ба ҳамаи гурӯҳҳои организмҳо хосро меомӯзад ба соҳаҳои

мушаххасе тақсим мешавад, ки ба хусусиятҳои экологии гурӯҳҳои алоҳида нигаронида шудаанд: экологияи ҳайвонот, экологияи растаниҳо, экологияи тиббӣ, экологияи кайҳонӣ, экологияи хоҷагии қишлоқ ва ғайра. Масалан, дар ин маврид, месазад, ба кӯдакон дар бораи мушкилиҳои баҳри Арал гуфта диҳем. Ҳарчанд ин мушкилот дар солҳои 80-уми асри гузашта ба миён омада бошад ҳам, пурра то ба охир ҳалли худро наёфтааст. Кӯдакон бояд оқибатҳои ифлосшавии обро фаҳманд (на танҳо беморию хушк шудани растаниҳо дар назар аст). Имрӯз ҷойҳоеро мебинем, ки дар он партовҳои рӯзгор ва хӯрокворӣ партофта мешаванд. Кӯдакон бояд аз зарурияти қуттиҳои партовҳои сершумор огоҳ бошанд; таъсири манфии фаъолияти одамонро нишон додан лозим аст (дар партовҳо на танҳо нонхӯрак, балки магасу пашшаҳо низ ҳастанд, ки дар як соат ба ҳазорҳо одамон зарари худро мерасонанд). Агар партов ҷамъ нашавад, дар тозагӣ ягон мушкилӣ ба амал намеояд.

Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи таълими экологӣ робитаи ногусастании он бо таҷрибаи воқеии ҳаёти кӯдакон дар робита бо муҳити иҷтимоию табиии онҳо мебошад. Дониш ва арзишҳои экологӣ, малака ва маҳорат дар фаъолияти табиатшиносӣ, ки дар раванди таълим ташаккул меёбанд, аз як тараф, ба таҷрибаи мавҷудаи муоширати кӯдакон бо табиат асос ёфта, аз тарафи дигар, онҳо ҳамарӯза дар муҳити воқеии ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва табиӣ, берун аз муассисаи таълимӣ санҷида мешаванд ва «табиӣ» интихоб карда мешаванд.

Ба ақидаи Л.С. Виготский, тарбия кардан маънои «пеш аз ҳама шаклҳои нави амали аксуламал (реаксия), ташаккул додани шаклҳои нави рафтор» [54] мебошад. В.И. Панов қайд мекунад, ки мақсади ҷараёни таълим аз нуқтаи назари консепсияи таълими инкишоф «ба вуҷуд овардани шароит барои инкишоф ва амалисозии худи ташаккулҳои нави равонӣ (зеҳнӣ, шахсият ва ғайра) дар хонандагон мебошад» [122]. Танҳо хусусияти кушода, «диалогӣ»-и системаи таълимӣ, ба қавли Г.А. Ковалёв, метавонад, ба ташаккули чунин як

намуди шахсияти «кушода», ки тавассути тарбияи экологӣ инкишоф меёбад, мусоидат намояд.

Яке аз шароитҳои педагогии самарабахши ташаккули фарҳанги экологӣ ин кори бевоситаи кӯдакон дар табиат – шинонидани гул, обдиҳӣ ва нигуҳибини растаниҳо, парандагон, ҳайвоноти хонагӣ ва дигар мебошад. Дар фасли зимистон ба кӯдакон ташвиқ кардан лозим аст, ки ба парандагон кӯмак расонанд. Дар гирду атрофи кӯдакистон лонаҳои худсохтро барои парандагон овезонанд.

Инчунин ба технологияи иттилоотӣ мурочиат кардан лозим аст. Омӯзгор ё мураббӣ метавонад презентатсия ташкил намояд ва ба кӯдакон саҳнаҳои мушаххасро аз муҳити табиии зодгоҳаш (зебогии борон, пайдоиши рангинкамон, пайдоиш ва инкишофи чӯҷаҳо ва ғ.) нишон диҳад. Шарҳ додани сабабҳои ягон воқеаи мушаххас ба кӯдакон кӯмак мекунад, хубтар онро дарк намоянд. Чаро кӯдакон баъзан нисбати объектҳои табиӣ муноситаби манфӣ доранд? Онҳо моҳиятро намефаҳманд – ва он чизе, ки онҳо дарк намекунанд, бояд «кушта, шикаста ё сӯзонда» шавад.

Яке аз шароитҳои муҳими педагогии ташаккули фарҳанги экологии кӯдакони синни томактабӣ дар муассисаи таълимӣ мавҷудияти муҳити инкишофёбандаи субъектӣ-фазоӣ мебошад, ки ба фаъолгардонии фаъолияти маърифатии кӯдакон, рушди экологӣ ва эстетикӣ, беҳбудии саломатии кӯдак, ташаккули сифатҳои ахлоқӣ, ғанӣ гардонидани таҷриба дар табиат дар фаъолияти аз ҷиҳати экологӣ тоза мусоидат мекунад.

Равишҳои консептуалии муайян кардани мазмуни муҳити экологии субъектию фазоии инкишофёбанда дар таҳқиқоти Т.М. Бондаренко, Л. Грехова, Н. Кондратева, С.Н. Николаева, Н.А. Рижова, Т.П. Потапова ва дигарон. Аммо дар асарҳои илмӣ ба ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии бунёди муҳити субъектию фазоии инкишофёбанда дар муассисаи таълимӣ эътибори кофӣ дода намешавад: модели назариявӣ вуҷуд надорад, хусусият ва технологияи ташкили он ошкор карда нашудааст.

Шароити педагогӣ метавонад эҷоди муҳити беҳдошти экологӣ гардад, махсусан таҳррезии муҳити тарбиявӣ дар дохили гурӯҳ ё синф. Қобили зикр аст, ки дар кӯдаконро ба тоза кардани партовҳо ҳам дар гурӯҳ ва ҳам дар саҳни кӯдакистон ҷалб намудан бамаврид аст. Дар замони Шӯравӣ озмунҳо оид ба ҷамъоварии коғаз ва оҳанпора баргузор мешуд, ки натиҷаи беҳтарин дар тахтаи эълонҳо навишта мешуд. Ин чорабинӣ ба тоза нигоҳ доштани муҳити зист мусоидат мекард ва ба кӯдакон мақсади ҷамъоварии коғазро мефаҳмониданд.

Имрӯзҳо дар Тоҷикистон низ маъракаҳои «Патрули сабз» баргузор мешавад, ки шишаҳои пластикӣ,партовҳо ҷамъоварӣ ва кӯчаҳои шаҳру навоҳӣ тоза карда мешаванд.

Бод қайд кард, ки имрӯз дар муассисаҳои таълимӣ гушаи зинда ё гушаи табиатро на ҳама вақт дидан имконпазир аст. Аз рӯи анъана чанд растании хонагӣ дар болои тиреза мавҷуд аст, ки онро мураббӣ ё муаллим нигоҳубин мекунад ва ба бачаҳо имкони аз наздик бо растанӣ шинос шуданро намедиҳад. Агар дар кӯдакистон гурӯҳе паранда ё ҳайвон дошта бошад, дастрасӣ ба он низ маҳдуд аст. Зарур аст, ки гӯшаи табиат, аз ҷумла боғҳои сабзавоту мева, ки ба кӯдакон муҳаббат нисбати табиат бедор месозанд ва ба талабот мувофиқ бошанд, ташкил карда шаванд.

Гузаронидани машғулиятҳои таҷрибавии экологии «Дӯстони ман» ва «Боғи ман» ба кӯдакон барои ҷамъбаст намудани натиҷаҳо, хулосабарорӣ, инкишофи тафаккури мантиқӣ кумак мерасонанд. Албатта, пайваста омӯзонидан, гузаштан аз содда ба мураккаб, риояи принсипҳои дидактикӣ низ аз шароитҳои зарурии педагогӣ мебошанд.

Истифодаи васеи методҳои гуногун ба рушди донишҳои экологӣ ва албатта ба ташаккули асосҳои маърифати экологӣ мусоидат мекунанд. Ба ин шаклҳои ташкилӣ низ дохил мешавад, ки суръати азхудкунии донишҳои мушаххасро муайян мекунад.

Бозиҳоро ҳамчун шароити самарабахши педагогӣ низ ҳисобидан мумкин аст. Гуногунии зиёди онҳо – дидактикӣ, серҳаракат, нақшбозӣ ва

ғайра – ба кӯдакон имкон медиҳад, ки нақши объекти муайяни табиатро ба ӯҳда гиранд ва хусусиятҳои рафтори онро дарк намоянд, ки ин ҳам ба инкишофи маърифати экологӣ ва ташаккули асосҳои фарҳанги экологӣ мусоидат мекунад.

Шароити педагогии навбатии муҳим - ин тарбияи экологии падару модар ва мураббия мебошад. Чи тавре ки дар боло зикр шуд, бисёр мураббия ва падару модарон дар бораи фоида ва зарари наботот, ҳайвонот ва ҳашарот кам тасаввурот доранд. «Калонсолон аз рӯйи ҳаҷми донишҳои доштаашон онро ба фарзандон медиҳанд ва ҳамин тавр, занҷири муносибатҳои нокифоя вазнок нисбат ба табиат идома меёбад. Ҳатто омӯзгорону мураббиён ба чунин рафтор майл доранд: пашшаро мебинанд – мекушанд; ба бачаҳо фаҳмонданд, ки тортанакҳо захрноканд ва онҳоро куштан лозим; дар бораи морҳо низ ҳамин гуна маълумот дода мешавад» [92,43].

Асрҳост, ки мо ба як хатогӣ роҳ медиҳем, «зеро бибӣ, модар, падар ва дигарон ба мо гуфтаанд…». Аз ин сабаб, маълумоту далелҳои ҷолиби мураббӣ дар бораи ҳайвонот, ҳашарот ва растанӣ тасаввуроти кӯдакро васеъ ва барои фаъолии маърифатӣ мусоидат мекунад.

Фаъолияти якҷоя, гурӯҳӣ дар боғ ва ё қитъа ба мо ёрӣ мерасонад, ки натиҷаҳои меҳнатамонро бубинем ва фаҳмем, ки ба он чӣ қадар қувва сарф шудааст. Барои шиносоӣ бо табиат ва фаъолияти инсон танҳо истифода бурдани асарҳои бадеӣ кофӣ нест. Кӯдаке, ки тамоми марҳилаҳои фаъолияти ҳифзи муҳити зистро мустақилона анҷом додааст, муносибати худро ба табиат тағйир медиҳад.

Ҷалби волидон ба фаъолиятҳои экологӣ бо фарзандонашон ба тағйири ҷаҳонбинии ҳам волидон ва ҳам кӯдакон мусоидат мекунад.

Ин паҳлӯи масъала дар параграфи оянда муфассалтар баррасӣ хоҳад шуд. Технологияҳои педагогӣ усулҳое мебошанд, ки фаъолияти кӯдаконро фаъолтар мегардонад. Истифодаи технологияҳои педагогӣ дар тарбияи экологӣ натиҷаҳои мусбӣ медиҳад.

Дар байни онҳо методҳои шифоҳӣ, аз ҷумла усулҳои зерин фарқ мекунанд:

1. истифода аз афсона;

2. ҳолатҳои ҷустуҷӯ;

3. ба фаъолияти визуалӣ интиқол додани донишҳои гирифташуда.

Истифодаи афсонаҳо ба инкишофи фаҳмиши фаъолияти кӯдакон мусоидат мекунад. Ҳангоми нақл кардан, мураббия метавонад афсонаро "тағйир" дода, ба он як гардиши экологӣ диҳад ва қоидаҳои экологиро ворид созад.

Дар гурӯҳи тайёрӣ мураббия метавонад ҳикояро сар кунад ва бачаҳо онро идома медиҳанд. Дар натиҷа як ҳикоя бо мундариҷаи ҷолиб, пешниҳоди назари кӯдакон дар бораи табиат ва фаъолияти инсон мегардад.

Ҳолатҳои ҷустуҷӯӣ кӯдаконро бештар бодиққат мегардонанд. Бачаҳо ҳангоми иҷрои супориш ба бисёр қисматҳо диққат медиханд, аз хамин сабаб методи мазкур ҳангоми экскурсия ва сайру гашт васеъ истифода мешавад.

Ҳамгироии фаъолияти тасвирӣ бо тарбияи экологӣ яке аз шароитҳои баланд бардоштани **маърифати экологӣ** мебошад. Вақте ки кӯдакон нигоҳ доштани қаламро ёд мегиранд, онҳо бо шавқу ҳавас расмкашӣ мекунанд. Расмҳои онҳо ҳама чизеро, ки мебинанд, инъикос мекунанд ва тавассути раванд онҳо вазъиятро аз нав дида мебароянд.

Аз ин рӯ, ин метод барои таҳкими донишҳои гирифташуда бештар мувофиқ аст, зеро раванди расмкашӣ тафаккури фазоиро фаъол ва инкишоф медиҳад. Кӯдакон ҳангоми расмкашӣ аксар вақт суруд мехонанд, гиря мекунанд ва механданд. Ин аз он сабаб рух медиҳад, ки кӯдакон дар олами тасвири худ ҳастӣ доранд.

Дар робитаи байни тарбияи экологӣ ва санъати тасвирӣ хусусиятҳои зеринро муайян кардан мумкин аст:

- расмкашӣ ҳамчун як ҷанбаи тарбияи экологӣ инкишоф меёбад;

- санъати тасвирӣ ба таҳким ва густариши донишҳо дар бораи фаъолияти экологии инсон мусоидат мекунад.

Мазмуни расмҳои кӯдакони аз 4 то 6 сола аз дониши онҳо дар бораи муҳити табиӣ вобаста аст. Инъикоси шаклу намудхои ҳайвонот ва паррандагон ба консепсияҳои азхудкардаи кӯдакон вобаста аст. Инъикоси дарахтҳо, гулҳо ва алафҳо умумӣ аст.

Истифодаи фаъолияти тасвирӣ барои санҷиши натиҷаи кори иҷрошуда шароит фароҳам меоварад. Бо дарки ин робитаҳо ва муносибатҳо, кӯдакон ҷаҳони атрофро меомӯзанд ва мафҳумҳои экологӣ ба онҳо дар ин кор кӯмак мекунанд.

Таваҷҷуҳи доимии мураббия ба кушоиши робитаҳои муҳити зист таваҷҷӯҳи кӯдаконро ба фаъолиятҳои экологӣ ба таври назаррас афзоиш медиҳад. Дар навбати худ, омӯхтани робитаҳои экологӣ боиси баланд шудани маърифати экологии кӯдакони синни томактабӣ ва ташаккули муносибати масъулиятнок ба табиат мегардад. «Мушоҳидаҳои мустақилонаи кӯдакон ба онҳо имкон медиҳад, ки возеҳтар бубинанд, ки чӣ ҳодиса рӯй дода истодааст, диққат ба хусусиятҳо ва рафтори объектҳои мушоҳидашаванда дода шавад. Дарки қобилияти худ муносибати муайянро ба худ, худбаҳодиҳии муайянро ташаккул медиҳад» [70,176].

**Бозӣ.** Барои васеъ намудани фаҳмиши кӯдакон дар бораи ҳодисаҳо ва ашёҳои табиат дар баробари мушоҳидаҳо бозиҳои гуногун – дидактикӣ, фаъол ва эҷодӣ васеъ истифода мешаванд. Тавассути ин бозиҳо кӯдакон таҷриба пайдо мекунанд ва донишҳои гирифтаи худро эҷодкорона татбиқ мекунанд.

**Бозиҳои дидактикӣ.** Дар бозиҳои таълимӣ кӯдакон фаҳмиши мавҷудаи худро дар бораи ашё ва падидаҳои табиӣ, наботот ва ҳайвонот такмил, мустаҳкам ва васеъ мекунанд. Бисёр бозиҳо кӯдаконро ба якҷояшавӣ ва гурӯҳбандӣ ташвиқ мекунанд. Бозиҳои дидактикӣ барои инкишофи қобилияти хотира, таваҷҷӯҳ ва мушоҳида мусоидат намуда, бачаҳо донишҳои мавҷударо дар вазъиятҳои нав истифода мебаранд,

равандҳои гуногуни равониро ангезиш медиҳанд, захираи луғавиро бой мегардонанд ва дар худ қобилияти бозикунии якҷояро инкишоф медиҳанд.

Ҳангоми шиносоии кӯдакон бо табиат бозиҳои таълимӣ бо ашёҳо, ҳам дар шакли чопӣ ва ҳам шифоҳӣ истифода мешаванд. Ба бозиҳои ашёӣ бозиҳо бо баргҳо, тухмҳо, гулҳо, меваҳо ва сабзавотҳо дохил мешаванд. Аз ҷумла бозиҳои: «Халтачаи сеҳрнок», «Баргҳо ва решаҳо», «Кӯдакон дар ин шоха» ва ғайра.

**Бозиҳои ашёӣ** махсусан дар гурӯҳҳои хурдсол ва миёна васеъ истифода мешаванд. Онҳо ба кӯдакон имкон медиҳанд, ки объектҳои табииро назорат кунанд, онҳоро муқоиса намоянд ва тағйиротро дар хусусиятҳои берунии инфиродӣ мушоҳида кунанд. Ин бозиҳо метавонанд бо тамоми гурӯҳ ё алоҳида гузаронида шаванд, шарти бозӣ вобаста ба синну сол мураккабтар мегардад. Мураккабӣ васеъ намудани дониш ва инкишоф додани раванд ва амалҳои равониро дар бар мегирад.

**Бозиҳои рӯи мизӣ-чопӣ** - «Лотои зоологӣ», «Лотои ботаникӣ», «Чор фасли сол», «Кӯдакҳо», «Буттамева ва меваҳо», «Растаниҳо», «Барги мувофикро интихоб намо», расмҳои дуҷуфта ва ғайра. Ин бозиҳо имконият медиҳанд, ки дониши кӯдакон доир ба наботот, ҳайвонот ва ҳодисаҳои беҷони табиат ба низом даромада, қобилияти аз як калима, аз нав сохтани симои предметро инкишоф диҳанд. Бозиҳо бо калимаҳо ҳамроҳ мешаванд (калима ё пеш аз дарки тасвир меояд ё бо он пайваст мешавад). Чунин бозиҳо ҳамарӯза дар кор бо шумораи начандон зиёди кӯдакон истифода мешаванд.

**Бозиҳои шифоҳӣ** («Кӣ парвоз мекунад, медавад, меҷаҳад», «Дар об, дар ҳаво, дар замин», «Даркор аст– лозим нест» ва ғайра) ягон таҷҳизотро талаб намекунад. Онҳо барои таҳкими дониш дар бораи вазифаҳо ва амали объектҳои гуногун, инчунин барои умумӣ ва ба низом даровардани донишҳо гузаронида мешаванд. Ин бозиҳо диққат, зеҳн, вақти реаксия ва нутқи ҳамоҳангро инкишоф медиҳанд. Омӯзонидани

бозии шифоҳии шиносоӣ бо табиат тибқи ҳамон қоидаҳое, ки ҳама бозиҳои таълимӣ баргузор мегарданд, таълим дода мешавад.

Дар **гурӯҳҳои хурдсол** мураббия аввал бо бачаҳо бозӣ мекунад. Ҳангоми рафти бозӣ онҳо як қоидаро ҷорӣ мекунанд ва фавран онро амалӣ мекунанд. Дар давраи такрорӣ қоидаҳои иловагӣ ҷорӣ карда мешаванд. Дар марҳалаи дуюм мураббия аз иштироки фаъолона дар бозӣ даст кашида, онро дар канор истода роҳбарӣ мекунад. Дар марҳилаи сеюм кӯдакон мустақилона бозӣ мекунанд.

Аз гурӯҳи миёна сар карда, бозиро дигар хел таълим медиҳанд. Мураббия аввал мазмуни бозиро мефаҳмонад, як ё ду қоидаи муҳимро пешакӣ қайд мекунад. Ҳангоми рафти бозӣ онҳо ин қоидаҳоро такрор мекунанд, амалҳои бозиро иншон медиҳанд ва қоидаҳои иловагиро ҷорӣ мекунанд. Дар марҳалаи дигар бачаҳо мустақилона бозӣ мекунанд; мураббия бозиро мушоҳида мекунад, хатоҳоро ислоҳ мекунад ва низоъҳоро бартараф месозад. Вақте ки таваҷҷӯҳ ба бозӣ кам мешавад, мураббия намунаи навро пешниҳод мекунад.

**Машқҳои бозӣ ва бозӣ – машғулиятҳо.** Дар баробари бозиҳои дар боло номбаршуда ҳангоми фаъолият бо кӯдакон намудҳои гуногуни машқҳои бозӣ истифода мешаванд («Дарахтро аз барги он муайян намо», «Аз рӯи мазза шинос», «Ҳамин гули монандро ёб», «Барги зардро биёр» ва ғайра). Машқҳои бозӣ аз рӯи сифат ва хосияташон фарқ кардани ашё ва инкишоф додани малакаҳои мушоҳида кӯмак мерасонанд.

**Бозиҳои серҳаракат.** Бозиҳои серҳаракат мазмунан ба табиат алоқамандӣ дошта, тақлид ба одатҳо ва тарзи ҳаёти ҳайвонотро дар бар мегиранд ва дар баъзеи онҳо падидаҳои табиати ғайризинда инъикос меёбанд. Ин бозиҳо, аз қабили «Мурғ ва чӯҷаҳо», «Муш ва гурба», «Офтоб ва борон», «Гургу гӯсфандон» ва ғайра мебошанд. Кӯдакон, ки ба амалу садоҳо тақлид мекунанд, чунин бозиҳоро амиқтар аз худ мекунанд, ва бо ин шавқу рағбати онҳо ба табиат бештар мегардад.

**Бозии эҷодӣ.** Тавассути ин бозӣ, бачаҳо дар бораи таҷрибаи дар рафти экскурсия ва ҳаёти ҳаррӯза ҳосилшуда фикр карда, доир ба меҳнати калонсолон дар табиат (кор дар фермаи мурғпарварӣ, гармхона ва ғайра) шинос мешаванд. Ҳамин тавр онҳо нисбат ба меҳнат муносибати мусбат пайдо карда, аҳамияти меҳнати калонсолонро дар табиат дарк мекунанд.

Характери мустақилонаи бозии эҷодӣ ба мураббия имкон намедиҳад, ки онро ҳамчун усули ба кӯдакон додани донишҳои нав, малака ва тавоноӣ истифода баранд. Бо вуҷуди ин, ӯ бояд бозии эҷодиро бодиққат назорат карда, муайян намояд, ки кӯдакон кадом донишро ба қадри кофӣ азхуд кардаанд ва кадомҳоро боз муайяну васеъ кардан лозим аст.

Мураббия бозиҳое, ки нақши эҷодии мазмуни табиатшиносӣ доштаро бой гардонда, ба воситаи экскурсияю сайругаштҳо, намоиши диафилмҳо, мутолиаи китоб дониши кӯдаконро дар бораи меҳнати калонсолон васеъ мегардонад. Махсусан ҳикояҳои меҳнаткашони деҳот – говҷӯшҳо, боғбону комбайнчӣ ба инкишофи бозӣ таъсири калон мерасонанд.

Муносибати зинда бо калонсолон шавқу рағбати кӯдаконро ба меҳнати онҳо ва мазмуни бозии онҳоро ғанӣ мегардонад. Барои таҳияи бозиҳои эҷодии таърихӣ-табиӣ, зарур аст, ки бояд маҷмуи бозичаҳо – техникаи кишоварзӣ, ҳайвонот ва ғайра истифода шавад. Як намуди бозиҳои эҷодӣ бозиҳои сохтмонӣ бо масолеҳи табиӣ: қум, барф, гил, сангҳои хурд, ҷалғӯза ва ғайра мебошанд. Дар ин бозиҳо кӯдакон аз тариқи эҷод хосият ва сифатҳои маводро меомӯзанд. Ин бозиҳо роҳнамоиро талаб мекунанд.

Дар ҳар як гурӯҳи синну сол барои бозӣ бо маводҳои табиӣ дар тамоми фасли сол шароит фароҳам оварда шудааст. Ба ин қум, мизҳои бо қум сохташуда, маҷмуи қолабҳо барои бозӣ бо рег ва барф, фигураҳои резинии одамон ва ҳайвонот, қолабҳои фанерии хонаҳо ва дарахтон, навдаҳо ва чӯбҳо, чаҳорчӯбаҳои металлӣ, ки ҳамчун асос

барои шакл додани фигураҳо, мӯҳрҳо барои эҷоди «расмҳо» дар барф, асбобҳо ва рангҳои хизмат мекунанд.

Мураббия ба кӯдакон дар интихоб ва истифода бурдани маводҳои табиӣ ҳангоми бозиҳо кӯмак мерасонад ва тарзи истифодаи онҳоро нишон медиҳад.

**Усулҳои шифоҳӣ.** Мавриди шиносоӣ бо табиат аз нақли мураббия, хондани китобҳои бадеӣ дар бораи табиат, суҳбатро истифода мекунанд. Бо усулҳои шифоҳӣ як қатор вазифаҳо ҳал карда мешаванд. Дониши кӯдакон дар бораи ҳодисаҳои табиат, инчунин ҳодисаҳо дар бораи ҳаёти ҳайвонот ва наботот тавассути мушоҳида ва таҳқиқот мукаммал мегардад. «Мураббия ҳангоми истифодаи усулҳои шифоҳӣ қобилияти дарки нутқ, устувории таваҷҷӯҳи ихтиёрӣ ва марказонидан ба мундариҷаи ин калимаро дар назар мегирад, инчунин мавҷудияти ақидаҳои нав, мушаххасро дар бораи як падида ё далели мушаххас, ки мавзуи муҳокима, равшанӣ ва системавӣ хоҳад буд, ба назар мегирад» [15,43]- қайд мекунад муҳаққиқ М.Акрамова

**Нақли мураббия.** Ҳангоми ҳалли ҳадафҳои мушаххаси таълимӣ, мураббия дар асоси таҷриба ва шавқу рағбатҳои кӯдакони синни томактабӣ нақл тартиб медиҳад ва онро ба як гурӯҳи синну соли муайян равона мекунад. Ин бартарӣ нисбат дар муқоиса ба адабиёти бадеист. Фаҳмидани ҳикоя барои кӯдакон як фаъолияти хеле мураккаби равонист.

Кӯдак бояд нутқи калонсолонро гӯш кунад ва  ва бишнавад, онро ҳангоми рафти ҳикоя дарк кунад, дар асоси тавсифи шифоҳӣ фаъолона аз нав эҷод кунад, робитаҳо ва вобастагиҳоеро, ки мураббия дар бораи он нақл мекунад, муқаррар ва дарк кунад, мундариҷаи нави ҳикояро бо таҷрибаи қаблии худ алоқаманд гардонад.

Ҳикояи мураббия дар бораи табиат бояд дар назардошти ин талабот тартиб дода шавад. Донише, ки дар ҳикоя дода мешавад, бояд ба талаботи эътимоднокӣ ва асоснокии илмӣ ҷавобгӯ бошад. Пеш аз он ки ба кӯдакон чизе бигӯяд, мураббия дурустии далелҳоро тафтиш мекунад.

Ҳикоя бояд ҷолиб, сюжети хуби тараққикарда дошта бошад ва эҳсосотӣ бошад. Ҳикояҳои бемаъно ва тӯлонӣ диққати кӯдаконро ба худ ҷалб карда наметавонанд ва хотирмон нестанд.

Возеҳият, тасвир ва забони мушаххас талаботи муҳими ҳикояи мураббия мебошанд. Чунин ҳикоя на танҳо шуури кӯдак, балки ҳиссиёти онҳоро низ ба худ ҷалб мекунад ва таассуроти абадӣ мегузорад. Аммо возеҳият ва образнокӣ бояд ба мазмуни ҳикоя тобеъ бошад, на мақсади онро нишон диҳанд. Ба кӯдакон ҳикояҳое, ки аз нуқтаи назари қаҳрамон нақл карда мешаванд, бештар фаҳмоанд. Барои қайд кардани чизҳои муҳим ба ҳикоя саволҳо дохил карда мешаванд, ки кӯдакон фикрҳояшонро мубодила намуда, маводро хубтар фаҳманд.

Ба кӯдакон бо мақсадҳои гуногун қисса кардан мумкин аст: васеъ намудани дониши онҳо дар бораи падидаҳо, ҳайвонот ва набототот; ҳодисаю далелҳои нав (дар бораи меҳнати калонсолон дар табиат, муҳофизат ва ба худ ҷалб намудани парандаҳо, муҳофизати растаниҳои худруй ва ғайра).

Ҳикоя бояд бо тасвирҳо - расмҳо, диафилмҳо ҳамроҳ карда шавад. Бе воситаҳои аёнӣ шавқу ҳавас ба ҳикоя кам мешавад ва бачаҳо онро на он қадар таъсирнок дарк мекунанд. Ҳикоя барои кӯдакони синни томактабӣ набояд аз 10-15 дақиқа зиёд бошад.

Мураббия барои ҳикоя маводҳои гуногунро истифода мебарад: мушоҳидаҳои шахсӣ аз ҳаёти табиат, очеркҳои сайёҳӣ дар бораи ҳодисаҳои табиат, қайдҳо ва ҳикояҳои табиатшиносон ва маводҳои илмӣ.

**Сухбат.** Вобаста ба ҳадафҳои дидактикӣ ду намуди суҳбатро ҷудо мекунанд: пешакӣ ва ниҳоӣ. Суҳбати пешакӣ аз ҷониби мураббия пеш аз мушоҳида ё экскурсия истифода мешавад. Мақсади чунин суҳбат равшан кардани таҷрибаи кӯдакон барои барқарор кардани робитаи байни мушоҳидаҳои дарпешистода ва донишҳои мавҷудаи онҳо мебошад.

Мусоҳибаи ниҳоӣ ҳадафи ба низом даровардан ва ҷамъбаст кардани бозёфтҳо, мушаххас кардан, ҷамъбаст кардан ва равшан кардани онҳост.

Ин мусоҳибаҳо метавонанд аз рӯи мундарича фарқ кунанд: баъзе мусоҳибаҳо пас аз мушоҳидаи доираи маҳдуди объектҳои мушоҳидашаванда (масалан, суҳбат дар бораи парандаҳои муҳоҷир, дар бораи зимистонгузаронии ҳайвонот дар ҷангал ва ғайра), дигарон ба доираи васеи маъмул (масалан, суҳбат дар бораи фаслҳо), ба низом даровардани дониши кӯдакон дар бораи ҳодисаҳои табиати ғайризинда, ҳаёти наботот, ҳайвонот, дар бораи меҳнати инсон гузаронида мешаванд. «Самаранокии суҳбат аз тайёрии пешакии кӯдакон вобаста аст. Суҳбат ҷамъбасти кори бо онҳо анҷомдодашуда мебошад. Аз ин рӯ, дар назди мураббия вазифа гузошта мешавад, ки фаҳмиши кӯдаконро тавассути мушоҳида, фаъолияти меҳнатӣ, бозиҳо, мутолиаи китобҳои табиатшиносӣ ва ҳикояҳо ташаккул диҳад. Гуфтугӯҳо метавонанд танҳо дар бораи мавзуъҳое бошанд, ки кӯдакон дар бораи онҳо андешаҳои мушаххас доранд» [75,31].

Мураббия бояд мақсади дидактикии суҳбатро равшан фаҳмад: кадом мазмун бояд равшан ва мушаххас карда шавад, кадом алоқаҳои муҳими умумикунонӣ ва систематикӣ бояд қайд карда шаванд, дар натиҷаи суҳбат кӯдаконро ба кадом умумияту хулосаҳо омаданд. Суҳбат бо таҳлили ҳодисаю далел, нишон додани хусусиятҳо, хислатҳо ва алоқаю вобастагии асосии байни онҳо оғоз меёбад. Ин таҳлил гузаришро ба умумиятҳо таъмин намуда, фактҳои нобаробарро ба низом даровардааст.

Мураббия дар қисми аввали суҳбат барои омода кардани кӯдакон барои ҷамъбаст ба кӯдакон саволҳо медиҳад: «Кадом парандагон аввал парвоз карда меоянд?», «Мо шӯрнулҳоро (зоғи ҷангалӣ) чӣ тавр шинохтем?», «Мо онҳоро дар куҷо дидаем?», «Дар саҳро шӯрнӯлҳо чӣ кор мекарданд?», «Шурнӯлҳо чӣ мехӯранд?». Мураббия бо бачаҳо ин ҳамаро аниқ карда, мепурсанд: «Чаро шурнӯлҳо пештар аз парандаҳои дигар парида меоянд?». (Ҳамин тавр, дар бораи дигар парандаҳо – сочҳо, фароштурукҳо ва ғайра). Дар қисми дуюми суҳбат метавонад саволе дода шавад, ки умумиятро талаб мекунад: «Чаро ҳамаи парандагон

якҷоя парвоз карда намеоянд?» такмили таҷрибаҳои кӯдакон ва риояи пайдарпайии мантиқии саволҳо ҷалби бештар, тафаккури фаъол ва дарки робитаҳо ва вобастагии муҳимро таъмин мекунад.

Ҳангоми суҳбат ба саволҳои мураббӣ як қатор талаботҳо пеш меоянд. Саволҳо ба тамоми гурӯҳ пешниҳод ва бо ҳамаи кӯдакон ҳал карда мешаванд, чунки онҳо мушкилоти равониро дар бар мегиранд. Онҳо бояд аз ҷиҳати мазмун равшан, дақиқ ва мухтасар бошанд. Ҳар як савол бояд як андешаро дар бар гирад. Аз саволҳое, ки ҷавобҳои оддиро талаб мекунанд, худдорӣ намоед, ба мисли «Ҳа» ё «Не». Чунин саволҳо ба рушди тафаккур ё барқарор кардани робитаҳо мусоидат намекунанд. Мураббия дар рафти суҳбат кӯдаконро водор мекунад, ки хулосаҳои тайёрро такрор накарда, балки худашон фикри худ ва натиҷаҳоро гуфта диҳанд.

Инчунин истифода бурдани воситаҳои гуногуни аёнӣ барои аз нав мустаҳкам кардани донишҳои бачаҳо ва муайян кардани хислатҳои асосии ҳодисаҳо: тақвимҳои табиӣ ва обу ҳаво, гербарийҳо ва тасвирҳо зарур аст. Инчунин чистонҳо, шеърҳо ва сабтҳои оҳанги парандагон низ муфиданд. Ин ба кӯдакон робитаи эмотсионалиро бо маводе, ки мавриди баррасӣ қарор дорад, ба вуҷуд меорад. «Суҳбат ҳамчун усули бо табиат шинос кардани кӯдакон ҳангоми кор бо кӯдакони синни миёна ва калони томактабӣ истифода мешавад. Ҳангоми кор бо кӯдакони миёна суҳбатҳо пеш аз ҳама барои ба хотир овардани падидаҳо, дар гурӯҳҳои калони томактабӣ бошад, ба ҷамъбаст ва ба низом даровардани донишҳои мавҷуда равона карда мешаванд.» [84,32]

Асосгузорони китоби табиатшиносии бачагонаи советӣ В.В.Бианки ва М.Пришвин мебошанд. Китобҳои В.Бианки ба кӯдакон нигоҳи илмиро ба табиат меомӯзонанд. Ҳар як ҳикоя ва афсонаи эҷодкардаи В.Бианки бо ёрии факту маълумотҳои аниқ дар бораи олами табиат асос ёфтааст. Асарҳои В.Бианки ба педагогҳо барои ҳодисаҳои мураккаби табиатро ба кӯдакон шавқангез нишон додан, намунаҳои дар олами табиат вуҷуд доштаро, гуногунии усулҳои ба муҳити зисти худ мутобиқ

шудани организм, таъсири мутақобилаи муҳити зисти организм ва ғайра ёрӣ мерасонанд.

Ҳамин тавр, афсонаи «Шикори аввал»- и В.Бианки кӯдакони хурдсолро бо чунин як ҳодисаи мураккаби табиат ба монанди мимикрия (ҳодисаи монандшавӣ – тақлид) шинос мекунад, шаклҳои гуногуни муҳофизати ҳайвонотро нишон медиҳад: баъзеҳо моҳирона фиреб медиҳанд, дигарон пинҳон мешаванд, сеюмин метарсонанд ва ғайра. Афсонаҳои В.Бианки «Ин пойҳо аз кист?», «Бинии кӣ беҳтар аст?», «Думҳо?» шавқоваранд. Онҳо ба мо имкон медиҳанд, ки вобастагии сохтори як узви ин ё он ҳайвонро аз муҳити зист ва шароити зисти онро ошкор кунем.

Ҳангоми мушоҳида ба кӯдакон зарбулмасалу мақол, чистонҳо ва шеърҳои хурд пешниҳод карда мешаванд. Забони образноки онҳо барои равшан кардани хислатҳои мавчуда, сифатҳои муайяни ашё ва баланд бардоштани ҳисси эстетикии онҳо ба табиат ёрӣ мерасонад. Дар бораи табиати диёр ва фаслҳои сол шеърҳои Баҳори кӯҳистон» А.Лоҳутӣ, «Лола» Н.Розиқ, «Борони баҳор» А.Шукуҳӣ, Ю.Аҳмадзода «Турнаҳо» А.Қодирӣ, «Гаҳворачунбон», «Баро, эй офтоб!» Г.Келдӣ, Хонаи барф» М.Ҳайдаршо; Ю.Аҳмадзода «Турнаҳо», афсонаи «Мурчаяк» П.Толис хонда мешавад.

Ин барои чамъбаст кардани чизҳои мушоҳидакардаи онҳо, васеъ ва амиқтар гардондани он кӯмак мекунад, диққати кӯдаконро ба дарки минбаъдаи падидаҳои табиат роҳнамоӣ мекунад: «Хондани асари бадеӣ ба кӯдакон, метавонад як усули мустақили ошноии кӯдакон бо табиат ва муҳокимаи ҳатмӣ пас аз хондани он бошад. Дар суҳбат пас аз мутолиаи асари бадеӣ ба кӯдакон ёрӣ расондан лозим аст, ки маънои асарро фаҳманд ва бо мазмуни он пурратар ва чуқуртар шинос гарданд» [64,48].

Дар ин маврид диққати аввалиндарачаро бояд ба ошкор кардани робитаи байни падидаҳо ва дарки далелҳо равона сохт. Дониши қаблии кӯдакон ба гирифтани маълумоти нав таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, суҳбатҳо бояд байни тачрибаи шахсӣ ва донишҳои нав робита дошта

бошанд. Талаботи муҳими суҳбат ин нигоҳ доштани бевоситаи кӯдакон аз тасвирҳои бадеӣ дар таассуроти онҳо мебошад. Ин тавассути додани саволҳо аз нуқтаи назари қаҳрамон, истифодаи тасвирҳои ҳикоя ё афсона дар саволҳо ба даст меояд.

**Шаклҳои шиносоӣ бо табиат.** Кӯдакон бо табиат бо роҳҳои гуногун шинос мешаванд: ҳангоми машғулиятҳо, экскурсияҳо ва дар ҳаёти ҳаррӯза (ҳангоми кор, дар вақти мушоҳида ва бозиҳо, дар минтақа ва дар гӯшаҳои табиат).

**Машғулият.** Ҷои асосии ташаккули тасаввуроти экологӣ дар кӯдакистон ба машғулиятҳо дода мешавад, зеро онҳо дар таълим ва тарбияи кӯдакони синни томактабӣ ҷои асосиро ишғол мекунанд. Машғулиятҳо оид ба шиносоӣ бо муҳити зист, экскурсия, сайругашт, кор дар мавзеъ ва гӯшаи табиат дар ҳалли масъалаҳои ташаккули тасаввуроти экологӣ нақши асосиро ишғол мекунанд. Аммо бояд дар хотир дошт, ки ҳалли ин масъалаҳо бе истифодаи васеи табиат имконнопазир аст, зеро кӯдакон ҳамеша ва дар ҳама ҷо бо ин ё он шакл бо табиат алоқа мекунанд. Дар ташаккули ақидаҳои умумии экологӣ ба мураббия методу усулҳои гуногуне, ки дар ин маврид истифода мешаванд, кумак мекунанд.

Чорабиниҳое, ки кӯдакони синни томактабиро бо табиат шинос мекунанд, имконият медиҳанд, ки донишҳо бо назардошти қобилияти кӯдакон ва хусусиятҳои муҳити табиӣ пай дар пай инкишоф дода шаванд. Дар рафти машғулиятҳо бо роҳбарии мураббӣ дар ҳамаи кӯдакони гурӯҳ мувофиқи талаботи барнома системаи донишҳои ибтидоӣ ташаккул меёбад; равандҳо ва қобилиятҳои асосии маърифатии онҳо дар система ва пайдарпайии муайян инкишоф меёбанд.

Дар ҳаёти ҳаррӯза кӯдакон тавассути мушоҳида, бозӣ ва кор таҷрибаи шахсиро ҷамъ мекунанд. Машғулиятҳо имконият медиҳанд, ки ин таҷриба такмил ва ба низом дароварда шавад. «Ба кӯдакон дар гурӯҳҳо бо усулҳои гуногун таълим дода мешавад. Интихоби усулҳо аз намуди синф ва ҳадафи асосии он вобаста аст. Дар як гурӯҳ машғулиятҳо

донишҳои аввалин ташаккул меёбанд. Бо ин мақсад мураббӣ аз мушоҳида, аз назар гузаронидани расмҳо, хондани адабиёти бадеӣ, нақл, намоиши диафилму кинофилмҳо истифода мебарад [115,32].

Дигар машғулиятҳо донишро такмил, васеъ ва амиқ мегардонанд. Дар ин синфҳо ғайр аз усулҳои дар боло номбаршуда, дар табиат аз меҳнати кӯдакон низ истифода мебаранд. Мақсади аввалиндараҷаи намуди машғулияти сеюм – мустаҳкам ва ба низом даровардани дониш аст. Ин тавассути суҳбат, бозиҳои дидактикӣ ва мушоҳидаҳои умумӣ ба даст меояд. Тавассути меҳнат ва бозӣ бачаҳо донишҳои гирифтаашонро дар таҷриба татбиқ менамоянд.

Машғулиятҳо бо ҳамаи гурӯҳҳои синну солӣ: дар гурӯҳҳои хурд ва миёна – дар як моҳ 2 машғулият, дар гурӯҳҳои калон 1 машғулиятӣ ҳар ҳафта гузаронда мешаванд. Аз гурӯҳи миёна сар карда, экскурсияҳо ташкил карда мешаванд. Илова ба машғулиятҳо, дар ҳама гурӯҳҳо сайругашт гузаронда мешаванд.

**Тайёрӣ ба машғулият**. Самаранокии машғулият ба он вобаста аст, ки мураббӣ ба он то чӣ андоза омодагӣ мегирад. Мавзуи машғулиятро муайян намуда, вай бояд донишҳои медонистагии худро доир ба мавзуи табиатшиносӣ муайян кунад, сипас вазифаҳои барномаи машғулиятро таҳия намояд. Мураббӣ ҳангоми муайян кардани мазмуни вазифаҳои барнома аз рӯи талаботи «Барномаи таълиму тарбияи кӯдакистон» ва сатҳи инкишофи кӯдакони гурӯҳи худ бо назардошти хусусиятҳои муҳити табиӣ фаъолият мекунад.

Ҳангоми интихоби мазмуни барнома ҷои машғулияти додашударо дар системаи кор аниқ кардан лозим аст (оё машғулият ташаккули дониши ибтидоиро дар назар дорад ё ғанӣ гардонидани он, ба низом даровардан, машқ аз рӯйи дониш ва ғайра). Дар баробари ин, мураббӣ бояд дар хотир дошта бошад, ки як мазмуни барнома бояд дар машғулиятҳо, дар дигар шаклҳои кор бо усулҳои гуногун такрор карда шавад, зеро онро бачаҳо тадриҷан аз худ мекунанд.

Мундариҷаи барномаи таълимӣ ду гурӯҳи вазифаҳоро дар бар мегирад: таълимӣ ва тарбиявӣ. Вазифаҳои таълимӣ - ин миқдори донишҳое мебошанд, ки бояд дар давоми машғулият ба кӯдакон дода шаванд ё бояд аниқ ва коркард карда шаванд. Вазифаҳои таълимӣ инчунин инкишофи равандҳои маърифатӣ (даркӣ, хотира, тафаккур), амалиётҳои инфиродии равонӣ (қобилияти муқоиса, таҳлил, ҷамъбаст ва ғ.), инкишофи нутқ (бойгардонии захираи луғавӣ, ташаккули нутқи мураттаб) – ро дар бар мегиранд.

Вазифаҳои тарбиявӣ, ки дар машғулият ҳал карда мешаванд, ба ташаккули муносибати мусбӣ, эҳтиёткорона, ғамхорӣ ва ташаккули муносибати эстетикӣ ба табиат равона шудаанд. «Дар машғулиятҳое, ки меҳнати кӯдакон истифода бурда мешаванд, дар супоришҳои барномаҳо зарурати инкишоф додани маҳорат ва малакаи корӣ бо истифода аз усули мушоҳида, инкишоф додани ин фаъолият ба мазмуни барнома дохил карда мешавад (масалан, қобилияти санҷидани ашё, ба ашё диққат додан, ҷустани қисмҳои равшан, дидани хусусиятҳои хос ва муҳим ва ғайра)» [133,76].

Мураббӣ ҳангоми тайёрӣ ба машғулият фикр мекунад, ки кадом асбобҳои аёниро: расмҳо, гербарийҳо, тақвими табиат, обу ҳаво ва ғайра, кадом ҳайвонот, наботот, навъҳои хӯроки чорво, асбобу анҷоми нигоҳубини ҳайвонот ва растаниҳою масолеҳи кишт барои фаъолият заруранд, интихоб мекунад. Танҳо дар ин сурат мураббӣ рафти машғулиятро ба нақша мегирад.

**Саёҳат.** Саёҳат яке аз чорабиниҳое мебошад, ки кӯдаконро бо табиат шинос мекунад. Дар рафти сайругашт, саёҳат кӯдакон метавонанд ҳодисаҳои табиат ва тағйироти мавсимиро мушоҳида намоянд. Одамон чӣ гуна табиатро барои қонеъ кардани ниёзҳои ҳаёт табдил медиҳанд ва чӣ гуна табиат ба онҳо хизмат мекунад. Бартариҳои сайру саёҳат имкони дидани растаниҳо ва ҳайвонотро дар муҳити табиат дар бар мегирад. Саёҳатҳо барои инкишоф додани фаҳмиши асосии

кӯдакон дар бораи алоқамандии табиат ва ҷаҳонбинии материалистӣ мусоидат мекунанд.

Экскурсияҳо ба ҷангалзорҳо, саҳроҳо ва соҳилҳои дарёву кӯлҳо кӯдаконро ба худ ҷалб намуда, имконият медиҳанд, ки бо роҳбарии омӯзгор барои мушоҳида ва кори гурӯҳӣ дар гӯшаи табиат маводҳои гуногун ҷамъ оваранд. Экскурсияҳо маҳорати мушоҳидаи кӯдакон ва шавқу ҳаваси ба омӯхтани табиатро инкишоф медиҳанд. Зебоии табиат дар бачаҳо ҳиссиёти амиқ ва таассуроти доимиро бедор карда, ба инкишофи ҳиссиёти эстетикӣ мусоидат мекунад. Ин меҳру муҳаббат ба табиат, муносибати ғамхорона ба он, меҳру муҳаббат ба Ватанро тарбия мекунад.

Аз рӯи мазмунашон экскурсияҳо умуман ба ду намуд тақсим мешаванд: экскурсияҳои табиатшиносӣ – ба боғ, ҷангал, дарё, марғзор ва ғайра, инчунин ба боғи ҳайвонот ё боғи ботаникӣ (онҳо дар фаслҳои гуногун гузаронида мешаванд) ва бо мақсади шинос кардани бачаҳо бо меҳнати калонсолон экскурсияҳо ба объектҳои хоҷагии қишлоқ – ба саҳро, фабрикаи мурғпарварӣ, боғ, сабзавот ва ғайра.

**Ба экскурсия омода намудани кӯдакон**. Якчанд рӯз пеш аз экскурсия мураббия бо бачаҳо суҳбати кӯтоҳе мегузаронад, то шавқу рағбати онҳоро ба машғулияти дар пешистода бедор созад, таассурот ва фикрҳоеро, ки ҳангоми экскурсия муфиданд, ба вуҷуд оваранд ва мақсади онро фаҳмонда тавонанд. Кӯдакон бояд донанд, ки онҳо ба куҷо, барои чӣ мераванд, чиро мебинанд ва чиро ҷамъ меоваранд.

Ҳангоми тайёрӣ ба экскурсия ба сару либоси кӯдакон диққат додан лозим аст. Онҳо бояд мувофиқи обу ҳаво ва мавсим либос пӯшанд. Хуб мебуд, ки бачаҳо ҳамроҳи омӯзгор ба тайёр кардани асбобу анҷоми экскурсионӣ ва масолеҳ барои ҷамъварӣ барои гӯшаи табиат ва майдончаи боғча ҷалб карда шаванд. Ин фаъолият шавқу ҳаваси онҳоро ба машғулиятҳои дар пешистода зиёд мекунад.

**Гузаронидани экскурсияҳо. Экскурсияи табиӣ.** «Экскурсияи табиат суҳбати муқаддимавӣ, мушоҳидаи гурӯҳӣ, мушоҳидаҳои алоҳидаи

кӯдакона ва ҷамъоварии маводҳои табиӣ, бозиҳои кӯдакона бо маводҳои ҷамъоварда ва қисми ҷамъбастӣ иборат аст, ки дар он омӯзгор хулосабарорӣ намуда диққати кӯдаконро ба тасвири умумии табиат ҷалб мекунад. Сохтор ва пайдарҳамии экскурсияҳо вобаста ба мақсад ва мавсим фарқ мекунанд» [137,19].

Мураббия баъди ба майдончаи эскурсия овардани бачаҳо мақсади машғулиятро мухтасар мефаҳмонад, ба онҳо имконият медиҳад, ки ба атроф нигаранд ва баъд бачаҳо ба мушоҳидаи объектҳо ва ҳодисаҳои табиат шурӯъ мекунанд.

Қисми асосии экскурсия мушоҳидаи гурӯҳӣ мебошад. Дар ин ҷо мақсадҳои асосии барномаи машғулият ҳал карда мешавад. Мураббия ба кӯдакон барои пайхас ва дарк намудани хусусиятҳои хоси ашё ва падидаҳо кӯмак мерасонад. Ин тавассути усулҳои гуногун ба даст оварда мешавад. Мураббия  мушоҳидаҳоро бо нақлу шарҳи худ пурра мекунад. «Таваҷҷуҳи асосии мушоҳида ба саволҳо ва саволу вазифаҳо дода мешавад, ки он кӯдаконро барои муоинаи ашё, муқоиса, муайян кардани тафовуту монандӣ ва муқаррар намудани робитаи байни ҳодисаҳои табиат водор мекунанд. Ҳангоми мушоҳидаи ҳодисаҳо аз асарҳои бадеӣ, шеъру муаммоҳои кӯдакона истифода бурдан фоиданок аст» [75,44].

Пас аз қисми асосӣ ба кӯдакон имконият дода мешавад, ки шавқу ҳаваси худро тавассути мушоҳидаҳои индивидуалӣ, мустақилона ва ҷамъоварии маводҳои таърихи табиат қонеъ гардонад.

Аммо ҳангоми додани супориши ҷамъоварии мавод миқдори онро қатъиян маҳдуд кардан лозим аст, то ки диққати бачаҳо танҳо ба баъзе наботот ё ҳайвонот ҷалб карда шавад ғайр аз ин, масъалаи тарбияи муносибати ғамхорона ба табиат ҳал карда шавад. «Вақте ки кӯдакон мустақилона кор мекунанд, мураббия набояд нозири ғайрифаъол бошад. Баъзан чӣ тавр кандани ниҳол, буридани шоха ва ғайраро нишон додан лозим аст, аммо мураббия ба ҷойи бачаҳо ҳамаи корҳоро иҷро карда наметавонад. Маводҳои ҷамъшударо ба навъҳо ҷудо карда, дар қуттию

сабадҳо мегузоранд ва як қисми онро барои бозӣ ва машқҳо истифода мебаранд» [84,32].

Тавассути бозиҳо кӯдакон дониши худро дар бораи хусусиятҳои хоси ашё мустаҳкам мекунанд, сифатҳои онҳоро бо калима ифода менамоянд, номи растанӣ ва қисмҳои онҳоро дар хотир нигоҳ медоранд. Бозиҳо аз қабили «Аз рӯи бӯй тахмин кунед», «Аз рӯи тавсиф тахмин кунед», «Шоха, шоха, кӯдаки шумо куҷост?», «Як, ду, се – ба сӯйи дарахти сафедор давед!» ва дигаронро гузарондан ба манфиат аст.

**Кор пас за экскурсия**. Донишҳои дар рафти экскурсия гирифташуда тавассути машғулиятҳо, бозиҳо, мушоҳидаҳо ва гӯшаи табиат бо ашёи овардашуда васеъ ва мустаҳкам карда мешаванд.

Маводи ҷамъшударо фавран пас аз экскурсия баргаштан дар гӯшаи табиат гузоштан лозим аст. Инчунин: ниҳолҳоро дар гулдонҳо, кӯзаҳои гул гузоштан; ҳайвонотро дар аквариум, террариум, қафасҳо гузоштан ва аз паси растаниҳо ва ҳайвонот мушоҳида кардан лозим аст. Дар охир суҳбати ҷамъбастӣ мегузаронад. «Ҳангоми ба нақша гирифтани суҳбат пас аз экскурсия омӯзгор бояд саволҳоеро ба миён гузорад, ки тамоми рафти экскурсияро дар хотираи кӯдакон аз нав барқарор созад, муҳимтарин лаҳзаҳои таълимию тарбиявиро қайд намуда, онҳоро барои муқаррар намудани алоқаи байни ҳодисаҳо водор намояд» [141,87].

**Кор дар фаъолияти ҳаррӯза.** Мушоҳидаҳо ҳангоми машғулиятҳо ва экскурсияҳо бо дигар шаклҳои меҳнат дар ҳаёти ҳаррӯза бо алоқаи зич гузаронда мешаванд.

**Сайругашт.** Барои бо табиат шинос кардани кӯдакон сайру гашт васеъ истифода бурда мешавад. Дар ин ҷо мураббия метавонад кӯдаконро бо ҳодисаҳои табиат, ки дар фаҳмиши онҳо муддати тӯлонӣ нигоҳ дошта мешаванд, шинос намояд. Кӯдакон бо обшавии барф, шукуфтан, пайдоиши алаф ва ғайра шинос мешаванд.

Инчунин дар ин ҷо метавонед бо масолеҳи табиӣ – рег, гил, об, ях, барг ва ғайра бозиҳои гуногун ташкил диҳед. Кӯдакони синни томактабӣ таҷрибаи ҷисмонӣ ба даст оварда, ҳодисаҳои табииро дар муҳити табиӣ,

бо робита ва муносибатҳои худ мебинанд. Ҳангоми сайругашт бачаҳо бо муомилаи табиат лаззат мебаранд.

Мушоҳидаҳои ҳамарӯзаи ҳодисаҳои табиат набояд тасодуфӣ бошанд; онҳоро пешакӣ ба нақша гирифтан лозим аст. Барои ташкили фаъолияти гуногуни гурӯҳи кӯдакон (фронталӣ, гурӯҳӣ, инфиродӣ) усулҳои гуногунро истифода бурдан лозим аст. Мушоҳидаҳои фронталӣ ҳангоми сайру гашт барои кӯдакон бо тағйироти назарраси мавсимӣ, ки бо меҳнати калонсолон ташкил шудааст, истифода мешаванд.

Мушоҳидаҳоро бо гурӯҳҳои на он қадар хурди кӯдакон низ гузаронидан мумкин аст (муоинаи растаниҳои шукуфон, ниҳолҳои пайдошаванда, ҳашарот ва ғайра). Дар рафти сайру гашт кори инфиродӣ низ гузаронда мешавад.

Ҳангоми сайру гашт дар боғи гулзору сабзавот бисёр корҳоро ба ҷо овардан мумкин аст. Бачаҳо ба ниҳолҳо об медиҳанд, ғизо медиҳанд, заминро нарм мекунанд. Ин кор пагоҳӣ ва бегоҳӣ ба нақша гирифта шудааст. «Бачаҳо аз рӯи вазифаи мушаххас ба боғу гулпарварӣ ҷалб карда мешаванд. Баъзе корҳоро гурӯҳӣ (шинондан, кишт, ҷамъоварӣ) иҷро кардан мумкин аст. Дигаронро (тайёр кардани замин, об додани растаниҳо, кандакорӣ, буридани баргҳои хушк, ҷамъоварии тухмӣ ва ғайра) ба зергурӯҳҳо ҷудо кардан беҳтар аст. Гурӯҳҳои калонсол метавонанд дар фасли баҳор ва тобистон дар қитъаҳо навбатдорӣ гузаронанд» [159,71].

Бачаҳои гурӯҳҳои синни калони мактабӣ ва тайёрӣ мушоҳидаҳои худро ҳангоми сайругашт, дигаргуниҳои мавсими табиати ғайризиндаро, ҳаёти ҳайвонот ва набототро ва меҳнати одамонро дар тақвим инъикос менамоянд.

**Мушоҳидаҳо дар гӯшаи табиат.** Кори бо табиат шинос кардани кӯдакони синни томактабӣ дар боғча ҳар рӯз гузаронда мешавад. Кӯдакон вобаста ба синну сол ва хусусияти кор бо роҳҳои гуногун ташкил карда мешаванд. Баъзан ба кор ва мушоҳидаҳо ҳамаи кӯдакон

ҷалб карда мешаванд, вале аксаран кор ва мушоҳидаҳо тавассути супориш ва навбатдории навбатӣ гузаронда мешаванд.

Кӯдакони гурӯҳи хурдсол ба супоришҳои кори инфиродӣ ҷалб карда мешаванд. Навбати доимии иборат аз 2 – 3 нафар аз гурӯҳи калонсол ҷорӣ карда мешавад. «Ба тарбияи меҳру муҳаббат ба табиат ва муносибати ғамхоронаю эҳтиёткорона диққати калон дода мешавад. Кӯдакони ҳафтсола байни фаъолияти худ ва нигоҳубини растаниҳо ва ҳайвоноте, ки зери назорати онҳо мебошанд, робита барқарор мекунанд, малака ва қобилияти кории худро сайқал медиҳанд.» [130,52]

Бо кӯдакон мунтазам сайругашту экскурсияҳои мақсаднок гузаронида мешавад. Тавсия дода мешавад, ки дар як мавсим як ё ду экскурсия ва сайругашти мақсаднок дар ҷангал ё боғ барои мушоҳидаи тағйироти табиӣ гузаронида шавад. Тирамоҳ ва зимистон, як ё ду сайругашти муфид ба обанбор ташкил карда шавад.

Ба гуфтаи равоншиноси маъруф В.В. Давидов «Асоси таълими инкишофёбанда мазмуни дониш ва мафҳумҳое мебошад, ки кӯдакон бояд аз худ кунанд. Аз мазмуни ин мафҳумҳо усулҳо ё роҳҳои ташкили таълим бармеояд. Бо назардошти он, ки тибқи фарзияи мо мазмуни мафҳумҳои экологии кӯдакон дарки умумӣ дар бораи табиат ҳамчун як маҷмуи ягона буда, аз системаҳои унсурҳои ба ҳам алоқаманд иборат аст, моделҳои системаҳои экологӣ усуле мебошанд, ки ин робитаҳои дохилиро ифода карда метавонанд» [35,132].

Дар тарбия намудани муносибати нек ба табиат шароит, восита, роҳ ва усулҳои таъсиррасониро бояд аниқ намуд. Яке аз воситаҳои муҳим, тарбияи рафтори нек, нисбат ба бошандагони табиат аст. Воситаҳои таъсиррасонӣ дар ин кор: намунаи шахсии мураббия, мустақилӣ, фазилатҳои нек, таъсири эмотсионалӣ, суҳбат, баҳисобгирии хусусиятҳои фардӣ, ташкили фаъолияти амалӣ, таҳлилу баҳодиҳӣ ба корҳои хуби кӯдакон мебошанд.

Роҳҳои тарбияи маданияти рафтор дар табиат: бовар кунонидан, суҳбат, муносибат ба атрофиён ва бозиҳои гуногун мебошанд. Махсусан,

изҳор кардани боварии калонсолон аҳамияти калон дорад, чунки кӯдак кӯшиш менамояд, ки ба қувваю имкониятҳои худ бовар намуда, супоришу вазифаҳоро беҳтар иҷро карда, ба доираи васеи муносибатҳои иҷтимоӣ дохил шавад. Наҳ задани кӯдак, ба иззати нафасаш расидан сабаби рӯҳафтодагӣ, дағалмуомилагӣ, бераҳмии вай гардида, инкишофи эстетикӣ-эмотсионалӣ дар онҳо суст мегардад. Онҳо зебогии табиати зистро дарк ва ҳифз намекардагӣ мешаванд.

Дар кӯдакон, инчунин ҳиссиёти масъулиятшиносӣ, талабот барои бошуурона бартараф кардани камбудиҳои рафтору кирдори худ парвариш карда шаванд, то ки дар оянда дар натиҷаи фаъолияти худ қаноатмандӣ ва хурсандиро дарк намоянд. Муҳим он аст, ки кӯдакон худро барои табиат дӯст, рафиқи ғамхору дилсӯз ҳис карда тавонанд. «Аҳаммияти тарбияи экологии кӯдакон ё худ самтҳои муосири ин раванд барои он муҳим аст, ки самти экологӣ маърифати сарчашмаҳо, дарки ҳис ва беҳдошти муҳити зист, истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ, ҳамоҳангии корҳои экологию маърифатӣ, нақши клубҳои экологӣ, марказҳои экологӣ, лагерҳои мавсимӣ, маълумоту донишҳо оид ба парваришгоҳҳо, боғҳои миллӣ ва дигар марказҳои истироҳатиро фаро мегирад» [62]. Тавре мебинем дар ташаккули тарбияи экологию ватанпарварии кӯдакон ва таҳким бахшидани ин раванд нақши омӯзгор аввалиндараҷа аст.

Дар хотима бояд гуфт, ки нақши тарбияи экологӣ ва эстетикӣ дар ташаккули худшиносии миллии наврасону ҷавонон дар шароити муосири ҷомеаи шаҳрвандӣ бо мақсади ҳифзи ҳувияти миллӣ ва ватандӯстӣ мавқеи хосаеро ишғол намуда, бо асосҳои муосири равандҳои педагогӣ ва таълимӣ дар тарбияи кӯдакон устувор мегардад.

## 2.2. Нақши муассисаи таълимии томактабӣ ва оила дар ташаккули асосҳои фарҳанги экологии кӯдакони синни томактабӣ

Ба ҳамагон маълум аст, ки асри XXI–ро ҷомеаи ҷаҳонӣ «асри муҳити зист» эълон кардааст. Фаҳмидани он кӯшишҳои зиёдро барои ҳифзи муҳити зист ва амалӣ намудани чорабиниҳои экологиро талаб мекунад. Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи таълими экологӣ робитаи ногусастании он бо таҷрибаи воқеии ҳаёти хонандагон дар робита бо муҳити иҷтимоию табиии онҳо мебошад. Дониш ва арзишҳои экологӣ, малака ва маҳорат дар фаъолияти табиатшиносӣ, ки дар раванди таълим ташаккул меёбанд, аз як тараф, ба таҷрибаи мавҷудаи муошырати кӯдакон бо табиат асос ёфта, аз тарафи дигар, онҳо ҳамарӯза дар муҳити воқеии ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва табиӣ, берун аз муассисаи таълимӣ санҷида мешаванд ва «табиӣ» интихоб карда мешаванд.

Ба ақидаи Л.С. Виготский, тарбия кардан маънои «пеш аз ҳама шаклҳои нави реаксия, ташаккул додани шаклҳои нави рафтор»-ро дорад. В.И. Панов (2000) қайд мекунад, ки мақсади ҷараёни таълим аз нуқтаи назари консепсияи таълими инкишоф «ба вуҷуд овардани шароит барои инкишоф ва амалисозии худи ташаккулҳои нави равонӣ (зеҳнӣ, шахсият ва ғайра) дар хонандагон мебошад».

Мазмуни тарбияи экологии кӯдакони синни томактабӣ мувофиқи «ақидаҳои пешбари табиатшиносони муосир ташаккул меёбад: 1) ягонагӣ ва алоқамандии зинда ва ғайризинда; 2) ягонагии инсон ва табиат; 3) сохтори системавии табиат; 4) якпорчагии табиат (робитаҳои байниҳамдигарие, ки дар табиат дар ҳама гуна сатҳ инкишоф ёфтаанд; нигоҳ доштани ин алоқаҳо шарти муҳими қобили ҳаёт будани системаҳои зинда мебошад)» [126,63].

Педагоги машҳур В. Сухомлинский ба тарафдории фаъолона истифода бурдани маводҳои таърихи кишваршиносӣ баромад карда, фоиданокии таълими табиатро бо қобилияти беҳамтои он дар ба зеҳни зеҳн дар дохили рӯҳи инсон ворид кардан, инчунин такя кардан ба

унсурҳои визуалӣ ва дастрас, имкониятҳои ба синну соли кӯдакон мувофиқ будани онро фаҳмонда дод. Ба ақидаи олим, табиат манбаи бойи дониш дар бораи олам ва ҷамъият, заминаи эҳсоси инкишофи ҷаҳонбинии илмӣ, инчунин тарбияи ахлоқӣ, эстетикӣ ва меҳнатӣ мебошад. “Табиати пурмавҷи диёри худ ба одам дар айёми бачагӣ махсусан равшан зоҳир мегардад. Ва ин зебоӣ инсонро тамоми умр ҳамроҳӣ мекунад. Дар пеши назар расмҳои табиати ватанӣ пайдо шуда, дилаш тез-тар таппиш мекунад, зеро табиати модарӣ чун гаҳвораи мавҷудият, чун чашмаи софу беғуборе, ки мо бори аввал аз он оби зинда нӯшида будем, ба рӯҳи мо дохил мешавад...» [126,63] - менависад В. Сухомлинский.

Дар зерфаслҳои қаблӣ ҷанбаҳои асосии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдак дар доираи таълиму тарбия дар муҳити муассисаҳои таълимии томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумиро мавриди баррасӣ қарор додем. Аммо муҳимтарин чизро набояд фаромӯш кард, ки тарбияи экологии кӯдакон дар сурати мавҷуд будани ҳамкорӣ ва робитаи байни волидон ва омӯзгорон, ки барои инкишофи ҳамаҷонибаи кӯдак шароити зарурииро фароҳам меорад, метавонад самаранок бошад.

Ташаккули тарбияи экологӣ он вақт амалӣ гардонида мешавад, ки агар оила, мактаб ва ҷомеа дар ҳамбастагӣ ҳамкорӣ намуда, тарбияи кӯдаконро нисбати муҳофизати табиат дуруст ба роҳ монанд. Омӯзиши муҳити зист нишон медиҳад, ки одам чун як ҷузъи таркибии олами органикӣ нафақат онро ҳаматарафа истифода барад, балки вазифадор низ аст, ки қонуниятҳои табиатро омӯзад ва онро оқилона идора намояд.

Раванди тарбия дар оила падидаи нотакрор буда, ибтидо ва интиҳо надорад. Он пайваста, дар гуфтору рафтор ба амал меояд. Тарбияи экологӣ дар оила дар ташаккули муносибати баланди ахлоқии кӯдакон мавқеи хоса дорад.

Пеш аз ҳама муносибати инсондӯстӣ, яъне муносибати бошуурона, дуруст, дилсӯзӣ, шуури экологиро тарбия кардан лозим аст. Огоҳии

муҳити зист, муносибати эмотсионалии кӯдакон, амалҳои амалӣ ва рафтори табиатро дар бар мегирад.

Дониш ва маърифати экологии азхудшуда фаҳмиши кӯдаконро дар бораи арзиши табиат ва ҳаёт, малакаву маҳорат дар муносибат бо табиат, рафтори аз ҷиҳати экологӣ салоҳиятдор дар табиат ва масъулият дар назди табиатро ташаккул медиҳад.

Консепсияи Л.С.Виготский «минтақаи наздики рушд» дар бораи имконияти васеъ, ки ҳам барои оила ва ҳам барои мураббия мавҷуданд, сухан меронад. Аз ин рӯ, бояд нақши МТТ ва оиларо дар ташаккули заминаи маърифати экологӣ баррасӣ кард.

Дар муассисаи таълимии томактабӣ ҷорӣ намудани тарбияи экологии кӯдакони синни томактабӣ дар сурате босамар мегардад, ки агар он дар ҳамкорӣ бо падару модарон ба нақша гирифта, амалӣ гардад. «Оила пояҳои  шахсияти маънавӣ ва фарҳангии инсонро ташкил дода, одатҳои ӯро ташаккул медиҳад. Олимон бар ин назаранд: гуфтор ва рафтори волидайн ба фарзандонашон, инчунин ба ахлоқу рафтори онҳо, ҷаҳони арзишҳои онҳо таъсири амиқ дорад. Шахсияти кӯдаконро волидайни онҳо ташаккул медиҳанд ва оила ҳамеша буд, ҳаст ва хоҳад монд. Муҳимтарин муҳити тарбияи кӯдак оила аст.»[138,91]

Дар рафти Конвенсияи Орхус оид ба татбиқи «Барномаи давлатии рушди маърифати экологӣ ва маърифатнокии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025»  зикр гардид. Аз ҷумла, қайд гардид, ки  «Сохтори системаи маърифати экологии аҳолӣ зинаҳои зеринро дар бар мегирад:

- таълим ва тарбияи экологии томактабӣ (таълими экологӣ дар оила ва муассисаҳои томактабӣ);
- тарбияи экологӣ дар низоми таҳсилоти умумӣ;
- тарбияи экологӣ дар низоми таҳсилоти ибтидоии касбӣ;
- тарбияи экологӣ дар низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ;
- тарбияи экологӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ;
- тарбияи экологӣ дар низоми таҳсилоти баъдидипломӣ;

- тарбияи экологӣ дар низоми таҳсилоти махсус ва иловагӣ;

- маърифати экологӣ барои аҳолӣ;

- тарбияи экологӣ дар мақомоти давлатӣ, аз ҷумла Қувваҳои Мусаллаҳ» [28,34].

Илова бар ин, дар моддаи 8-уми Қонун «Дар бораи таълими экологии аҳолӣ» таъкид шудааст: «Таҳсилоти экологии аҳолӣ зинаҳои зеринро дар бар мегирад:

- таълим ва тарбияи экологии томактабӣ (таълими экологӣ дар оила ва муассисаҳои томактабӣ)» [100,3].

Азбаски калонсолон ҳамеша дар ҳаёти кӯдак нақши муҳим мебозанд, муҳим аст, ки ба нақши оила дар ташаккули маърифати экологии кӯдакон ҳам бояд диққат дода шавад. Аз қадимулайём аъзоёни оила аввалин тарбиятгари кӯдак ба шумор мерафтанд, ки барои иҷтимоишавӣ ва мутобиқ шудан ба ҷамъият кӯмак мерасонданд. Аз курси фалсафа мо медонем, ки оила воҳиди ҷомеаест, ки барои тарбияи фарзанд масъул аст. Аз курси ҷомеашиносӣ мо медонем, ки оила муассисаи иҷтимоии ибтидоии кӯдак ба шумор меравад. Аз психология ба мо маълум аст, ки оила «минтақаи рушди наздик» аст, ки ба ғояҳои ибтидоӣ, одату ташаккули хислату омӯзиши рафтор таъсир мерасонад. Аз ин чунин хулоса метавон кард, ки: «Андеша ва рафтори волидайн дар ташаккули фарҳанги экологии кӯдак равшан мегардад» [58,23].

Тарбияи экологии кӯдакони синни томактабӣ марҳилаи муҳими инкишофи кӯдак мебошад. Дар ин давра кӯдакон ба ҷаҳони атроф таваҷҷӯҳи самимӣ зоҳир мекунанд.

Барои ташаккули маърифати экологӣ ва арзишҳои ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ корҳои тарбиявиро оид ба тарбияи экологӣ дар ду самт ташкил кардан лозим аст: кор бо волидон ва кор бо кӯдакон.

Барои муайян кардани муносибати волидайн ба тарбияи экологӣ пурсиш гузаронида шуд. Ҷавобҳои волидайн барои равшан кардани фаҳмиши онҳо оид ба масъалаҳои таълими экологӣ кӯмак хоҳанд кард.

Биёед ба баррасии муфассалтар дар бораи нақши оила дар ташаккули асосҳои фарҳанги экологӣ гузарем. «Таъсири оила ба ташаккули маданияти экологӣ низ метавонад ба марҳилаҳои муайян вобаста бошад. Пеш аз ҳама, якчанд шаклҳои тарбияро метавон номбар кард:

- кор дар табиат;
- ҳифзи анъана ва расму оинҳо;
- интиқол додани таҷрибаи оилавӣ;
- ташкили муҳити рушд;
- нигоҳубини ҳайвоноти хонагӣ;
- тамошои оилавии намоишҳои телевизионӣ ва муҳокимаи филмҳо;
- бозиҳои мазмуни экологӣ дошта;
- иштирок дар чорабиниҳо на танҳо дар МТТ ва МТМУ, балки дар чорабиниҳои сатҳи шаҳрӣ;
- иштирок дар намоишгоҳҳо» [66,93].

Вобаста ба ин, имконияти оиларо дар ташаккули маърифати экологии кӯдакон бояд қайд кард. Волидайн бояд аз хурдсолӣ дар дили фарзандон муносибати ғамхорро нисбат ба табиат тарбия намоянд.

**Шакл, восита ва усулҳои тарбияи экологӣ.** Волидон ва мураббия бояд бо фарзандони худ дар боғ, дар ҷангал, дар канори кул, дарё ва ҳатто дар ҳавлии худашон сайру гашт кунанд. Чунин сайру гаштҳо бо ҳикояҳои ҷолиб ва мисолҳои аёнӣ дар кӯдак хоҳиши омӯхтани табиат ва кӯмак ба ҳайвонотро бедор мекунанд. Намудҳои кор бо кӯдакон метавонанд гуногун бошанд:

- экскурсияҳо ва сайругаштҳо;
- нигоҳубини растаниҳо ва ҳайвонот;
- мушоҳидаҳо, таҷрибаҳо ва таҳқиқотҳо;
- суҳбатҳо;
- машқҳои бозӣ;
- маводи аудио ва видео.

Ҳамкории зичи байни волидон дар тарбияи маърифати экологӣ ба рушди шуури кӯдак таъсири ҳамаҷониба мерасонад. Ҳадафи аввалиндараҷаи оила ин додани таҷрибаи ҳам иҷтимоӣ ва ҳам ахлоқӣ ба кӯдак мебошад. Аммо ин раванд на ҳар вақт мушоҳида мешавад, зеро оилаҳои имрӯза вобаста ба шароитҳои муайян наметавонанд ҳамеша ба рушду тарбияи фарзанди худ пурра диққат диҳанд.

Дар асри технологияҳои иттилоотӣ насли наврас бештар ба ҳоли худ гузошта шудааст: воқеан оё кӯдакеро мебинед, ки аз гил чизе месозад ё аз порчаи хишти сӯхта дар асфалт ягон чиз мекашад?

Волидон дигар ба бозор шитоб намекунанд, барои хариди хӯрокворӣ ба маркази савдо медароянд. Дар биноҳои баландошёна ё хонаҳо кам пайдо мешавад, ки боғ дошта бошанду ба шинонидани гулу гиёҳ ва помидор машғул гарданд. Танҳо дар канори шаҳрҳо ва маҳалҳои наздишаҳрӣ калонсолонеро дидан мумкин аст, ки боғпарваранду фарзандонашон ба онҳо ёрӣ мерасонанд.

Кӯдакони аз синни томактабӣ сар карда, берун мебароянд, то вақтро «бо телефонҳои худ» гузаронанд. Бозӣ бо маводи табиӣ дигар ба онҳо шавқовар нест ва агар ба вазъияти ҳозира назар андозем, танҳо як хулоса бармеояд, ки он ҳам тарбияи оилавист.

Волидон ба кӯдакони худ аз интернет дар бораи бемориҳо, вирусҳо ва микробҳо сухан меронанд, ба кӯдакон дар бораи чизе, ки ба онҳо таъсири манфӣ мегузорад, таъкид мекунанду халос, яъне:

- меваю сабзавоти ношустаро нахӯред, вагарна бемор мешавед;
- ба саг наздик нашавед, вагарна саг бемор аст;
- ба мо гурба даркор нест, чунки он хонаро ифлос мекунад;
- хокбозӣ накунед, сироят мешавед;
- оби ҷӯшидаро нанӯшед, бемор мешавед;
- ба офтоб набароед – офтоб мезанад.

Ҳар он чизе, ки кӯдак ҳар рӯз мешунавад, тадриҷан дар хотираи онҳо нақш мебандад. Оҳиста-оҳиста табиат бо зебоӣ ва сарвати беандозаи худ ҳамчун чизи бегона ва душманона қабул карда мешавад.

Ҳар як ҳашароте, ки кӯдак дар аввал ба он даст мезанад, бо чунин суханон вомехӯрад, ки «Оҳ, зараровар аст. Ӯро нобуд соз». Ҳамин тавр ин як қоидаи асосии рафтор мегардад: ҳар чизе, ки ба кӯдак маъқул нест, бояд несту нобуд карда шавад. Волидайн тавассути рафтори худ дар фарзандаш заминаи рафтор ба табиатро мегузоранд.

Имрӯз дар Боғи ботаникии шаҳри Душанбе чиро мушоҳида мекунем? Бастаҳои холии чипс, крекер ва шоколад ҳама ҷо пароканда, алафҳоро поймол мекунанд, шохаҳои дарахтонро мешикананд, гулҳоро канда зери по мепартоянд. Ба кирмаконе, ки дар ҳавзи боғ ҷой гирифтаанд, сӯйи онҳо гил ё санг ҳавола медиҳанд, аз паси санҷоб давида, фарёд мезананд. Баъзеҳо кӯшиш мекунанд, онҳоро дастгир намоянд. Санҷобҳо дигар рӯзона аз тарс ба замин намефароянд.

Аз мисолҳои овардашуда ба хулосае метавон омад, ки тарбия дар оила нисбат ба табиату зодгоҳ хеле коста шудааст. Кӯдак худ ба табиат хеле наздиктар аст – як ҷузъи ҷудонашавандаи он мебошад. Кӯдаки 2 ё 3 - сола хокбозиро дӯст медорад. Ӯ метавонад, соатҳои тӯлонӣ бо мӯрча, пашша ё ягон чизи дигар бозӣ кунад. Ӯ аз дидани он, ки момохолак аз кафи дасташ парвоз мекунад, хеле шод мегардад. То он даме, ки одами калонсол ба ӯ: «Лозим не!» гуфта манъ накунад.

Лекин агар волидайн ҳангоми сайру гашт ба табиати атроф бо фарзандаш барояду бо дидани шабпарак ё паранда хурсандӣ намояд ё ба сагча ё гурба ғизо диҳад, ин дар хотири фарзанд то дер боз боқӣ мемонад ва ин қадами аввалини бедор кардани ҳисси ватандӯстии ӯ мегардад. Аксар вақт калонсолонро бегоҳӣ, дар боғ ҳангоми сайру гашт вомехӯрем, ки дар назди фарзандон сабза ё гуле мечинанд. Дар назари онҳо ин кори муқаррарӣ метобад, вале оянда кӯдакон ин рафторро нусхабардорӣ менамоянд.

Асосҳои маърифати экологӣ, огоҳӣ ва саводнокӣ аз ибтидо дар оила ташаккул меёбанд. Ҳоло дар хонаҳо ҷои гули зиндаро гулҳои сунъӣ ё дарахтони сунъӣ гирифтаанд. Бо фароҳам овардани муҳити тарбиявӣ дар хона ва таҳкими робитаи зич бо табиат, шумо метавонед, ба

тафаккури кӯдак таъсир расонда, онро тағйир диҳед. Дар хона шинонидани гулу гиёҳҳое, ки дар Тоҷикистон мавҷуданд, ба кӯдак дар бораи ном, вазифа ва хосияти гул шиносӣ меорад.

Ба хотир овардан ба маврид аст, ки чӣ тавр дар кӯдакӣ ҳангоми дар кӯча осеб медидем, ба хона надавида, балки барги чинорро кофта, шуста ба ҷои хунравӣ мемолидем, зеро медонистем, ки барги чинор хунравиро қатъ мегардонад. Ин маълумот аз насли калонсол омадааст, бинобар ин мо бесабаб барги чинорро намечиндем. «Маърифати экологӣ аз донистани кӯдакон дар бораи сарват ва неъматҳои табиати зодгоҳашон оғоз мешавад. Бачаҳои имрӯза аз олами набототи Тоҷикистон бехабаранд. На ҳар кӯдак дар бораи гул шеър медонад» [94,31].

Тарбия дар оилаи тоҷик ҳамеша анъана ва расму оини мардумиро ба назар мегирад. Насли калонсол кӯдаконро бо меҳнат дар табиат ҷалб намуда, ба таври ноайён дар бораи табиат дониш медиҳад. Агар кӯдаконе, ки дар кӯҳистон зиндагӣ мекунанд пурсон шавед, ӯ ҳама вақт метавонад дар бораи манфиатҳои растаниҳо ва дарахтони гирду атроф буда, чӣ гуна рафтор кардан ҳангоми дучор шудан бо ҳайвону ҳашаротҳо, ки зарар нарасонанд, нақл мекунад. Дар ин кӯдакон аллакай асосҳои рафтори экологии дуруст замина гузоштааст.

Маҳз волидайн дониши аввалини кӯдакро ташаккул медиҳанд ва онҳо вобаста ҳаст, ки кӯдак бо кадом тарз ба табиат нигоҳ мекунад ва муносибатеро, ки бо муҳити табиати диёраш ташаккул меёбад, муайян мекунад.

Набояд фаромӯш кард, ки ба ғайр аз волидону мураббиён, имрӯз омилҳои дигаре низ ҳастанд ба шахсияти кӯдакон таъсири худро мерасонанд ва на ҳама вақт ин таъсирот ба мақсад ва ниятҳои мо мувофиқат мекунанд. Таасуфовар он аст, ки мо кӯдакони худро аз ин таъсироти номатлуб ҳифз карда наметавонем. Ҳамсолону бачаҳои нисбатан калони кӯча, барномаҳои телевизионии ба синну соли кӯдак номувофиқ, ва ғайрҳо, ки баъдан мо онро маҳкум менамоем, кӯдаки хурдро ба коми худ мекашанд. Онҳо низ, ҷузъи мавҷуда, зиндагӣ ва

бурду бохти ҷомеаи имрӯзаи мо ҳастанд. Онҳо низ, маҳсули фикру амали инсон ҳастанд, ки дар ҷомеаи имрӯза, олами моддию маънавии мо арзи вуҷуд доранд.

Намунаи падар ва модар таъсири бузург дорад. Вақте ки худи волидайн муҳити атрофро дӯст медоранд, онҳо метавонанд ба осонӣ дар фарзандонашон муносибати мусбӣ ба табиатро пайдо кунанд. Модарро дида, бодиққат ба гулҳо об медиҳанд, сагу ҳайвонотро нигоҳубин мекунад ва падар барои зимистонгузаронии паррандагон ғизо медиҳад, кӯдак низ ҳамин корро ёд мегирад. Агар кӯдакон нисбат ба наботот ва ҳайвонот бераҳм бошанд, аксар вақт волидон гунаҳкоранд.

Кӯдакони имрӯза қариб, ки дигар пои луч дар замин намедаванд – ҷои онро қоличаҳои масҳӣ гирифтаанд; дар ҷӯйҳо оббозӣ кам мекунанд – ҷои он дар ваннаю ҳавзҳо оббозӣ мекунанд ва бо гилу об барои дарки хусусиятҳои маводи табиӣ кам бозӣ мекунанд. Калонсолон кӯдаконро аз табиат ҷудо карда истодаанд.

Падару модарон фарзандони худро хеле кам ба саёҳат ба кӯҳ ё боғи ҳайвонот мебаранд. Аксар вақт онҳоро ба кинотеатр ё ягон маркази фароғатӣ мебаранд. Кӯдаконе, ки дар хона ё манзили худ бо гиёҳҳо ва ҳайвоноти зинда (гурба, саг, моҳӣ, канарейка, тӯтӣ ва ғайра) иҳота шудаанд, на танҳо нисбат ба ҳайвонот, балки нисбати одамон ҳамеша ғамхору меҳрубонанд.

Суҳбати оддӣ дар курсиҳои назди хона, дар роҳ ба сӯи боғча, дар сайру гашти гирду атроф, дар бораи парандае, ки аз наздашон парвоз кард, дар бораи ягон гули аҷоиб, дар хусуси коркунони Боғи ботаникӣ ва ғайра аз «зебоии табиат то масъалаҳои он» воситаи хуби ташаккули донишҳои экологӣ барои кӯдак мегардад ва инчунин барои ташаккули асосҳои маданияти экологӣ замина мегузорад.

Волидон, ки вазифаи тарбияи фарди комил, босавод ва ҳамаҷонибаи шахсият ва шаҳрванди давлатро доранд, бояд пеш аз ҳама дар фарзанди худ ҳисси ватандӯстиро, ки аз муҳаббат ба табиати зодгоҳи худ оғоз мекунанд, парваранд. Ҳарчанд мураббия мунтазам ба кӯдакон дониш

дар бораи табиат диҳад, аммо муносибати ҷиддиро ба табиат дар кӯдак танҳо дар ҳамкорӣ бо оила ташаккул додан мумкин аст. Вазифаи мураббия аз он иборат аст, ки ба падару модар зарурати дар руҳияи маданияти экологӣ тарбия намудани фарзандон ва ҷалб намудани онҳоро ба тарбияи экологӣ роҳнамоӣ кунад. «Дар кор бо падару модарон оид ба масъалаҳои тарбияи экологии бачаҳо ҳам аз шаклҳои анъанавии меҳнат ва ҳам аз дигар фаъолиятҳо истифода бурдан лозим аст. Ҳамаи шаклҳои кор бо падару модарон бояд ба педагогикаи хамкорӣ асос ёфта, кор дар ду самт: мураббия — падару модар, мураббия — фарзанд — падару модар ба роҳ монда шавад.»[98,14]

Волидони имрӯза метавонанд, дар ташаккули ҷаҳонбинии фарзандонашон саҳми фаъол дошта бошанд. Ҷадвалҳо, гаҷетҳои гуногун мавҷуданд, ки дар бораи маъракаҳои ҷории экологӣ огоҳӣ медиҳанд. Кӯдакон шахсонеанд, ки ҳар як идеяро тарафдоранд.

Дар Тоҷикистон зуд-зуд чорабиниҳои ҷолиб бахшида ба табиат баргузор мешаванд. Аз ҷумла «Рӯзи гули лола», ки дар тамоми шаҳру ноҳияҳо баргузор мегардад ва «Салом, тобистон», ки бо кӯшиши ҷавонон ва сарпарастон озмунҳои ҷолиб, намоишгоҳи гулҳо ва намоишҳои ҳунарҳои мардумӣ баргузор мешаванд.

Қобили зикр аст, ки дар ҷараёни озмуни дар мавзуи «Рӯзи шаҳри Душанбе», расмҳо ба маърази тамошо гузошта шудаанд, ки дар онҳо шаҳри Душанбе ғарқи сабзаю гулҳои рангоранг тасвир шудааст.

Кӯдакон табиатан ба мушкилоти калонсолон таваҷҷӯҳ надоранд, онҳо ба ҳайвонот ва парандагон, моҳию гулҳо шавқманданд. Калонсолон онҳоро бояд ба самти дуруст ҳидоят намоянд. Барои ба қоидаҳои табиат шинос кардани бачаҳо падару модарон ва аъзоёни оила бояд фаъолона иштирок намоянд.

Ҳолатҳое, ки волидайн (модар, падар, модаркалон ё бобо) ҳангоми сайру гашт бо кӯдакон пучокро ба рӯи майса мепартоянд, гулро чида бӯй кашида мепартоянд ё танҳо барои гирифтани сурат (селфи) дар боғи гул сайр мекунанд, хеле маъмул гаштааст.

Кӯдак ҳар рӯз инро мушоҳида намуда, онро ҳамчун иҷозат қабул менамояд, яъне агар аз пеш дарахте баромад шохи онро шикастан мумкин, агар ягон ҳайвон баромад задан ё пеш кардан лозим ва кӯдак инро чун рафтори муқаррарӣ қабул мекунад.

Дар ин рӯзҳо дар МТТ, ки мураббия фоидаи ин ё он ҳашаротро фаҳмонда медиҳад, бисёр шудани гамбускҳо ва занбӯрҳо мушоҳида мешаванд.

Дар кӯдакистон ду духтари гурӯҳи калонсол дар майдончаи бозӣ як духтаракро диданд, ки Мадина ном дошт ва ӯ бо гамбуск бозӣ мекард. Ёсуман ин кори хато аст гуфта, бо пои худ гамбускро пахш намуд. Духтарон ба ҷанҷолу занозанӣ сар карданд. Зимни суҳбат бо мураббӣ Мадина гирякунон нақл кард, ки чӣ тавр Ёсуман гамбускро бо пояш пахш кард. Ёсуман оромона гуфт: «Модарам гуфтанд, ки бояд ҳашаротро нест кард, онҳо зарароваранд» [93,17]. Ҳангоми суҳбат бо модари Ёсуман суханони духтараш тасдиқ шуд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вақтҳои охир дар бобати тарбия ва таълими кӯдакон муваффақиятҳои калон ба даст овард. Дар шабакаи «Баҳористон» барномаҳо ва рекламаҳои сершуморро дидан мумкин аст, ки кӯдаконро дар табиат чӣ гуна рафтор намуданро талқин менамояд ва инчунин дар бораи фоидаву зарари ҳайвонҳо барнома пешкаш менамоянд. Агар волидайн бо фарзанди худ ин барномаҳоро тамошо кунад, ҳар як муҳокимаи нофаҳмо зуд равшан ва ҳал мешавад.

Фаъолияти якҷояи кӯдакон бо волидон, аз қабили ниҳолшинонӣ ва тоза намудани гирду атроф, ба кӯдакон кӯмак мекунад, то аҳамияти ҳифзи муҳити зистро дарк намоянд. Бо ташкил намудани мини-экосистема дар хона, волидон ба кӯдакон шиносоӣ бо сокинони аквариум ва террариумро ташкил мекунанд. Аквариуми хонагӣ ба кӯдак барои ғамхорӣ намудан ва аҳамияти экосистемаро донистан ёрдам мерасонад.

Ҳоло бисёр мағозаҳои ҳайвонот вуҷуд доранд, ки волидон метавонанд, фарзандони худро ба он ҷо бурда, сокинони онро тамошо

намоянд. Чаро кӯдакон ба деҳот барои аёдати модаркалон ё хешовандони дигар рафтанро дӯст медоранд? Зеро дар он ҷо кӯдакон бевосита ба табиати зинда дучор мешаванд, ки ин барои ҷаҳонбинии онҳо хеле муҳим аст.

Суҳбат бо бачаҳо ва мушоҳидаи табиат ба онҳо ёрӣ мерасонад, ки зарурати муҳофизати табиат ва эҳтиёткорона муносибат кардан бо сарватҳои табииро фаҳманд. Волидайн бояд бо фарзандони худ масъалаҳои экологиро баррасӣ кунанд – Чаро ҷомеа аз пиряхҳо ва об нигарон аст? Чаро «Китоби Сурх» лозим аст?

Ин мавзуъҳо барои кӯдакон заруранд, то донишҳои ҳамаҷонибаро инкишоф диҳанд ва дарк намоянд, ки дар атрофи онҳо чӣ рӯй медиҳад. Хондани адабиёти бадеӣ бо кӯдакон инчунин метавонад ба онҳо кӯмак кунад, ки чизҳои навро омӯзанд, онҳоро ҷалб кунанд ва суҳбати баъдӣ ба онҳо барои кашф кардани робитаи байни объектҳои табиӣ кӯмак мерасонад.

Волидон метавонанд дар оилаҳои худ одатҳои экологиро тарбия кунанд, ки ин як қадами муҳим дар самти рушди огоҳии экологӣ дар кӯдакон ва беҳбудии муҳити зист мебошад. Албатта, саъю кӯшиши волидайн ва кормандони муассисаҳои таълимӣ метавонад, дар рушди маърифати экологӣ ва ташаккули пояҳои фарҳанги экологӣ дар кӯдакон саҳми бебаҳо гузорад.

Татбиқи маҷмӯии ҷузъҳои таълими экологӣ (ҷанбаҳои фаъолиятӣ, маърифатӣ, меъёрӣ, арзишӣ бо назардошти ҷанбаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва табиӣ) низ метавонад ҳамчун шароитҳои педагогӣ дар ташаккули фарҳанги экологӣ хизмат кунанд. Дар кор аллакай ҷузъҳои асосии таълими экологӣ (фаъолиятӣ, маърифатӣ, меъёрӣ ва арзишӣ) баррасӣ шудааст. Дохил кардани ин ҷузъҳо метавонад ба кори мураббиёни муассисаҳои томактабӣ ва муаллимони синфҳои ибтидоӣ кӯмаки калон расонад.

Кори педагогии мураббиро ба таври зайл ташкил кардан лозим аст: дар як машғулият ба бачаҳо нақши объекти табиатро дар ҳаёти табиат

(масалан, дарахт) ёд додан лозим аст. Аҳамияти он дар занҷираи табиии ғизо бояд нишон дода шавад. Дар дарси навбатӣ бояд дараҷаи таъсири фаъолияти инсон ба ҳаёти дарахти додашуда нишон дода, ҷиҳатҳои мусбат ё манфии ин таъсирро низ қайд кардан лозим аст.

Албатта, дар рисола воситаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дигар маводи ёрирасоне, ки дар ҷараёни тарбияи экологӣ истифода мешаванд, мавриди баррасӣ қарор гирифт. Зарур аст, ки  аз объектҳои табиати Тоҷикистон мисол оварда шавад. Кӯдакон дар Тоҷикистон бо кабӯтар, зоғ, майна ва гунҷишк ошно ҳастанд. Онҳо ҳеҷ гоҳ дар ватани худ бо дигар паррандагон  дучор нашудаанд ё шояд расми онҳоро дида бошанд.

Бо мисол овардан аз паррандагон, ҳайвонот ва ҳашароти Тоҷикистон, кӯдакон метавонанд дар бораи аҳамияти ин намудҳо дар занҷири ғизо дарки қавӣ пайдо кунанд.

Бо тасвири зебоии товус, булбул, хирс, оҳу ва ғайра зебоӣ ва боигарии диёри худро намоиш медиҳед ва ба бачаҳо фаҳмидан лозим аст, ки ба онҳо ғамхорона муносибат кардан лозим аст. Ҳашарот низ набояд аз ин руйхат дар канор монад. Сарват ва гуногунии олами ҳашарот, ширхӯрон, хазандагон дар Тоҷикистон  беназир аст. «Сабаби асосии кам шудани саршумори олами набототу ҳайвонот дар Тоҷикистон дар дониши ками аҳолӣ ниҳон аст – онҳоро аз сабаби надоштани маълумоти мукаммал нобуд месозанд. Аксарияти бачаҳо ҳоло, ки саводи кофӣ надоранд, рафтори калонсолонро нусхабардорӣ мекунанд – кирмак, қурбоққа, калтакалос, шабпарак ва ғайраро мекушанд, решаи растанию гулҳоро (сӯзанбарг, қоқу, лола ва ғ.) нобуд месозанд» [111,79].

Айни замон бо дастгирии намояндаҳои кишварҳои гуногун як қатор чорабиниҳо (озмунҳо, викторинаҳо, бозиҳо, тренингҳо, семинарҳо) бо мақсади вусъат додани таблиғот байни аҳолӣ хеле фаъолона гузаронида мешаванд.

Шиносоӣ бо табиати кишвари азизи худ ва донистани сиру асрори беканори он ба кӯдакон имконият медиҳад, ки фикру ақидаи худро доир

ба набототу ҳайвонот ташаккул диҳанд, мавқеи худро дар доираи муносибати табиат ва инсон ҳис карда, аз хурдсолӣ зарурияти ҳифзу барқарор намудани бойгариҳои табиатро дар ҳаёти ҳаррӯза дарк намоянд.

Набояд фаромӯш кард, ки донистани сиру асрори табиати муҳити зист, тарбия намудан дар роҳи пайдо намудани хоҳишу амалиёти ҳифзи табиат ва афзун гардонидани бойгариҳои он аз сарчашмаи ахлоқи неки умумиинсонӣ ба ҳиссиёти башардӯстӣ ва адолатхоҳӣ такя мекунад.

Одам ва табиат ҷудонашаванда аст. Чӣ хеле, ки инсон бошад, табиат низ ҳамон тавр мешавад. Табиатро чӣ тавр муҳофизат кардан лозим аст? Дар кӯдакон бояд маданияти рафтор дар табиатро тарбия кард. Кӯдакон дар назди мо табиатро дӯст медоранд, ҳамин ки мо аз наздашон рафтем, ба он бераҳмона рафтор мекунанд. Барои чӣ ин тавр мешавад? Дар барномаи «Тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ» вазифа, роҳ ва воситаҳои тарбияи маданияти рафтор муайян карда шудааст:

1. Омӯзондани рафтору кирдори нек дар ҳолату вазъияти гуногун;

2. Тарбия намудани шуур, ҳиссиёт ва тасаввуроти ахлоқӣ, ки онҳо дар ҷараёни шиносоӣ бо муҳити зист такмилу ташаккул меёбанд.

Муносибати кӯдакон ба табиат хусусияти манфиатҷӯёна дорад. Масалан, гули зеборо дида, онро мекананд ва ё мо калонсолон намунаи ин амалиётро нишон медиҳем. Дарк намудани зебоии табиат бояд ба фаҳмидани аҳамият ва зарурияти ҳифзу бой намудани табиат мувофиқат намояд. Дар ҷараёни ин кор кӯдак ба доираи муносибатҳои иҷтимоӣ дохил мегардад. Баробари барҳам хӯрдани назорат рафтори кӯдакон низ тағйир меёбад. Дар аввал кӯдак иҷрои қоидаҳои рафторро «дар сухан» аз худ менамояд, на дар амал. Бисёр вақт гуфтор ба амалиёташ мувофиқат намекунад. Дар натиҷаи кори мунтазам иҷрои қоидаҳои рафтор ба талаботи ботинӣ ва амалиёти ҳаррӯзаи кӯдакон мубаддал мегарданд.

Табиат модар аст. Вай моро мехӯронад, мепӯшонад. Тарбияи ватандӯстӣ аз табиати кишвари маҳбуб оғоз гардида, кӯдак худро як

ҳиссаи табиати нотакрори ватани худ меҳисобад. Муносибати инсондӯстонаи кӯдак ба табиат низ сабабҳо дорад: ғамхорӣ, дилсӯзӣ, худбиниву гирифтани мукофот. Бо ёрии саволҳои зерин давраҳои ташккулёбии ҳиссиёти ғамхориро муайян намудан мумкин аст:

1. Ту табиат, гулҳо, ҳайвонҳоро дӯст медорӣ? Барои чӣ?
2. Барои ёрӣ додан чӣ корҳо мекунӣ?
3. Дар ҳаққи кадом гул, дарахт, парранда ва ҳайвонот ғамхорӣ кардан мехоҳӣ?
4. Дар ҳаққи онҳо ғамхорӣ намудан оё зарур аст? Барои чӣ?

Кӯдакон барои бозӣ нисбат ба кӯдакистон дар хона вақти зиёдтар доранд. Падару модарон метавонанд ҳангоми сайругашт, ҷашнҳои оилавӣ, ташкили меҳнати кӯдакон малакаҳои бозикунии кӯдаконро сайқал диҳанд. «Меҳру муҳаббат байни аъзоёни оила, ғамхорӣ ва муносибати хуб бо ҳамдигар барои бозии кӯдакон шароити хело мусоидро фароҳам меорад. Кӯдакон дар оила таҷрибаи бойро оид ба ғамхорӣ нисбати насли калонсолон, ҳамсояҳо, дӯстон пайдо намуда, онро дар бозии «Оила» инъикос мекунанд» [14,57].

Натиҷаи суҳбат бо падару модар ва дигар аъзоёни оила нишон медиҳанд ки падару модарон – 30%, бибию бобо - 44%, апаю бародару хоҳар ва дигар шахсон бо кӯдакон бозӣ мекунанд. Аз ин бармеояд, ки кӯдакон зиёд аз бозӣ бо аъзоёни оила баҳраманд нестанд, зеро калонсолон ин фаъолиятро ё вақти бозӣ надоранд, ё онро муҳим ва зарур намешуморанд. Ақидаи онҳо чунин аст, ки тамошои филми тасвирӣ, бо ашёҳои гуногун амал кардан, гӯш кардани мусиқӣ, бо бозичаҳо мустақилона бозӣ карданро низ ҳисоб намудан мумкин аст.

Овезаҳои таълимии экологӣ, гӯшаҳои иттилоотӣ дар мавзуъҳои экологӣ воситаи муассир барои ҳамкорӣ бо волидон мебошанд. Саёҳатҳои рӯзҳои истироҳатии оилавӣ ба манзараҳои зебоманзари ватани худ бешубҳа ба тарбияи маънавию ахлоқии кӯдакону калонсолон мусоидат мекунад. Волидайнро барои иштирок дар бозиҳои дорои мундариҷаи экологӣ даъват кардан мумкин аст. Дар байни волидон

озмуни «Беҳтарин бозии экологӣ» гузаронида мешавад, ки дар он иштироки фаъолонаи волидонро ҳавасманд кардан мумкин аст.

Ин озмун барои фаъолиятҳои экологӣ бо кӯдакон маводи фаровон медиҳад. Ҷалби волидон ба озмунҳо, фароғатҳо, ҷашнҳо ва намоишгоҳҳо муҳим аст, то онҳо бетараф набошанд ва аз иштирок дар чорабиниҳои мушаххас лаззат баранд. Дар хона волидайн ва фарзандони онҳо дар ин мавзӯъ расмҳо, суратҳо, бозиҳо ва ҳунарҳоро бо истифода аз маводҳои табиӣ омода мекунанд. Ин метавонад боиси баргузории намоишгоҳҳои идона гардад, аз қабили «Наворҳои тирамоҳӣ», «Оғози баҳор», «Муъҷизаҳои зимистонаи табиат», «Муҳофизати табиат», «Гулҳоро эҳтиёт бояд кард».

Қисми таркибии кори тарбиявӣ бо кӯдакон ташкили истироҳати муштараки оилавии экологӣ мебошад. Таъсири иду дилхушиҳо дар рушди эҳсосии ҳар як кӯдак нақши муҳим мебозад. Иду дилхушӣ ва чорабиниҳои фароғатӣ дорои мазмуни таъсирбахш мебошанд. Муҳим он аст, ки дар ин гуна чорабиниҳо на танҳо хондани шеъру суруд, рақсу бозиҳо, балки ҷалби кӯдакон ба дарки рӯйдодҳои табиат ва мушкилиҳои экологӣ ба таври амалӣ нишон дода шавад.

## Хулосаи боби 2.

1. Истифодаи сарватҳои табиӣ аз ҷониби инсон ташаккули тафаккури экологиро талаб мекунад. Муносибати бошууронаи экологй аз одам талаб мекунад, ки барои мухофизати табиат мақсаднок кушиш намояд, ба муқобили вайронкунандагони қонунҳои табиат фаъолона мубориза барад.

2. Дар раванди ташаккули асосҳои фарҳанги экологӣ ва маърифати экологӣ татбиқи равишҳои фаъолиятнокӣ, ба шахсият нигаронидашуда ва экологӣ-арзишӣ оид ба ташаккули қисмҳои таркибии фарҳанги экологӣ  (маърифатӣ, аффективӣ ва фаъолиятнокӣ) аҳамияти калон доранд.

3. Таҳлили сарчашмаҳои мавҷуда зарурати ҳамгироии раванди ташаккули фарҳанги экологиро ба раванди таълим тавассути мушоҳидаҳо, фаъолияти амалӣ, бозӣ ва меҳнат тасдиқ мекунад. Чунин фаъолиятҳо ба рушди шавқу ҳаваси маърифатӣ, ҳамдардӣ ва ташаккули ҳисси масъулият барои муҳити атроф мусоидат мекунанд.

4. Омӯзиши экологии оилавӣ, инчунин тарбияи экологӣ, ки дар муассисаҳои таълимӣ бо идоракунии дуруст сурт мегирад, ҳамдигарро пурра намуда, ҳамчун як системаи ягона амал мекунанд.

5. Рафтор ва муносибатҳои муҳити зист, ки дар оила қабул шудааст, ба ташаккули муносибати арзишмандии кӯдак ба табиат бевосита таъсир мерасонанд ва аз ин рӯ, бояд муносибати дурусти тарбиявӣ таъмин карда шавад.

6. Фаъолияти муштараки оила ва муассисаҳои таълимӣ (лоиҳаҳо, ҷашнҳо, чорабиниҳо, экскурсияҳо ва ғайра) ба ташаккули самараноки асосҳои маърифати экологӣ дар кӯдакон мусоидат мекунад.

# БОБИ 3. ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТИ ЭКОЛОГИИ КӮДАКОН МАВРИДИ ШИНОСОӢ БО ТАБИАТИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Хусусиятҳои ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакон бо истифода аз технологияҳои педагогӣ

Хусусиятҳои ташаккули асосҳои маърифати экологиро дар муассисаҳои томактабӣ бояд баррасӣ намуд. Ташаккули маърифати экологӣ, чунон ки дар бандҳои қаблӣ баррасӣ шуда буд, дар муассисаҳои томактабӣ ҳангоми машғулият ва берун аз машғулият сурат мегирад. Тарбияи экологӣ худ раванди ташаккулдиҳӣ ва муайянкунии муносибати пурарзиш нисбати табиати иҳотакарда мебошад.

Мақсади ин қисмат ташаккулдиҳии маҷмӯи донишҳо оид ба табиат, тарбия намудани майлу рағбати ҳифз ва эҳё намудан, афзун гардондани арзишҳои табиат, ки барои имрӯз ва фардои инсон заруранд, мебошад.

Барои ноил гардидан ба ин мақсад “Амсилаи ташаккули маърифати экологӣ” мураттаб гардид, ки чунин шароитҳои донистагирии хусусиятҳои табиати Тоҷикистонбо таъмин месозад:

- ташаккулдиҳии мафҳуми «Табиати зинда» ва шароитҳо барои мавҷудиёти гармӣ, равшанӣ, об, хок, ҳаво.
- мадад расонидан барои фаҳмидан, дарк намудани алоқамандии олами наботот, ҳайвонот ва инсон дар табиат;
- додани донишҳои оддӣ оид ба сабабҳои вайроншавии ин алоқамандӣ;
- тарбияи муносибати бошуурона ба табиат ва боигариҳои он;
- бо ҳам алоқаманд будани инсон ва табиатро фаҳмонидан;
- унсурҳои маданияти экологӣ ва маърифати экологиро дар кӯдакон ташаккул доданд.

Амсилаи педагогии “Ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакон”, ки аз ҷузъҳои - **таъмини муҳити ашёӣ- рушддиҳанда** (ташкили

гӯшаҳои экологӣ дар гурӯҳ, дастрасии кӯдакон ба маводи табиат, имконияти донистагирии хусусиятҳои табиат); **рушди зеҳнӣ, эҳсосӣ ва арзишӣ** (инкишофи дониш, маҳорат ва малака, эҳсосот аз зебогиҳои табиат, шавқмандӣ аз дидани расм, хондани шеър) ва **рушди муоширaт ва эҷодкорӣ** (ташаккули қобилияти баён кардани таассурот ва дониш дар мавзуи экология (дар шакли хондани асарҳои бадеӣ, суҳбат, нақл, бозӣ, расмкашӣ) дар ҳамкорӣ МТТ бо волидон иборат мебошад;

Нақшаи 4

**АМСИЛАИ ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТИ ЭКОЛОГӢ**

**Ҷузъҳои маърифати экологӣ**

**Ташкили муҳити ашёӣ- рушддиҳанда**
Ташкили гӯшаҳои экологӣ дар гурӯҳ, дастрасии кӯдакон ба маводи табиат

**Рушди зеҳнӣ, эҳсосӣ ва арзишӣ**
(инкишофи дониш, маҳорат ва малака, эҳсосот аз зебогиҳои табиат, шавқмандӣ аз дидани расм, хондани шеър)

**Рушди муошират ва эҷодкорӣ**
(ташаккули қобилияти баён кардани таассурот ва дониш дар мавзуи экология дар шакли суҳбат, нақл, бозӣ, тарҳсозӣ)

**Ҳамкорӣ МТТ бо волидон:**
-гузаронидани машваратҳо ва муҳокимаҳо оид ба тарбияи экологӣ;
- ҷалби волидон ба фаъолияти муштарак, озмунҳои гуногун бо истифода аз маводи табиӣ;
-тарбияи экологӣ дар оила дар мисоли таҷрибаи шахсӣ.

Дар баробари ин тарбияи экологӣ кӯдаконро таълим медиҳад, ки аз нобуд кардани наботот, ҳайвонот ва паррандагон, ифлос кардани обу замин дар табиат худдорӣ кунанд, ки ин гуноҳ маҳсуб мешавад.

«Маданияти экологӣ», ба қавли И. Зверев, фаҳмиши ҳамаҷонибаи ҷаҳон, синтези фаъолияти гуногуни инсонро дар асоси донистани хосиятҳои беназири биосфера ва мавқеи ҳукмронии одамон дар дохили он инъикос мекунад. зиёда аз он, маданияти экологӣ ба ҷузъи пешбарандаи маданияти умумӣ, инкишофи сарватҳои моддию маънавӣ табдил меёбад. Маданияти экологӣ нишондиҳандаи муҳимми фаъолияти ҷамъиятӣ ва шуури шахсӣ мегардад» [48,18].

Истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ аз инсоният тафаккури экологиро тақозо мекунад, ки ин кӯшиши бошуурона ва ихтиёрии инсон барои ҳифзи табиат, инчунин муборизаи фаъолона ба муқобили вайронкунандагони қонунгузории экологӣ мебошад. Вазифа ва моҳияти тарбияи экологии кӯдакон дуруст дарк намудани табиат ҳамчун макони зисти инсон ва ташаккули камолоти эстетикии шахсият мебошад. Дар Барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ «Рангинкамон» вазифаҳо оид ба шинос намудани кӯдакон бо муҳити атроф, табиати зинда ва ғайризинда, фаслҳои сол ва тарбияи экологии кӯдакони синни калони томактабӣ муайян гардидаанд, ба таври мушаххас ин вазифаҳоро дида мебароем.

**Семоҳаи якум**

Мустаҳкам ва васеъ намудани тасаввуротҳои бачаҳо доир ба фасли тобистон, алоқаманд намудани онҳо ба хусусиятҳои фасли тирамоҳ. Фаҳмонда додани алоқаи байни ҳарорати ҳаво (гармию салқинӣ) ба олами наботот, ҳайвонот, фаъолияти инсон.

Ҷалб намудани диққати кӯдакон ба дигаргунии обу ҳаво дар тобистону тирамоҳ: баъди гармии тобистон фарорасии салқинӣ, кӯтоҳшавии рӯз, дарозшавии шаб, боридани шабнам, тағйирёбии сабзиши растаниҳо, ранги барги дарахтону буттаҳо, дигаргуниҳо дар олами паррандаҳо (рафтани паррандаҳо ба ҷойҳои гарм) ва ҳайвонҳои хонагию ваҳшӣ.

Додани маълумот дар бораи гиёҳу алаф, растанию буттаҳои дармонбахш (табобатӣ). Омӯзонидани қоидаҳои рафтор дар табиат: ба

решакан кардани гиёҳу алафҳо, шикастани шоху навдаҳои дарахтон, вайрон кардани лонаи паррандаҳо, ифлос кардани оби ҷуйбору наҳрҳо, эҳтиёт кардани оби нушиданӣ, ба сӯхтану поймол кардани гулгашту кабудизорҳо роҳ надодан, ғамхорӣ намудан дар ҳаққи паррандаҳои муқимӣ ва ғайра.

Ҷалб намудани диққати кӯдакон ба ҳашароту хазандаҳое, ки барои зимистонгузаронӣ тайёрӣ мебинанд ва дар бораи онҳо маълумот додан. Дар бораи якчанд гулу гиёҳ, алафу буттаҳои шифобахш зулф, пудинаи боғӣ, марминҷон роҳу усулҳои истифодаи онҳо дар ҳаёти ҳаррӯза маълумот додан.

**Семоҳаи дуюм**

Алоқаманд намудани донишу тасаввуроти кӯдакон оид ба фасли тобистону тирамоҳ бо фасли зимистон. Ҷалб намудани диққати кӯдакон ба тағйирёбии боду ҳаво: хунук шудани ҳаво, боридани борону барф, ба вуҷуд омадану об шудани ях, хусусиятҳои барф.Омӯзонидани ҳаловат бурда тавонистан аз зебоиҳои фасли зимистон, тирамоҳ ва тобистон. Шамолу борони фасли зимистон ва таъсири он ба дарахтону буттаҳо, паррандаҳою ҳайвонҳо ва тарзи ҳаётгузаронии одамон.

Ёд додани мустақилона мушоҳида намудан ва фарқ карда тавонистани дигаргуниҳои табиат, боду ҳаво, ҳаётгузаронии паррандаю ҳайвонҳои гирду атроф. Нақл намудан дар бораи мушкилот ва зарурияти ғамхорӣ дар ҳаққи онҳо.

Ҷалб намудани диққати бачаҳо ба наздикшавии фасли баҳор, шукуфтани бойчечак, сияҳгӯш, сабзаву растаниҳои гирди ҷуйбору гулгашти атроф. Ташаккулдиҳии тасаввуроти кӯдакон оид ба мафҳуми «ҳифз намудан», «эҳтиёт кардан», «афзун гардондан»- и боигариҳои табиат дар асоси мисолҳои мушаххас ва таҷрибаи амалӣ.

Тарбия намудани маҳорату малакаи эҳтиёт намудан ва ғамхорӣ кардан нисбати паррандаҳо, гулу буттаҳо (нашикастану поймол накардан). Истифода бурдан аз чистонҳо, зарбулмасалу мақолҳо,

афсонаю ҳикояҳо, шеъру таронаҳо, бозиҳои дидактикӣ, мушоҳидаҳо таҷрибаю озмоишҳои шахсӣ, мисолҳо аз ҳаёти воқеӣ.

**Семоҳаи сеюм**

Тарбияи ҳиссиёти хуб нисбат ба табиат, дастгирии мустақилияти кӯдакон оид ба ҳифзи он: бастани шохи шикаста, ба лона гузоштани чӯҷаи афтида, об рехтани ниҳоли навшинонда ва муҳофизат намудани он. Омӯзонидани гузаронидани таҷрибаҳои оддӣ: ба воситаи пурбин (лупа) тухмии пиёз, помидор бодиринг, гандум, лаблабуро аз назар гузаронида, онҳоро барои шинондан ҷудо намуда, инфиродӣ ба замин шинонад ва назорату нигоҳубини дурудароз намояд.

Мустаҳкам намудани тасаввуроти кӯдакон дар бораи дигаргуниҳои муваққатӣ (даргузар) дар табиат: сабзидани гиёҳу гулҳои худрӯй, муғҷа кардану шукуфтани шоху баргҳои дарахтон, пухта расидани меваҳо ва боз аз нав такрорёбии ин ҳодисаҳо.

Дар фасли баҳор баргаштани паррандаҳои гармидӯст, афзоиши табии ҳайвонҳои хонагию ваҳшӣ, тағйирёбии фаъолияти меҳнатии одамон. Дар мисоли як ва ё якчанд паррандаҳо тухмгузорӣ ва зиёд шудани насли онҳо ва аҳамияти онҳо дар ҳифзи растанию дарахтон аз кирму ҳашаротҳоро шарҳ додан.

Тарбия намудани муносибати хайрхоҳона, инсондӯстона ба ҳамаи мавҷудоти зинда, растанӣ, ҳайвону паррандаҳо, ҳамсолону калонсолон майлу рағбати расондани ёрию ҳамдигарфаҳмӣ нисбати хурдсолон, ҳамсолон пиронсолон, эҳтиёҷмандон.

Таъмин намудани шароитҳо барои иҷро намудани қоидаҳои рафтор ва муносибати хайрхоҳона ба ҳамаи мавҷудоти зинда. Парвариш намудани одату маҳорати ҳаловат бурда тавонистан, қаноатманд гардидан аз табиати диёри худ.

**Дар охири сол кӯдакон бояд донанд ва тавонанд:**

- ❖ табиат ин обу замин, осмону ситораҳо, офтобу моҳтоб, ҳавои гарму хунук, борону барф, абру раъду барқ, растанию паррандаҳо ҳайвону ҳашароте мебошанд, ки новобаста ба мо вуҷуд доранд;

- кӯдак, ҳамсолону калонсолоне, ки ӯро иҳота намудаанд, як ҷузъи табиат буда, онро бояд ҳифз намоянд;
- ҳифз кардани боигариҳои табиат, риоя намудан ба қоидаҳои рафтор дар табиат: нашикастан, поймол накардан, вайрон насохтан (лонаи паррандаҳо) ва оромиро халалдор накардан, зарар нарасонидан, муҳофизату эҳтиёт ва афзун гардондан;
- якчанд намуди гулу гиёҳ, растаниву буттаҳои шифобахшро донанд ва барои муҳофизату нигоҳбонӣ намудан кӯшиш намоянд.
- мушоҳида ва фарқ намудани дигаргуниҳои табиати маҳали зисти худ ва кишвар дар фаслҳои гуногуни сол;
- аз дигагуниҳои табиат, садою нағмаи паррандаҳо, зебоиҳои гулу гиёҳҳо, дарахтону киштзорҳо ҳаловат бурда, олами маънавии худро бою ғанӣ гардонанд:

Дар фаъолияти таълимию тарбиявии муассисаҳои томактабӣ шаклҳои зерини тарбияи экологӣ васеъ истифода мешавад: машғулиятҳо, суҳбатҳо, машғулиятҳои таҷрибавию ҷустуҷӯйӣ, экскурсияҳо, озмунҳо, викторинаҳо, бозиҳо, идҳо, дилхушиҳо ва ғайра. Нақши ҳар яки онҳоро муфассалтар баён мекунем.

**Машғулият** - дар раванди он мураббия ба методикаи истифодашуда, инчунин воситаҳо ва аёният диққат медиҳад. Барои баргузории ҳар як машғулият мураббия пешакӣ тайёрӣ мебинад. Ҷои асосии ташаккули тасаввуроти экологӣ дар кӯдакистон ба машғулиятҳо дода мешавад, зеро онҳо дар таълим ва тарбияи кӯдакони синни томактабӣ ҷои асосиро ишғол мекунанд. «Машғулиятҳо оид ба шиносоӣ бо муҳити зист, экскурсия, сайругашт, кор дар мавзеъ ва гӯшаи табиат дар ҳалли масъалаҳои ташаккули тасаввуроти экологӣ нақши асосиро ишғол мекунанд. Аммо бояд дар хотир дошт, ки ҳалли ин масъалаҳо бе истифодаи васеи табиат имконнопазир аст, зеро кӯдакон ҳамеша ва дар ҳама ҷо бо ин ё он шакл бо табиат алоқа мекунанд. Дар ташаккули ақидаҳои умумии экологӣ ба мураббия методу усулҳои гуногуне, ки дар ин маврид истифода мешаванд, кумак мекунанд» [112,127].

Нақшаи машғулиятро  тартиб дода, истифодаи асбобҳои аёнию фаъолияти амалиро барои кӯдакони гурӯҳ ба назар мегирад. Номгуи саволҳоро  барои муҳокимаи мавзуи баррасишуда тартиб медиҳад. Кӯдакон дар рафти машғулият дониши навро аз худ карда, бо ёрии мураббия дар амал татбиқ намудани онро меомӯзад. Такрори минбаъдаи мавзуъҳои фарогирифташуда на танҳо барои мустаҳкам намудани маълумот кӯмак мерасонад, балки дар кӯдакон маҳорату малакаро инкишоф медиҳад ва ба ташаккули маърифати экологӣ мусоидат мекунад. Дар рафти машғулият бозиҳое истифода мешаванд, ки ба кӯдак дар фаҳмидани моҳияти ҳодисаи муайяни табиат ва ошкор намудани ҷиҳатҳои мусбат ва манфии таъсири фаъолияти инсон ба табиат кумак мекунанд.

**Суҳбат** – ин намуди фаъолият дар ташаккули фарҳанги экологӣ ба мураббия кӯмак мекунад, ки баъзе ҷанбаҳои дарки кӯдакро дар бораи воқеияти атроф равшан кунад. Ҳодисаҳои табиие, ки кӯдак бевосита мушоҳида карда наметавонад (таркишҳои вулқон, сел, нашъунамои растаниҳо, ба амал омадани раъду барқ ва ғайра) аз тарафи мураббия тавассути суҳбат шарҳ дода мешаванд. Ҳар як саволи дуруст гузошташуда аз кӯдак ҷавоби кушодро талаб мекунад ва мутаносибан фаъолияти тафаккури кӯдакро инкишоф медиҳад. Ҳангоми суҳбати саволу ҷавоб кӯдак кӯшиш менамояд ҳар як ҷавобро ба назар гирад, ки бо ин восита тафаккури мантиқии ӯ ташаккул меёбад. Илова бар ин, истифодаи ин шакли ташкили тарбияи экологӣ кӯдакро маҷбур мекунад, ки ҳар як ҷавоби гирифтаашро дарк намояд.

**Фаъолияти таҷрибавӣ-ҷустуҷӯӣ** – фаъолияти амалӣ ва таҷрибавӣ аз қадим боз аз ҷониби одамон барои ба даст овардани донишҳои нав истифода мешуд. Дар муассисаҳои томактабӣ ин шакли ташкили раванди  азхудкунии донишҳои нав  чун  ҳамавақт  талаботи худро дорад. Танҳо аз худ кардани дониш дар гурӯҳ, иҷрои масъалаю супоришҳо наметавонад, ҳаҷми дониш ва ҳиссиётеро, ки кӯдак ҳангоми гирифтани натиҷаи фаъолияти ҷустуҷӯии худ эҳсос мекунад, таъмин

намояд. Кӯдаке, ки дар таҷрибаҳо машғул аст, ба чизҳои оддӣ ба таври нав нигоҳ мекунад, яъне зарурати сари вақт об додан ба растаниҳо ва дарахтонро дарк мекунад. Онҳо чӣ қадар барои нашъунамои растаниҳо (об, нур ва гармӣ) зарур буданро меомӯзанд ва бо таъсири онҳо ба нашъунамо ва фаъолияти ҳаётии растаниҳо бевосита шинос мешаванд.

Ҳар як амали таҷрибавӣ аз ҷониби мураббия пешакӣ ба нақша гирифта мешавад. Мураббия бояд тамоми раванди тачриба ва истифодаи асбобҳои зарурира ба назар гирад. Ҳамаи ин пешравию рушди равандро нишон дода, протсесси ташаккули маданияти экологиро шавқовару дилчасп мегардонад.

Мураббия аз растаниҳои Тоҷикистон истифода бурда, ба кӯдакон зарурати обёрии растаниҳоро нишон медиҳад. Ба ин мақсад шохаҳои райҳонро истифода мебарад, ки қобилияти чандирии баргҳоро баъди 15 дақиқаи обмонӣ барқарор мекунад; пиёзро барои фаҳмонда додани эҳтиёҷоти растаниҳо ба нури офтоб истифода бурдан мумкин аст (як пиёз дар болои тиреза дар зарфи об, дигаре дар зарфи об, вале дар торикӣ). Шумо метавонед бо фарзандони худ дар назди тиреза зироатҳои лубиёгиро парвариш кунед ва зебоии баргҳо ва гуногунии онҳоро нишон диҳед.

Сайругашт (экскурсия) - яке аз шаклҳои шиносоӣ бо табиат ба кӯдакон буда, инчунин воситаи муассири тарбияи экологии кӯдакони синни томактабӣ мебошад. Сайругашт фарқ мекунанд аз ҷиҳати:

- вақти баргузорӣ;
- мақсад ва мазмун;
- макони баргузорӣ.

Ҳар се намуд барои баланд бардоштани фарҳанги экологӣ муҳиманд. Тайёрии бодиққат ба саёҳат ба бачаҳо ёрӣ мерасонад, ки ба машғулиятҳои дар пешистода омода бошанд. Объектҳо ва ҳодисаҳои табии мушоҳидашаванда бо рангорангию нотакрорӣ бачаҳоро мафтун мекунанд. Вақте ки мураббия ба саёҳат пешакӣ тайёрӣ мебинад, ӯ бояд

бо маҳал шинос шавад, рафти саёҳатро ба нақша гирад, лаҳзаҳои мушаххас ё хусусиятҳои табииро, бояд қайд намояд.

Мураббия дар рафти экскурсия бо истифода аз чистонҳо, супоришҳо, шеърҳо диққати кӯдаконро на танҳо ба зебоӣ ва боигарии табиати диёри худ, балки ба оқибатҳои фаъолияти инсон, яъне партовҳои назди дарёҳо, алафҳои поймолшуда низ ҷалб менамояд. Мураббия диққати бачаҳоро ба майдончаҳои сабз ҷалб намуда, аҳамияти онҳоро мефаҳмонад, инчунин бо қоидаи асосӣ шинос мекунад: «Аз болои сабзаҳо гузаштан манъ аст!».

Донише, ки кӯдакон дар давоми фаъолиятҳои таҷрибавӣ (нашъунамои растанӣ) ба даст оварданд, барои онҳо кӯшишҳои одамонро барои нашъунамои растанӣ ва қувваи истифодашудаи худи табиатро барои нигоҳдошти растанӣ кӯмак мекунад. Чунин таҷрибаҳо дар кӯдакон дарки экологиро бедор мекунад.

Мавриди сайругаш дар Боғи ботаникӣ ба бачаҳо дар бораи кору фаъолияти коркунони боғ нақл намуданд. Пас аз тамошои гармхона кӯдакон чӣ қадар тухми ҷамъовардаи сершумори дарахтонро диданд. Ва онҳо пурсон шуданд, ки «Ин барои чӣ лозим аст?», коргарон ҷавоб доданд: «Мо аз онҳо дарахтони нав мешинонем ва дар ҷойҳое, ки онҳо намерӯянд, бурда мешинонанд».

Ба бачаҳо дар бораи чӣ тавр санҷоб чормағз ҷамъоварӣ мекунад, нақл карданд. Ва боз гуфтанд, ки агар коргарон тамоми чормағзро ҷамъоварӣ карда тавонанд ҳам, баъзеи онҳоро барои дар фасли зимистон хӯрондани бачаҳои санҷоб мемонанд; дар бораи зоғ ва акка, дӯстдорони чормағз нақл карданд, ки ин парандагон дар шинондан ва паҳн кардани дарахтон чӣ гуна кӯмак мекунанд – онҳо чормағз меоранд, пинҳон мекунанд ва баъд фаромӯш мекунанд, дар натиҷа ин донаҳо сабзида дарахт мешаванд.

Пас аз ин гуна сайру сухбатҳо бачаҳо ба ниҳолҳо бештар эҳтиёткорона муносибат мекарданд, кӯшиш менамуданд, ки тухмии

афтидаро ҷамъ наоваранд, балки чунин мегуфтанд: «биёед, онҳоро барои санҷоб гузорем».

**Мусобиқаҳо** - дар байни гурӯҳҳои калон ва омодагӣ ба мактаб гузаронида мешаванд. Барои бачаҳо озмунҳо аз қабили «Партовҳоро ҷамъ мекунем» «Боғи сабзавот шинонед», «Лонаи паранда созед» ва ғайра ташкил карда мешаванд. Чунин мусобиқаҳо ба ташаккули шавқу завқи маърифатии кӯдакон, қобилияти диққат додан ба ашёҳо, азхуд кардани маълумоти нав, дарки нақши инсон дар ҳаёти табиат мусоидат мекунанд. Натиҷаҳои мусобиқа дар «Гӯшаи табиатро ҳифз мекунем» овехта мешаванд ва кӯдакон натиҷаҳоро дида, бештар кӯшиш менамоянд. Оҳиста-оҳиста ин амалҳо ба одат, хос ба рафтори экологӣ табдил меёбад.

**Викторинаҳо** - аксар вақт дар рӯзҳои ид ва дигар чорабиниҳо истифода мешаванд. Раванди ташкил ва гузаронидани викторина махсусан барои кӯдакон ҷолиб аст, зеро руҳияи рақобат: «Кӣ аввал?», бачаҳоро барои пешакӣ тайёр дидан ба ин рӯз водор месозад. Дар кӯдакон ҳисси кунҷковӣ инкишоф меёбад, инчунин диққати онҳо мустаҳкам мегардад. Дар чунин лаҳзаҳо бачаҳо кӯшиш мекунанд, ки ҳар як ҷузъи маълумот, кирдор ё маҳорати касеро дар хотир нигоҳ доранд. Ҳамаи ин ба ташаккули рафтори экологӣ ҳамчун яке аз унсурҳои таркибии фарҳанги экологӣ мусоидат мекунад. Лаҳзаҳои мукофотдиҳӣ барои кӯдакон боз ҳам ҷолиб мебошад.

**Идҳо ва дилхушиҳо** – муассисаи томактабӣ дар давоми сол идҳо, чорабиниҳо ва ҷашнҳои гуногунро баргузор мекунад. Шумораи идҳо, чорабиниҳо ва ҷашнҳо вақтҳои охир зиёд шудаанд. Кӯдакон на танҳо бо идҳои анъанавии дар тақвим бо ранги сурх қайдшуда, балки бо идҳои табиат ба монанди: Меҳргон, Сада, Наврӯз, Тиргон шинос мешаванд. Моҳи Тир - 21 июн, 21 июл ба тобистон рост меоянд, ки дар ин моҳ ғалладона ва меваҷот пухта мерасанд. Тиргон ҷашни даъвати борон ва бориши тобистон, иди тарбузу харбуза ва каду, иди меваҳои хушк, иди гулҳост.

Санаҳое ҳастанд, ки дар Тоҷикистон бо баргузории чорабиниҳои муайян таҷлил ва аз ҷониби Ҳукумат дастгирӣ карда мешаванд. Масалан: 4 октябр «Рӯзи умумиҷаҳонии ҳифзи ҳайвонот», 5 июн «Рӯзи ҷаҳонии муҳити зист» аст, ки ҳам дар муассисаҳои томактабӣ ва ҳам дар МТМУ чорабиниҳои тарбиявӣ гузаронда мешаванд. Дар сатҳи вазоратҳо, созмонҳои ҷамъиятӣ, МТМУ, донишгоҳҳо ва муассисаҳои томактабӣ чорабиниҳо баргузор мегарданд.

Ғайр аз ин, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати захираҳои табиӣ давра ба давра рӯзу ҳафтаҳои экологӣ мегузаронанд. Мавзуъҳо доир ба об, наботот, ҳайвонот ва ҳифзи экологӣ бахшида шудаанд. Ин рӯзҳо дар муассисаҳои томактабӣ суҳбату намоишҳои ҳунарӣ ва рассомӣ, экскурсияҳо ба боғи ботаникӣ ва боғҳои ҷамъиятӣ ташкил карда мешаванд. Ҳамаи ин бо мақсади нишон додани бойигарӣ ва табиати нотакрори Тоҷикистон гузаронда мешаванд.

Дар машғулиятҳо ва бозӣ бо кӯдакони гурӯҳи хурд усулҳои таълимии мушоҳида, бозиҳои дидактикӣ, намоиш додани тарзи иҷрои амалиётҳо, такрор кунонидани амалиётҳо истифода бурда мешаванд. Дар гурӯҳҳои калони томактабӣ бошад, бисёртар усулҳои таълими шифоҳӣ, тартиб додани нақли тасвирӣ, чистон гуфтан, саволу ҷавоб, муқоиса намудан, шарҳу эзоҳ додан, хондани шеъру ҳикояҳо афзалият доранд. Усулҳои таълимии интихобшуда бояд ба иҷрои мақсад ва баланд бардоштани сатҳи фаъолияти фикррониии кӯдакон мусоидат намоянд.

Гуногуншаклии ашёҳои табиат ва дар як фаъолияти бозӣ истифода бурдани якчанд усулҳои таълимӣ аз мураббия таъмин намудани шароити мувофиқро барои кӯдакон талаб менамояд. Масалан, барои дида баромадани расмҳо, мушоҳидаи растанию ҳайвончаҳои гӯшаи табиат, хондани шеъру ҳикояҳо кӯдаконро дар курсичаҳо дар шакли нимдоира мешинонанд. Ин имкон медиҳад, ки ҳамаи кӯдакон дар рафти бозӣ додани маводҳои тақсимшаванда рӯи онҳо ба тарафи миз гардонида мешавад. Бо мақсади тарбия намудан ва мустаҳкам кардани маҳорату малакаҳои меҳнатии кӯдакон дар гурӯҳ машғулиятҳои махсус гузаронида

мешаванд. Кӯдаконро ба монанди ҳарфи П ва ё қатор шинонидан хубтар аст. ин барои дида тавонистани нишондодҳои мураббия, тарзи иҷрои амалиётҳои меҳнатӣ, иҷро кардани супоришҳои меҳнатӣ барои кӯдакон ва дар вақти зарурӣ ба онҳо ёрӣ расониданро пайдо менамояд

**Бозиҳо** – бозиҳои гуногуни дорои мундариҷаи экологӣ ба мураббия барои мустаҳкам намудани донишҳои кӯдакон, кӯмак расонидан ба онҳо дар омӯхтани қоидаҳои рафтор дар табиат, дар хотир нигоҳ доштани маълумоти асосӣ, фаҳмидани вазъи экологии имрӯза ва ташаккул додани малакаҳои зарурӣ, ки ҳамчун асос барои ташаккули фаҳмиши бунёдии фарҳанги экологӣ хизмат мекунанд. Фестивали Нептун, ки мавсими шиноварииро дар кӯдакистон оғоз мекунад, дар бораи ҳаёти баҳрӣ таълим медиҳад.

«Бозӣ яке аз фаъолиятҳои асосии кӯдакон ба ҳисоб рафта, аз ҷониби калонсолон бо мақсади тарбияю омӯзиши кӯдакон истифода мешавад. Таҳлилҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ собит намуданд, ки дар ташаккули шахсияти кӯдак нақши бозӣ ҷойгоҳи муайянро ишғол менамояд. Бозӣ дар ҳаракатҳои гуногун бо ашё, муошират бо ҳамсолон ва офаридани нақшҳо мушоҳида гардида, кӯдакро чун шахсият ташаккул медиҳад.»[128,]

Муҳаққиқи ватанӣ, профессор Маҷидова Б. қайд менамояд, ки «Дар бозӣ хусусиятҳои фардии кӯдак зоҳир гардида, он ба мавқеи вай дар доираи муносибатҳои иҷтимоӣ таъсир мерасонад. Бозиҳои кӯдаконро ба ду гурӯҳ тақсим намуданд, ки ҳар яке дар таркиби худ боз бозиҳои зеринро дар бар мегиранд:

*1.Бозиҳои эҷодӣ:*

Бозиҳои нақшофарии мазмундор (сужетӣ-нақшдор);

Бозиҳои сохтмонӣ;

Бозиҳои драматизатсия-саҳнавикардашуда;

*2. Бозиҳои қоиданок:*

Бозиҳои серҳаракат;

Бозиҳои дидактикӣ» [167,112].

Дар гурӯҳҳои калон ва омодагӣ ба мактаб ба шаклҳои асосии ташкили муассисаҳои томактабӣ, ки мураббия метавонад ба воситаи онҳо асосҳои фарҳанги экологиро дар кӯдакон ташаккул диҳад, диққати ҷиддӣ додан зарур аст. Ташаккули асосҳои фарҳанги экологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна аксар вақт ба вазифаҳои таълими иловагӣ дохил карда мешаванд.

Ҳамчун шакли ибтидоии таълим дар гурӯҳи таҷрибавӣ, мураббия ба кӯдакон дар бораи олами табиӣ ва муносибати байни одамон ва табиат фаҳмиши амиқ медиҳанд. Ин машғулиятҳо, ки кӯдаконро бо олами табиат шинос мекунанд, ҳафтае як маротиба гузаронида мешаванд.

Ташкил ва гузаронидани викторинаҳо ва озмунҳо кӯдаконро ба мустақилона аз худ кардани донишҳои иловагӣ ҳавасманд мекунад. Мавҷуд будани проектор дар гурӯҳ ба бачаҳо имкон медиҳад, ки дар мавзуъҳои «Роҳҳои ҳалли проблемаҳои экологӣ», «Зебоии табиати кӯчаю шаҳри ман», «Ин шавқовар аст» презентатсияҳо гузаронанд. Тавассути ин презентатсияҳо кӯдакон дар бораи гирду атрофи ҷаҳон маълумот пайдо карда, барои баланд бардоштани ҳифзи экологии онҳо мусоидат мекунад.

Гузаронидани экскурсияҳо ба мавзеъҳои гуногуни табиӣ (дарёҳо, корхонаю боғҳо, майдонҳои истироҳатӣ) ба бачаҳо барои хубтар донистани табиати диёри худ ёрӣ мерасонанд.

Мураббия инчунин вазифадор аст, ки бо макони пешбинишудаи экскурсия пешакӣ шинос шавад. Ӯ пешакӣ саволҳои тайёркардаи худро ба кӯдакон супорида, онҳоро ба фикрронӣ, таҳлил кардани вазъияти мушоҳидашаванда ва мустақилона хулоса баровардан водор мекунад.

Кӯдакони гурӯҳи якум дар мавсими сабзавот ба сайру гашт бори аввал баромаданд. Бисёрии онҳо бори аввал нашъунамои тарбузро дида, аз палак помидору бодиринг чашиданд. Бачаҳо дар бораи меҳнате, ки барои серҳосил нигоҳ доштани замин зарур аст, шинос шуданд ва фаҳмиданд, ки агар онро нигоҳубин накунӣ, ҳосил намегирӣ.

Экскурсияҳо барои зиёда гардидани дониши бачаҳо дар бораи хоҷагии қишлоқ ёрӣ мерасонанд.

Дар МТТ ҳамчун таълими иловагӣ, маҳфилҳо оид ба фаъолияти экологӣ аз тарафи мураббия гузаронида мешаванд. Дар рафти ин гуна машғулиятҳо кӯдакон бевосита дар бораи табиати Тоҷикистон донишҳои мушаххас гирифта, дар муносибат бо ашёҳои табиӣ ва бо онҳо эҳтиёткорона муносибат кардан маҳорату малака пайдо мекунанд.

Дар хонаи кӯдакону наврасони пойтахт ва дигар ноҳияҳои ҷумҳурӣ маҳфилҳои «Табиатшиноси ҷавон» амал мекунанд. Мураббия барои бо табиат бештар шиносоӣ намудани кӯдакон, омӯхтани қоидаҳои рафтор дар табиат, чӣ тавр дар ҳалли проблемаҳои экологӣ ёрӣ расонданро меомӯзанд.

Қобили зикр аст, ки дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ низ бахшида ба санаҳои зикршуда чорабиниҳо баргузор мешаванд. Ин чорабиниҳо маъракаҳои экологӣ, рӯзҳои хизматрасонии ҷамъиятӣ ва намоиши расмҳо ва ҳунарҳои аз маводи табиӣ сохташударо дар бар мегиранд.

Дар МТМУ омӯзгорон дарсҳои кушод мегузаронанд. Ба онҳо намояндагони шуъбаи ҳифзи табиат ва мутахассисони экологӣ даъват карда мешаванд, ки ба омӯзгорон дар ташаккули асосҳои фарҳанги экологӣ кӯмак мерасонанд.

**Намоишномаҳои мавзуӣ** низ барои баланд бардоштани маърифати экологӣ нақши муҳим мебозанд. Омӯзгор мавзуъ ва матнро ба хонандагон пешакӣ шинос карда, барои тайёр кардани намоишнома маълумоти иловагӣ медиҳад.

**Бозиҳое,** ки омӯзгорон на танҳо дар дарс, балки дар машғулиятҳои беруназдарсӣ истифода мебаранд, хеле гуногун буда, ба хонандагон маълумоти нав медиҳанд.

Ҳал кардану мустақилона тартиб додани муаммоҳо, кроссвордҳо ҷаҳонбинии кӯдакро васеъ мегардонад. Истифодаи дурусти муаммою саволҳои мантиқӣ кӯдакро ба ҷустуҷӯи дониш водор месозад ва ба ин

восита маърифати экологиро, ки ҷузъи таркибии фарҳанги экологӣ мебошад, ташаккул медиҳад.

Чунон ки аз таҳлили фаъолияти муассисаҳои таълимӣ дида мешавад, мураббия ба ташаккули шуури кӯдакон таъсири муайяни мусбат мерасонад. Маълумоти иловагӣ оид ба табиати Тоҷикистон, ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли проблемаҳои экологӣ, таҳлили мазмуни онҳо ба инкишофи маърифати экологӣ мусоидат мекунад.

Мураббия оид ба ташаккули тасаввуроти экологӣ дар кӯдакон кор бурда, ба қобилияти дар амал татбиқ намудани донишҳои худ аҳамият медиҳад, корҳои пайваста оид ба огоҳӣ ва ташаккули тасаввурот ба фаҳмиши пурраи мундариҷа ноил мегардад, зеро танҳо чунин дониш ба эътиқоде мегузарад, ки барои ташаккули намояндагии махсуси экологӣ муҳим аст. Ҷамъоварии чунин тасаввурот шарти зарурии ташаккули фарҳанги экологӣ мебошад. Тавре ки гуфтем, мувофиқати намоиш бо шарҳ натиҷаи босамар медиҳад. Намоишро бошад ҳангоми тамошои филм, барномаи телевизионӣ ва тасвирҳо гузаронидан мумкин аст.

Дар ин маврид сайёҳат ба мо кӯмак карда метавонад. Тасаввуроти ташаккулёфтаи кӯдаконро дар машғулиятҳои расмкашӣ ва хониш муттаҳид ва амиқ кардан мумкин аст. Асарҳои бадеӣ ба кӯдакон таъсири тарбиявӣ, маърифатӣ, эстетикӣ доранд, ба шахсият таъсир мерасонанд. Онҳо кӯдакро аз солҳои аввали ҳаёташ ҳамроҳӣ карда, ҷанбаҳои мусбат ва манфии муносибати инсонро бо табиат нишон медиҳанд.

Танҳо тавассути оила мо метавонем шахсиятҳои аз ҷиҳати экологӣ бошуур, босавод ва дорои ахлоқи хамидаро ба воя расонем. Оила манбаи азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.

Шиносоӣ бо тағйиротҳои мавсимӣ дар табиат аз тирамоҳ оғоз меёбад. Ташкил ва мазмуни корҳо аз рӯи мавзӯи: «Табиат дар тирамоҳ ва машғулияти одамон» дар бисёр мавридҳо ҳангоми омӯзиши мавзӯъҳои ҳаммонанд такрор меёбанд. Аз як мавзӯъ ба мавзӯи дигар талабот ба корҳои мустақилонаи кӯдакон оид ба гузаронидан ва қайд намудани мушоҳидаҳои худ, ҷамъбаст намудани далелҳои

мушоҳидашуда ва тартиб додани бақайдгирии обу ҳавои ҷорӣ ва рӯзҳои гузашта, инчунин муқоисаи онҳо бо якдигар ва ҳафтаву моҳҳо мураккаб шудан мегиранд. Муҳокимаи мушоҳидаи ҳаррӯзаи обу ҳаво набояд аз се рӯз дар як ҳафта зиёд бошад.

Омӯзиши мавзӯъҳои табиат оид ба тирамоҳ аз рӯи нақшаи муайян ба роҳ монда мешаванд:

1. Кор бо тақвими табиат дар ҷараёни машғулиятҳо.

3. Мушоҳидаи ҳаррӯзаи табиат бо мақсади ба даст овардани донишҳои аниқ дар бораи тирамоҳ.

Супориш ба шакли саволи умумӣ дода мешавад:«Обу ҳаво имрӯз чӣ хел аст?» Баъд савол аниқтар карда мешавад. Чунончи», Нигоҳ кунед, имрӯз осмон чӣ гуна аст?», Абрҳо кам ё зиёданд? Офтоб чӣ тавр медурахшад? (ё худ барои чӣ офтоб намудор нест?), Одамон чӣ тавр либос пӯшиданд? Ҳаво чӣ гуна аст- хунук ё гарм? Шамол чӣ гуна – сахт ё суст мевазад? Сахт ё суст вазидани шамолро чӣ тавр фаҳмидед?».

2. Кор бо «Рӯзномаи табиат» ва тақвими табиат ташкил карда мешавад.

Дар тақвимҳои худ кӯдакон дар катакчаҳо, ки дар он санаи рӯз қайд ёфтааст, аломати дахлдори обу ҳаворо мегузоранд. Дар як вақт тақвими гурӯҳӣ низ намоиш дода шуда, пур карда мешавад.

Дар давоми сол кӯдакон бояд ба аломатҳои зерини ишораи обу ҳаво шинос шуда, онҳоро истифода бурда тавонанд.

**Аломатҳои шартии обу ҳаво**

 — ҳавои кушод (офтобӣ)

— осмони  соф

 — ҳавои абрнок

 — осмони саросар абрнок

 — борон

 — барф

X X— барфи лак – лаки

→ — **боди сабук**

 **— боди бошиддат**

 **— тундбод**

 **—туман**

 **—шабнам**

 **—яхбандӣ**

Тақвимро истифода бурда, кӯдакон бояд обу ҳавои рӯзи дилхоҳро ишора карда тавонанд. Тақвими гурӯҳӣ аз ду қисм иборат буданаш мумкин аст. Аз тарафи чап тақвими обу ҳаво ҷойгир карда мешавад, ки он аз тарафи навбатдори гурӯҳ пур карда мешавад. Дар тарафи рост бошад,зери сарлавҳаи « Чӣ руй дод?» натиҷаи корҳои кӯдакон: расмҳо, навиштаҷоти ягон ҳодисаи муҳими табиат, аппликатсияҳо бо тасвири ҳодисаҳои табиӣ, аз қабили дарахти зардолу дар тирамоҳ, барфи аввалин, тудаи паррандагон дар осмон ва ғайра ҷой дода мешаванд. Аз рӯи ин корҳои кӯдакон маълум кардан мумкин аст, ки нишонаҳои хоси фасли тирамоҳ ё худ омад- омади фасли зимистон кадомҳо ба шумор мераванд.

Ба мақсад мувофиқ аст, ки мушоҳидаи ҳаррӯза дар як вақти муайян гузаронида шавад. Супориш барои мушоҳида баъди машғулияти сеюм

дода шуда, дар оғоз машғулияти чорум  дар давоми панҷ дақиқа мушоҳидаи дидашударо муҳокима менамоянд ва дар тақвими табиат онро сабт менамоянд.

Дар моҳи сентябр дар гурӯҳи якум натиҷаи мушоҳидаҳо дар охири ҳафта ҷамъбаст карда мешаванд. Кор аз ҳисобкунии микдори рӯзҳои соф ва абрнок, рӯзҳои барфу боронгарӣ ва бе боришот оғоз меёбад. Далелҳои миқдорӣ ба рӯзномаи «Мушоҳидаи табиат» гузаронида мешаванд.

Аз моҳи октябр сар карда ҷамъбасти мушоҳидаҳо моҳ ба моҳ гузаронида мешаванд. Натиҷаи мушоҳидаҳо ба тариқи ҷадвали зайл пур карда мешаванд.

**Ҷадвали 3.**

**Аломатҳои шартӣ ва қайди рӯзнома**

| Ҳавои соф | Ҳавои абрнок | Ҳавои тира | Борон | Барф | Дигар ҳодисаҳо | Сару либоси одамон |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | |

Чунин ҷадвал дар зери тақвими обу ҳавои ҳармоҳа гузошта мешавад.

**Омӯзиши рустаниҳо.**

Кӯдакон  дар гурӯҳи якум ба дарахту буттаҳои паҳншудатарин ва барои мушоҳида бевосита дастрас шинос карда мешаванд.Шиносоӣ бо сохти берунии рустании мукаммал имконият медиҳад, ки кӯдакон ҳангоми омӯзиши мавзӯъҳои: «Сабзавот ва меваҳо», «Меваҳо, чормағз ва занбурӯғҳои ҷангалӣ»  ба қисмҳои асосиии рустанӣ шинос гарданд. Баъдан кӯдакон бо сохти берунӣ ва намудҳои гуногуни дарахту буттаҳои маҳаллӣ шинос мегарданд.

Дар зерфасли дигар аз рӯи  мавзӯъҳо баргузории машғулиятҳоро дида мебароем.

## 3.2. Барномаи озмоишии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни 6-7 сола бо истифода аз технологияҳои педагогӣ

Омӯзиши экологӣ раванди азхудкунии системаи дониш, малака, маҳорат ва таҷриба дар фаъолияти амалии маърифатӣ ва эҷодиро дар бар гирифта, инчунин раванди ташаккули арзишҳо, ғояҳо ва эътиқодҳоро инъикос мекунад. Аз ин лиҳоз, муҳимтарин ҳадафи таълими экологӣ ташаккули фарҳанги экологии шахс ва ҷомеа мебошад [1].

Тарбияи экологӣ ҳалли якчанд масъалаҳоро тақозо мекунад. Пеш аз ҳама аз синни хурдӣ кӯдаконро тавре тарбия бояд намуд, ки алоқамандии инсон, ҷомеа ва табиатро дарк намуда, барои нигоҳдории тозагии муҳити зист масъулиятро ҳис намояд.

Барномаи таълимию тарбиявии томактабӣ - ҳуҷҷати таълимию барномавӣ, ки мақсад ва вазифаҳои самтҳои таълимиро муқаррар карда, мазмун, вақти барои омӯзиши мавзӯҳои алоҳида ҷудогардида, намудҳои фаъолият, тарзу усули таълиму тарбияи кӯдаконро муайян менамояд.

Бояд эътироф кард, ки дар барномаҳо баъзе хусусиятҳои экологӣ инъикос ёфтаанд: омилҳои барои ҳаёти наботот ва ҳайвонот зарур (рӯшноӣ, гармӣ, намӣ, хок); мутобиқшавии ҳайвонот ба шароити муайяни зиндагӣ (ҳаракат, ҳифз аз душманон); муқаррар намудани алоқаҳои сабаб – оқибат байни ҳарорати ҳаво, ҳолати об, хок, наботот ва тарзи ҳаёти ҳайвонот. “Ба андешаи муаллифони Барномаи таълиму тарбия дар кӯдакистон то охири сол кӯдакони 5-6 сола бояд дар бораи:

- тағйироти мавсимии табиат;
- дар куҷо ва чӣ гуна сабзавоту меваҳо парвариш карда мешаванд;
- шароити зарурӣ барои нашъунамои растанӣ;
- дар бораи буттамева ва хуч (хӯрок ва ғизо);
- дар бораи ҳайвоноти хонагӣ;
- дар бораи зимистонгузаронии парандагон;
- дар бораи аз моеъ ба ҳолати сахт ва аз ҳолати сахт ба моеъ гузаштани об;

- дарахт, буттаҳоро аз рӯи пуст, барг, мева, 2-3 намуди растаниҳои алафӣ фарқ ва номгузорӣ кардан;

- 4-5 намуди парандаҳои зимистонгузаронро аз рӯи намуд фарқ карда, ном гузоред;

- нигоҳубини ниҳолҳо дар гӯшаи табиатро дониста бошанд» [32,63].

Баррасӣ ва таҳлили адабиёти илмию методии вобаста ба мавзӯи таҳқиқотӣ ба мо имкон дод, ки доираи масъалаҳои ҳалталабро муайян намуда, вазифаҳоро муайян намоем.

Таҳқиқот дар муассисаҳои таълимии томактабии №67, №45-и шаҳри Душанбе, №8-и шаҳри Ваҳдат  аз сентябри соли 2021 то июни соли 2024 гузаронида шуд.

Миқдори интихоб  дар марҳилаи озмоиши асосӣ (солҳои 2023-2024) 50 нафар кӯдакони синни калони томактабӣ  (аз 5 то 7 сола), 6  нафар мураббия ва 30  нафар волидон ташкил дод.

Таҳқиқот дар се марҳила гузаронида шуд:

- Озмоиши  муқарраркунанда;
- Озмоиши ташаккулдиҳанда;
- Озмоиши асосӣ.

Дараҷаи дониши экологии кӯдакони синни томактабӣ бо усули Л.Таджибаева, З.Қурбонова  ва З.Турғунова барои кӯдакони гурӯҳи омодагӣ мувофиқи талаботи «Барномаи таълим, тарбия ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ «Рангинкамон»  омӯхта шуд [54].

**Озмоиши  муқарраркунанда.** Мақсади озмоиш муайян кардани сатҳи дониши экологии кӯдакони синни томактабӣ буд. Меъёрҳои ташаккули донишҳои экологӣ инҳо буданд:

1) дониш дар бораи олами ҳайвонот;
2) донистани олами наботот;
3) донистани табиати ғайризинда;
4) донистани фаслҳои сол;
5) дониши экологии кӯдакон.

Вазифаҳои назоратӣ барои муайян кардани сатҳи инкишофи донишҳои экологии кӯдакони синни томактабӣ.

**Супориши 1. Муайян кардани хусусиятҳои хоси ҳайвонот (бо ҳар як кӯдак алоҳида гузаронида мешавад).**

**Мақсад:** муайян кардани сатҳи дониши кӯдакон дар бораи хусусиятҳои хоси ҳайвонот.

Мураббия аз кӯдак хоҳиш мекунад, ки се тасвири ҳайвонот ва се тасвири парандаро мушоҳида намуда, ба саволҳои зерин ҷавоб диҳад.

- Номи ҳайвонҳоро ( парандаҳоро) номбар карда метавонӣ?

- Кадом ҳайвони (парандаи) хонагӣ ва кадом ҳайвони (парандаи даштӣ) ваҳшӣ мебошад?

- Муносибати шумо ба онҳо чӣ гуна аст?

- Дар бораи онҳо ба мо чӣ гуфта метавонед?

**Расми 1**

**ҲАЙВОНОТ**



**саг**



**асп**



**паланг**

**Расми 2**

**ПАРАНДАҲО**



**гунҷишк**



**уқоб**



**мурғобӣ**

Натиҷаи ҷавобҳои кӯдак бо гузоштани холл ба сатҳи баланд, сатҳи миёна ва сатҳи паст арзёбӣ мегардад.

**Арзёбии фаъолият:**

**Сатҳи баланд (12-15 хол).** Хусусиятҳои хосро эътироф мекунад. Ҳайвонот ва парандаҳоро аз рӯи намудҳо гурӯҳбандӣ мекунад. Баъзан ба хатогиҳои хурд роҳ медиҳад. Ба саволҳо пайваста бидуни мушкилот ҷавоб медиҳад. Таваҷҷуҳ зоҳир мекунад ва эҳсосоти худро дар бораи ҳайвонот ва паррандагон ифода мекунад.

**Сатҳи миёна (7-11 хол).** Кӯдак баъзан ҳангоми гурӯҳбандии ҳайвонот аз рӯи намудҳо ба хатогиҳои хурд роҳ медиҳад. На ҳама вақт сабабҳои интихоби онҳоро пешниҳод мекунад. Дар умум ҳайвонот ва парандагонро бо муҳити онҳо алоқаманд мекунад. Хусусиятҳои хосро медонад, вале баъзан дар ҷавобҳояшон ба хатогӣ роҳ медиҳад. Ба саволҳо пайваста ҷавоб медиҳад, аммо баъзан ҷавобҳо хеле кӯтоҳанд. Нисбат ба ҳайвонот шавқу ҳавас зоҳир намуда, муносибати эмотсионалӣ баён мекунад.

**Сатҳи паст (2- 6 хол).** Кӯдак ҳангоми гурӯҳбандии ҳайвонот аз рӯи намудҳо аксар вақт хато мекунад. На ҳамеша интихоби онҳоро асоснок мекунад. Ба ӯ ҷавоб додан ба саволҳои додашуда душвор аст ва агар ҷавоб диҳад, одатан нодуруст аст. Таваҷҷуҳ зоҳир намекунад ва муносибати худро баён намекунад.

Диаграммаи 1




**Супориши 2: Муайян кардани хусусиятҳои хоси олами наботот (бо ҳар як кӯдак алоҳида гузаронида мешавад).**

**Маводи айёнӣ:** Расми гулҳои хонагӣ ва даштӣ: қоқу, садбарг, сияҳгӯш ва гиёҳҳо шифобахш: чойкаҳак, барги зулф ва хуч (шиповник).

Мураббӣ се гули хонагӣ нишон медиҳад ва аз кӯдак хоҳиш мекунад, ки онҳоро нишон диҳад.

- Барои зиндагӣ, нашъунамо ва инкишофи гулҳо чӣ гуна шароит зарур аст?

- Нигоҳубини гулҳо чӣ тавр дуруст аст?

- Чи тавр дуруст иҷро кардани нигоҳубини онҳоро нишон диҳед (як гулро ҳамчун мисол истифода баред).

- Барои чӣ ба одамон гиёҳҳои шифобахш лозиманд?

- Шумо гулҳоро дӯст медоред ва чаро?

Расми 3

**Г У Л Ҳ О**



**Қоқу**



**Садбарг**



**Сияҳгӯш**

Расми 4

**ГИЁҲҲОИ ШИФОБАХ**



**Чойкаҳак**



**Барги зулф**



**Хуч (шиповник)**

**Арзёбии фаъолият.**

**Сатҳи баланд (12-15 хол).** Кӯдак мустақилона намудҳои гуногуни гулҳоро номбар мекунад: хонагӣ, даштӣ, шифобахш. Ба осонӣ гурӯҳҳои растаниҳои пешниҳодшударо муайян мекунад. Бе кӯмаки калонсолон, шароити зарурироро барои ҳаёт, афзоиш ва рушди растаниҳо муайян мекунад. Чӣ тавр дуруст нигоҳубини онҳоро мефаҳмонад.

**Сатҳи миёна (7-11 хол).** Кӯдак баъзан ҳангоми номбар кардани навъҳои гул ба хатогиҳои хурд роҳ медиҳад. Дар умум гурӯҳҳои растаниҳои пешниҳодшударо дуруст муайян мекунад, аммо баъзан барои асоснок кардани интихоби онҳо мушкилӣ дорад. Чӣ тавр дуруст нигоҳубини онҳоро мефаҳмонад.

**Сатҳи паст (2-6 хол).** Кӯдак мустақилона намудҳои гуногуни гулҳоро номбар ва гурӯҳбандӣ карда наметавонад. Ба хатогиҳои зиёд роҳ медиҳад. Бо кӯмаки мураббия барои ба саволҳо ҷавоб додан мушкилӣ мекашад. Бе кӯмаки калонсолон шароити зарурӣ барои ҳаёт, афзоиш ва рушди гулҳоро гуфта наметавонад.

Диаграммаи 2




**Супориши 3. Донистани фаслҳои сол (алоҳида ё дар гурӯҳҳои хурд гузаронида мешавад).**

**Мақсад:** Муайян кардани маълумот ва сатҳи дониши кӯдакон дар бораи фаслҳои сол.

**Маводи аёнӣ:** Тасвири расми чор фасли соли табиати Тоҷикистон.

Мураббия ба кӯдак тасвири расми чор фасли соли табиати Тоҷикистонро нишон медиҳад. Сипас аз кӯдак хоҳиш мекунад, ки ба саволи "Ин дар кадом фасли сол рӯй медиҳад? Дар бораи ин фасли сол чӣ гуфта метавонед? Кадом фасли сол бештар ба шумо маъқул аст?"

**Расми 5.** Дар ин фасл гулҳо шукуфтаанд, алаф сабзидааст, парандаҳо парида меоянд. Нақлро идома медиҳед.



**Расми 6.** Дар ин фасл офтоб нурпошӣ мекунад, кӯдакон дар дарё шино мекунанд. Нақлро идома медиҳед.



**Расми 7.** Дар ин фасл зиёд борон меборад. Баргҳо аз дарахтон мерезанд, паррандаҳо ба ҷойҳои гарм парвоз мекунанд. Нақлро идома медиҳед.



**Расми 8.** Дар ин фасл ҳаво хунук шуда, барф меборад. ,Кӯдакон чанасаворӣ мекунанд. Нақлро идома медиҳед.



**Арзёбии фаъолият.**

**Сатҳи баланд (12-15 хол).** - Кӯдак фаслҳоро дуруст номгузорӣ мекунад. Онҳоро бо тартиби дуруст номбар мекунад. Хусусиятҳои ҳар як фаслро медонад.Ҳангоми ҷавоб додан ба саволи «Кадом фаслро бештар дӯст медоред ва чаро?» эҷодкорӣ ва тасаввуротро нишон медиҳад. Хусусиятҳои мавсимии вақти муайяни солро аз хотира такрор мекунад. Баҳои эстетикии табиатро ифода мекунад.

**Миёна (7-11 хол).** Кӯдак фаслҳоро дуруст номгузорӣ мекунад. Баъзан барои онҳоро бо тартиби дуруст номгузорӣ кардан душворӣ мекашад. Дар умум, хусусиятҳои ҳар як мавсимро медонад, вале баъзан ба хатогиҳо роҳ медиҳад. Ба саволи «Кадом мавсим ба шумо бештар

маъқул аст ва чаро?» ҷавоб медиҳад. Хусусиятҳои асосии мавсими мушаххасро аз рӯйи расм гуфта медиҳад. Ба табиат муносибати эстетикиро ифода мекунад.

**Сатҳи паст (2-6 хол).** Кӯдак на ҳама вақт фаслҳоро дуруст ном мебарад. Барои бо тартиби дуруст номгузорӣ кардан душворӣ мекашад. - Хусусиятҳои хоси фаслҳои солро намедонад. Вақте пурсиданд, ки «Кадом фасл ба шумо бештар маъқул аст ва чаро?», фақат фаслро номбар мекунад. Дар расм хусусиятҳои характерноки фасли муайянро инъикос карда наметавонад. - Ба табиат муносибати эстетикиро ифода карда наметавонад.

Диаграммаи 3




**Супориши 4.** Муносибати экологӣ ба олами табиат (бо ҳар як кӯдак алоҳида гузаронида мешавад).

**Мақсад:** Муайян кардани сатҳи муносибати экологӣ ба олами табиат.

**Супориш:** Мураббия аз кӯдак хоҳиш мекунад, ки ба саволҳои зерин ҷавоб диҳад:

- Шумо ба калонсолон дар нигоҳубини ҳайвоноти хонагӣ (агар дошта бошанд) чӣ гуна кӯмак мекунед? Агар кӯдак ягон ҳайвоноти хонагӣ надошта бошад, пурсед: "Агар шумо дар хона гурба ё саг медоштед, шумо ба онҳо чӣ гуна нигоҳубин мекардед?"

- Шумо ба мураббия дар нигоҳубини бошандагони гӯшаи табиат (сангпушт, харгӯш, булбул) чӣ тавр ёрӣ мерасонед?

- Шумо ва калонсолон чӣ кор карда метавонед, то дар кӯдакистон гул ва дарахтон ҳамеша нашъунамо ёбанд?

- Ба паррандагон дар зимистонгузаронӣ чӣ тавр ёрӣ расонда метавонед?

**Арзёбии фаъолият.**

**Сатҳи баланд (12-15 хол).** Кӯдак ба саволҳо бо ибораҳои пурра ҷавоб медиҳад. Чӣ тавр нигоҳубини ҳайвоноти хонагӣ ва бошандагони гӯшаи табиататро медонад. Муносибати байни фаъолияти инсон ва ҳаёти ҳайвонот, паррандагон ва набототро мефаҳмад. Муносибати худро ба вазъиятҳои гуногун ба осонӣ баён мекунад.

**Сатҳи миёна (7-11 хол).** Кӯдак ба саволҳои додашуда ҷавоб медиҳад. Умуман медонад, ки чӣ гуна ба ҳайвоноти хонагӣ ва гӯшаи табиат нигоҳубин кардан лозим аст. Баъзан муносибати байни фаъолияти инсон ва ҳаёти ҳайвонот, паррандаҳо ва набототро дарк карда наметавонад. Муносибати худро нисбат ба мушкилот баён карда метавонанд.

**Сатҳи паст (2-6 хол).** Кӯдак дар ҷавоб додан ба саволҳои додашуда душворӣ мекашад. Ҳеҷ тасаввуроте надорад, ки чӣ гуна ба ҳайвоноти хонагӣ ва сокинони гӯшаи табиат ғамхорӣ кунад. Муносибати байни фаъолияти инсон ва ҳаёти ҳайвонот, паррандагон ва набототро намефаҳмад. Дар муносибати худро ба мушкилот баён кардан душворӣ мекашад.

Диаграммаи 4



Натиҷаҳои таҳлили муқоисавӣ нишон доданд, ки ҳам дар гурӯҳи таҷрибавӣ ва ҳам дар гурӯҳи назоратӣ инкишофи донишҳо дар бораи муҳити атроф, табиат ва тасаввуроти аввалин дар бораи маърифати экологӣ дар як сатҳи қаноаткунанда қарор надорад.

**Ҷадвали 4. Тақсимоти ҷавоби кӯдакон баъд аз ҷамъбасти натиҷаи озмоиши муайянкунанда аз рӯи сатҳ, шумора ва фоиз**

| Сатҳ | Гурӯҳи назоратӣ | | Гурӯҳи таҷрибавӣ | |
|---|---|---|---|---|
| | Шумора | Фоиз | Шумора | Фоиз |
| Баланд | 2 | 8% | 2 | 8 % |
| Миёна | 13кӯдак | 52% | 12 кӯдак | 48% |
| Паст | 10 кӯдак | 40% | 11 кӯдак | 44% |
| Ҷамъ: | 25 кӯдак ( | (100%) | 25 кӯдак | (100%) |

Диаграммаи ҷамъбастӣ нишон медиҳад, ки ҳам дар гурӯҳи назоратӣ ва ҳам дар гурӯҳи таҷрибавӣ 50 кӯдак, дар гурӯҳҳо 4 (8%) нафар нисбатан наздиктар ба сатҳи баланд буданд; 25 нафар дар дараҷаи миёна ва 21 нафар бо сатҳи паст буданд. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки махсусан сатҳи дониши экологӣ ба қадри кофӣ баланд нест.

**Корҳои озмоишӣ дар марҳилаи дуюм - озмоиши ташаккулдиҳанда идома ёфтанд.** Мақсади марҳилаи дуюми озмоиши педагогӣ - озмоиши ташаккулдиҳанда мебошад, ки дар рафти он роҳу усулҳои самараноки фаъолияти маърифатӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи дониши экологии кӯдакони гурӯҳи таҷрибавӣ интихоб ва мавриди санҷиш қарор ёфтанд. Дар самтҳои зерин корҳо ба роҳ монда шуд:

1) шинос намудан ва додани маълумот дар бораи олами ҳайвонот;

2) маълумот оид ба азхудкунии дониш дар бораи олами наботот;

3) маълумот оид ба азхудкунии дониш дар бораи табиати ғайризинда;

4) маълумот оид ба азхудкунии дониш дар бораи донистани фаслҳои сол.

**Дар озмоиши ташаккулдиҳанда маводи таълимӣ мавзуъҳои зеринро дар бар мегиранд:**

**Машғулияти 1.** Муайян кардани маълумоти кӯдакон оид ба ҳайвонот. Аниқ кардан ва ба системадарории маълумот бо роҳи ҷамъбасткунии ибтидоӣ. Муносибати одам ба ҳайвонот.

**Машғулияти 2.** Шинос намудан бо растаниҳои хонагӣ.

**Машғулияти 3.** Харгӯш ва санҷоб - ҳайвоноти ваҳшӣ. Тағйироти мавсимӣ ба намуди берунӣ ва рафтор (тарзи хӯрокхӯрӣ)-и ин ҳайвонот.

**Машғулияти 4.** Рӯбоҳ ва хирс. Тарзи ҳаёт ва рафтори онҳо дар мавсимҳои гуногуни сол.

**Машғулиятҳои 5-6.** Паррандагон. Намуди берунии паррандагони дар гирду атроф мавҷудбуда. Экскурсия дар мавзуи «Парандагон дар табиат. Рафтор, хӯрокхӯрӣ.»

**Машғулияти 7.** Паррандагон ва ҳайвоноти ваҳшӣ дар фасли тобистону зимистон.

**Машғулияти 8.** Гуногунии ҳашарот. Намуди берунии ҳашарот.

**Машғулияти 9.** Гуногунии ҳашарот ва муҳити зисти онҳо. Муқоисаи шапарак бо қунғӯз аз рӯ намуди берунаашон.

**Машғулияти 10.** Экскурсия ба табиат бо мақсади мушоҳидаи рафтори ҳашарот ва паррандагон.

**Машғулияти 11.** Ҷамъбасти мушоҳидаҳо. Баҳор дар ҳаёти паррандагон ва ҳашарот. Муҳофизати табиат.

Дар ҳамаи ин машғулиятҳо ба ҷиҳатҳои тарбияи экологӣ, дӯст доштани табиат ва муносибати оқилона ба сарватҳои табиӣ аҳамияти зарурӣ дода мешавад.

**Барои намуна нақшаи якчанд машғулият пешниҳод мегардад.**

**1.Мавзуъ:** «Дар хонаи оддӣ чӣ мерӯяд?»:

**Мақсад:** Шинос намудан бо растаниҳои хонагӣ (4-5 намуд);

Қисмҳои растанӣ; ғизогирӣ.

**Мушоҳида:** «Инкишофи растанӣ дар шароити хона».

**Суҳбат:** «Хок - замини зинда»:

- растанӣ бо чӣ нафас мегирад?;

- баргҳо куҷо мешаванд?

**Сайру гашт.**

2. **Мавзуъ:** Зимистонгузаронии парандагон.

**Мақсад:** Маълумот дар бораи хӯроки парандагон дар вақти хунукӣ.

**Суҳбат:** «Парандагони муқимӣ».

**Саёҳат: Сайругашт бо мушоҳидаи паррандагони муқимӣ дар боғ ё ҳавлии кӯдакистон.**

**Меҳнат дар гӯшаи табиати зинда.:** Нигоҳдории тозагӣ дар гӯша.

**Ташкили бозии** «Бум».

Ҳамзамон, мо дараҷаҳои эҳтимолии мураккабии вазифаҳоро муайян кардем:

**Дараҷаи 1-уми мураккабӣ** - аз кӯдакон талаб мекард, ки донишҳоеро, ки дар машғулиятҳои шиносоӣ бо муҳити зист гирифтаанд, татбиқ кунанд. Хамин тавр, ҳангоми иҷрои супоришҳо супоришҳои конкретӣ дода нашудаанд. Мураббия танҳо бо саволҳои муайян кӯдаконро ба андеша водор мекард.

**Дараҷаи 2-юми мураккабӣ** - дар назди кӯдакон зарурати муносибати оқилонаро ба ҳалли вазъият мегузорад. Дар баробари ин, чизи асосӣ ин буд, ки амалҳоро бояд на бо супориши калонсолон, балки бо ба назар гирифтани дониши андӯхташудаи худ иҷро намоянд.

Барои кӯдакон осонтарин супоришҳое мебошанд, ки истифодаи фаъолияти мушкили фикриро талаб намекунанд. Дар раванди кор ҳар як кӯдак на маҷбурӣ, балки аз рӯи шавқу ҳаваси худ амал мекунад. Дар ин кор ӯ метавонад ба намунаи калонсолон такя намояд ва дар баробари ин ба кӯдак масъалае пешниҳод мешавад, ки барои ҳалли он иштироки кӯдак комилан зарур аст.

Чунин ташкил намудан имкон медиҳад, ки ба фаъолияти объекте, ки ба он кумак расонида шудааст, баҳо диҳад. Масалан: «Чӣ тавр

растаниҳои мо, ки ба онҳо ёрӣ расонидем, нашъунамо ёфтанд: заминро об додем ва баргҳояшон боз чандир ва мустаҳкам шуданд».

Ҳамин тариқ, вазифаҳои навъи тавсифшуда дорои хусусиятҳои зерин мебошанд; барои пешниҳоди мақсади умумӣ имконият додан; дар як муддати кӯтоҳ имкон медиҳанд, ки натиҷаҳои меҳнати худ дида шаванд.

Вазифаи асосӣ ташаккул додани тасаввуроти аввалини экологӣ дар кӯдакон мебошад, ки метавонад дар оянда барои ташаккули маърифати экологии кӯдакон хидмат кунад.

Аҳамияти онҳо дар тарбияи экологӣ аз он иборат аст, ки бо воситаҳои ба худ хоси таҷассумкунӣ онҳо дар кӯдакон тасаввуроти равшанеро тарбия мекунанд, ки ба бедории фикр ва эҳсосот мусоидат мекунанд. “Махсусан, таъсири эҷодиёти халқ, фолклор, асарҳои намояндагони адабиёти классики тоҷик бузург аст. Намояндагони барҷастаи адабиёти классики тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Абдулқосими Фирдавсӣ, Саъдии Шерозӣ, Низомии Ганҷавӣ, Унсурмаолии Кайковус; шоирони муосири кӯдакона Гулчеҳра Сулаймонова, Убайд Раҷаб, Наримон Бақозода, Мавҷуда Ҳакимова, Нуъмон Розиқ диққати худро ба тарбияи кӯдак дар муҳити зист равона кардаанд. Дар рафти таҳқиқот мо хусусиятҳои фолклори кӯдакона ва таъсири он ба тарбияи экологӣ, ташаккули донишҳои экологиро таҳқиқ намудем” [12,129].

Нуктаҳои муҳими рафтори экологӣ аз насл ба насл интиқол дода мешаванд. Дар эҷодиёти адибони тоҷик хусусиятҳои хоси фарорасии ҳар як фасли сол қайд карда шудаанд. Мураббия ба бачаҳо нақл мекунад, ки офтоб табассумкунон аз кӯҳ боло баромад ва барф ба ҳарос афтода, ба рӯи замин чакида, қатраҳоро аз бом зери хок мерезад. Шоир савол медиҳад: «Пас шояд баҳори нав омада бошад?».

Дар рафти мушоҳида ҳамин гуна истифода бурдани порчаҳо аз осори шоирону нависандагони тоҷик кӯдаконро водор сохт, ки дар бораи ҳодисаҳои мушоҳидашаванда андешаронӣ намоянд. Махсусан дар

асарҳои бадеӣ — шеър, афсона, ҳикоя, чистон, шумурак «Рӯбоҳ ва лаклак» афсонаи халқи тоҷик, «Роҳи дӯстӣ» Н.Розиқ; «Сирк омад» А.Шарифӣ, «Гурбаи ҷон, канӣ ту?» Ю.Аҳмадзода, «Обаки дилҷӯи ман» Ю.Аҳмадзода, «Зебо Ватани мо» Б.Раҳимзода, «Дар бораи фаслҳои сол» Ҷ.Ҳошимӣ, «Тобистон» А.Шарифӣ манзараҳои табиат равшан ба назар мерасанд.

Мураббиён бояд бо падару модарон суҳбатҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронанд. Агар аъзоёни калонсоли оила бо рафтори худ акси онро нишон диҳанд, кӯдак зарурати ҳифзи табиатро дарк карда наметавонад. Танҳо ба воситаи кӯшишҳои муштарак ба он ноил шудан мумкин аст, ки кӯдак бомаърифат ва муҳаббат ба воя расад.

**Кор бо волидон.** Ин фаъолият ба таври зерин амалӣ карда мешавад:

1. Истифодаи саволнома дар мавзуи «Экология чист?».

2. Сохтани ҷузвдони мобилӣ бо "Зимистон, фасли афсонавии сол" ва "Бозиҳои экологӣ".

3. Суҳбат бо падару модарон дар мавзуъҳои «Чӣ тавр ба кӯдакон муҳофизати табиатро омӯзонем?» ва «Аҳамияти сайру гашти кӯдакон ва экскурсияҳо ба ҷойҳои зебои диёри азиз».

4. Бо падару модарон дар мавзуъҳои «Мо ба табиат зарар намерасонем», «Сарватҳои ҷангал», «Барф ба мо чӣ медиҳад?», «Пиряххои Тоҷикистон - манбаи об», «Паррандаҳо – табибони табиат».

5. Намоиши адабии «Якҷоя мехонем».

6. Тайёр намудани гӯшаи «Мо табиати Тоҷикистони азизамонро ҳифз мекунем».

7. Тайёр кардани зарфҳо барои обу дондиҳӣ ба паррандагон.

8. Пешниҳоди волидайн бо тавсияҳо дар бораи он, ки чӣ тавр калонсолон дар ҳифзи табиат намунаи ибрат шуда метавонанд, ки ин ба баланд бардоштани маърифати экологии кӯдакон мусоидат мекунад.

**Кор бо кӯдакон.**

Дар «Гӯшаи табиат»-и гурӯҳ растаниҳои гуногуни мавсимӣ ва мавод барои таҷрибагузарониро гузошта шуданд. Таҳлили мазмуни

машғулиятҳое, ки нақшаи таълимии муассисаи томактабӣ тавсия кардааст, зарурати бо супоришҳои характери экологӣ пурра кардани ин қисмати барномаро нишон дод. Аввалан, ин бо он шарҳ дода мешавад, ки дониш, маҳорат ва малакаҳои тавсияшаванда барои кӯдакон асосан ба меҳнати ибтидоии экологӣ тааллуқ доранд, ки дар навбати худ нокифоя аст, зеро маърифати экологӣ ва фаъолиятҳои марбут ба он аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа васеътар мебошанд.

Мо ҳангоми интихоби мазмун мақсад доштем, ки аз як тараф ба ташаккули донишҳои экологӣ мусоидат намояд, аз тарафи дигар, ба азхудкунии на танхо «донишхои бардавом, балки ба натиҷаҳои меҳнате, ки барои атрофиёнашон аҳамият доранд", мусоидат намояд. Дар ин гурӯҳ на танҳо вазифахои тарбияи экологӣ, балки ташаккули маърифати экологии кӯдакон дар ҳамкорӣ бо волидон , ки ба инкишофи маънавии онҳо низ таъсир мерасонанд, иҷро карда мешаванд.

Дар машғулиятҳо фаъолияти характери экологӣ ташкил карда мешуданд, ки вазифаҳои мустаҳкам намудани дониш, маҳорат ва малакаи азхудкардаи бачаҳо гузошта мешуданд. Ба мақсад мувофиқ будани чунин ташкили машғулиятҳо бо он шарҳ дода мешавад, ки донишҳое, ки бачаҳо ҳангоми машғулиятҳои шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон мегиранд, имкон медиҳад, ки ин таълим аллакай дар самти ташаккули маърифати экологӣ давом дода шавад.

Дар самти ташаккули асосҳои маърифати экологӣ оид ба мавзуъҳои «Тирамоҳ барои чӣ лозим аст?»; « Борон чист?»; " Об аз куҷо омад?"; —“ Ҳайвонҳо – дӯстони ман», “Муҳофизати растаниҳо», “Алоқамандии табиати зинда ва ғайризинда”, «Чӣ гуна дарахтон ҳаворо тоза мекунанд”, «Нақши офтоб дар ҳаёти табиат ва саломатии инсон»» бо машғулиятҳо гузаронида шуда, саёҳат ба табиат ташкил гардид. Инчунин суҳбати гурӯҳӣ ва инфиродӣ низ баргузор гардид.

Чунин сохтори фаъолият ба бачаҳо кӯмак менамояд, ки на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ табиати зинда ва ғайризиндаро донанд, балки дар

амал ва ё дар муқоиса дидану хулосабарорӣ кардани хусусиятҳои табиати диёрро дарк намоянд.

### 3.3. Баргузории озмоиши педагогӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ

Дарки олами табиати зинда ва ғайризинда ва барқарор намудани робитаи сабабу натиҷа баргузории озмоишҳои педагогии ташаккулдиҳанда тавассути "Барномаи кории «Табиат хонаи мост. Кадамҳои аввалин ба олами экология» мавриди таҳқиқ қарор ёфт.

Дар рафти озмоиши ташаккулёбанда бо мақсади интихоби намудҳои самараноки фаъолияти маърифатӣ оид ба баланд бардоштани дониши экологии кӯдакони гурӯҳи томактабӣ, мо дар самтҳои зерин корҳоро ба роҳ мондем:

1. Таҳияи маҷмӯи тадбирҳои экологӣ барои фаъолияти таълимӣ ва ҳаёти ҳаррӯзаи кӯдакони гурӯҳи тайёрӣ.

2. Барномаи таҳияшударо санҷидан.

3. Натиҷаи бадастомадаи кӯдаконро бо натиҷаҳои арзёбии аввала бадастомада муқоиса намудан.

Ҳангоми таҳияи маҷмӯи чорабиниҳо барои озмоишҳои асосӣ дар гурӯҳи таҷрибавӣ мо ба манбаъҳои зерин такя кардем: барнома ва дастурҳое, ки ба тарбияи экологии кӯдакони синни томактабӣ нигаронида шудаанд: «Асосҳои донишҳои экологӣ барои кӯдакон» (З.Ш.Курбонова, Л.М.Таджибаева) [93], «Экология барои кӯдакон» [94], "Шинос намудани кӯдакон бо табиати ғайризинда" (Б.Маҷидова, З.Турғунова) [115], «Тарбияи экологӣ дар кӯдакистон» (Т.С.Комарова) [92] ва дигар.

Бо ин мақсад дар гурӯҳи таҷрибавӣ ҷиҳати фароҳам овардани муҳити рушддиҳанда "Гӯшаи илм» бо таҷҳизоти зарурӣ муҷаҳҳаз карда шудааст, ки шавқу ҳаваси маърифатии кӯдаконро нисбат ба олами гирду атроф бедор менамояд. "Гӯшаи илм" ба рушди маърифати экологии

кӯдакони синни калони томактабӣ мусоидат шароити беҳтарин фароҳам меорад.

Таҷҳизоти асосие, ки дар ин гӯшаҳо мавриди истифода қарор меёбанд, фаъолиятҳои таҷрибавӣ ва озмоиширо бо кӯдакон дар бар мегиранд, ки ба ташаккули малакаҳои таҳлил, таркиб, хулосабарорӣ ва асосноккунии фикрҳои онҳо равона гардиданд. Ин таҷҳизотҳо иборатанд аз:

1. Асбобҳои ёрирасон (айнакҳои калонкунанда, тарозу, соатҳои қумӣ (песочное), қутбнамо, магнитҳо, микроскопҳо);

2. Зарфҳои гуногуне, ки аз масолеҳи гуногун (пластик, шиша, металл), ҳаҷм ва шаклашон гуногун сохта шудаанд;

3.Маводи табиӣ: сангча, гил, рег, пари парранда,барги дарахт, тухми растанӣ ва ғ;

4. Мавод: сим, порчаҳои чарм, матоъ, пластика, чӯб ва намудҳои гуногуни коғаз: муқаррарӣ, картонӣ ва ғайра.

5. Рангҳо: гуаш, акварел ва ғ.

6. Маводи тиббӣ: чӯбчаҳо, қошуқҳои ченкунанда, лампаҳои резинӣ ва ғайра.

7. Маводи дигар: пипеткаҳо, колбаҳо, оина, шишаи ранга ва шаффоф, элак, шамъ ва ғ.

Нақши функсионалии «Гӯшаи илм» таҳқиқотӣ, таълимӣ ва дар кӯдакон пайдо кардани маҳорату малакаи истифодабарии таҷхизоти таҳқиқотӣ (айнаки лупа, микроскоп ва ғ.) мебошад.

Маводи таҷрибавӣ, ки ба кӯдакон гузаронида мешавад, ангезанда ва манбаи додани маълумот барои кӯдакони синни томактабӣ дар бораи табиати Тоҷикистон мегардад ва ба онҳо ҳадди аққал донишу маҳорату малака бо истифодаи роҳу усулҳои дода мешавад, ки барои ташаккули асосҳои маърифати экологӣ мусоидат мекунанд.

Ҳангоми эҷоди муҳити ташаккулдиҳанда мураббия стандартҳои давлатии таҳсилот ва барномаи таълимии муассисаҳои таълимии

томактабиро ба асос гирифта, талаботҳои татбиқи онро мавриди иҷро қарор медиҳад.

Барномаи кории ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ “Табиат хонаи мост. Қадамҳои аввалин ба олами экология” барои давраи соли хониш таҳия гардида, 36 мавзуъро дар бар мегирад. Дар ҷадвали мазкур номгӯи мавзуъҳо, мақсад ва вақти баргузории мавзуъҳо бо ҳафтаҳо оварда шудааст. “Табиат хонаи мост. Кадамҳои аввалин ба олами экология”.

Ҷадвали 5

| Моҳ | Ҳафтаи 1 | Ҳафтаи 2 | Ҳафтаи 3 | Ҳафтаи 4 |
|---|---|---|---|---|
| Сентябр | **«Табиат – хонаи ман» Мақсад:** Ташаккул додани донишҳои зарурӣ ба табиати зинда ва ғайризинда. Нишон додани монандӣ ва фарқияти онҳо. | **«Бо табиат шинос мешавем» Мақсад:** Шинос намудан бо мафҳуми табиат. Дар кӯдакон омӯзонидани маҳорати чизҳои дидаи худро дар суҳбат ва расм тасвир кардан. | **«Ман ва табиат». Мақсад:** Аҳамияти муносибати эҳтиёткорона ба табиат; фаҳмидани он, ки ҳар кас бояд дар хонаи худ якҷо бо табиат оқилона зиндагонӣ кунад. | **«Тирамоҳ ба мо чи овард? Мақсад:** инкишоф додани таваҷҷӯҳи маърифатии кӯдак ба раванди озмоиш бо моеъҳо. |
| Октябр | **«Хазонрезӣ – парвози баргҳо» (сайругашт)** Маълумот додан дар бораи хазонрезӣ – ҳамчун ҳодисаи тирамоҳ; | **«Нақши офтоб дар ҳаёти табиат ва саломатии инсон»» Мақсад:** Ташаккул додани донишҳои оддитарин доир ба | **«Офтоб – ситораи калон» Мақсад:** Додани дониш дар бораи офтоб ҳамчун ситораи аз ҳама калон. Нақши он дар бавуҷудоии нурҳо, тирукамон, рӯзу | **«Хок барои чӣ лозим аст?» Мақсад:** Ба кӯдакон фаҳмондани зарур будани мавҷудияти хок барои ҳамаи чизҳои зинда; нишон додани |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | ҷалб намудани диққат ба тағйирёбии ҳолат ва шакли баргҳо, нишон додани рангҳои бешумор дар табиат; нақл кардан: «партовҳо куҷо мешаванд»? | офтоб, нишон додани нақши он дар ҳаёту саломатии одамон ва табиат. | шаб, рӯшноӣ ва соя. | таркиби хок, бо роҳи гузаронидани таҷриба. |
| Ноябр | **«Дунёи зеризаминӣ»** **Мақсад:** Додани донишҳо оид ба меросмонии хок аз ҷониби организмҳои зинда, нақши онҳо дар беҳдошти ҳолати хок ва қодир будан ба зиндагӣ дар зери хок. | **«Тирамоҳ барои чӣ лозим аст?»** Мақсад: Додани донишҳо доир ба омодагии табиати зинда ва ғайризинда ба давраи зимистон; фаҳмондани дигаргуниҳои табиат дар тирамоҳ. | **Борон чист?** **Мақсад:** Ташаккул додани дониш дар бораи гардиши об, нақши он дар пайдоиши борон. | **«Шамол аз куҷо омад?»** **Мақсад:** Додани тасаввурот дар бораи шамол, ҳамчун ҳаракати ҳаво; бо мисолҳо нишон додани ҳаракати ҳавои гарм ва хунук. |
| Декабр | **«Об аз куҷо омад?»** **Мақсад:** Фаҳмонидани пайдоиши дарёҳо. Чаро обро эҳтиёт | **«Барф чист?»** **Мақсад:** Шиносонидан бо хосиятҳои об; додани тасаввурот | **«Зимистон омад»** **Мақсад:** Шинос намудан бо аломатҳои омадани зимистон, бо | **«Ҳаво – дӯсти мост»** **Мақсад:** Додани тасаввурот дар бораи нақши |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | кардан зарур аст. Нақши об дар ҳаёти одам ва ҳифзи он. | дар бораи барф, ях, жола – табдилёбӣ ба об | хусусиятҳои вай; нишон додани зарурияти омадани вай барои одамон ва табиат. | растаниҳо дар ҳаёт, аҳамияти ҳаво барои ҳама мавҷудоти зинда. |
| Январ | **«Ҳаёти растаниҳо» Мақсад:** Нигоҳубин аз паси намояндагон и олами растаниҳо бо баҳисобгири и хусусиятҳои сабзиш, ғизо ва сохти онҳо | **«Дар меҳмонии парандагон»** Мақсад: Шинос намудан бо гуногуншакл ии олами парандаҳо; нақл кардан дар бораи тарзи зисти онҳо; нақшашон дар табиат ва ҳаёти одамон. | **«Парандагони мавсимӣ ва муқимӣ»** Мақсад: Маълумот додан дар бораи парандаҳои «мавсимӣ ва муқимӣ», хусусиятҳои рафтор ва хӯроки онҳо. | **«Ҳайвонҳо – дӯстони ман»** Мақсад: Фаҳмондани аҳамият ва нақши об дар ҳаёти ҳайвонот (моҳиён); зарурати тозагии об барои ҳаётгузаронии онҳо, нишонаҳои ифлосшавии об. |
| Феврал | **«Чӣ дар кучо зиндагӣ мекунад?» Мақсад:** Додани фаҳмиш дар бораи ҳайвонҳои хонагӣ ва ваҳшӣ, дар бораи намуди зоҳирӣ, одат ва хислати онҳо. | **«Чӣ хел парандаҳо зиёд мешаванд?» (Мушоҳида)** Нишон додани чараёни инкишофи парандаҳо. Муносибати ғамхорона ба парандаҳо ва ҳангоми наслгузорӣ муносибати бодиққатона | **«Ҳаёти растаниҳо» Мақсад:** Ғизогирии растаниҳо, қадкашӣ, сохти гулҳо Нигоҳубин растаниҳо бо баҳисобгирии хусусиятҳои сабзиш, ғизо ва сохти онҳо. | **«Муҳофизати растаниҳо»** (экскурсия) **Мақсад:** зарурияти растаниҳо дар табиат; маҳорату малакаи ҳифзи табиат. хоҳиши муҳофизати олами наботот; кабудизор кардани гирду атроф. |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | ба онҳо. | | |
| Март | **«Баҳор омад!»** **Мақсад:** Нишонаҳо ва аломатҳои омадани баҳор: тағйирот дар табиат. Ҷиҳати эстетикии фарорасии баҳор. Шинонидани растаниҳо; муносибати ғамхорона ба табиат. | **«Алоқаманди и табиати зинда ва ғайризинда»** **Мақсад:** Нишон додани робита миёни объектҳои табиат; таъсири онҳо ба якдигар. Нигоҳубин ва муносибати ғамхорона ба объектҳои табиат бо баҳисобгирии алоқамандии онҳо. | **«Гуногуншаклии олами ҳайвонот»** Нишон додани гуногуншаклии олами ҳайвонот ва аҳамияти онҳо дар ҳаёти одамон. Тарбияи муҳаббат ба табиат ва ба ҳама бошандагони он; маҳорату малакаи ҳифзи табиат. | **«Наврӯз – рӯзи нав»** **Мақсад:** Додани тасаввурот доир ба ҷашнгирии Наврӯз дар Тоҷикистон; урфу одатҳо, анъанаҳо, сабабҳои ҷашнгирӣ. |
| Апрел | **«Аз куҷо бозичаҳо пайдо шуданд?»** **Мақсад:** диққати кӯдакон пешниҳод кардани бозичаҳо аз чӯб, пластмасса, гил, матоъ, бозичаҳои мулоим аз резин (супориш: аз чӣ онҳоро | **«Нон аз куҷо омад?** **Мақсад:** Тасаввурот додан дар бораи меҳнати одамон; чӣ тавр нон ба рӯи миз омад; нақши одамон дар табиат. Ҳурмату эҳтиром ба нон; меҳнати одамон дар табиат | **«Кӯҳҳо чӣ хел пайдо мешаванд?»** **Мақсад:** Донистани хусусиятҳои рег ва лой; истифодаи онҳо дар табиат одамон. Пайдоиши кӯҳҳо ва анбори зеризаминӣ. Инкишофи муносибати ғамхорона ба табиати ғайризинда | **«Низоми экологии «баҳр»** **Мақсад:** Тасаввурот дар бораи баҳр ва бошандагони он (олами ҳайвонот ва растаниҳо); маҳорати истифодаи оқилона аз захираҳои табиӣ. |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | сохтаанд?). Ба фаҳмиши кӯдакон расонидани нақши табиат дар тайёр кардани бозичаҳо | | | |
| **Май** | **Мушоҳидаи сабзиши сабзавот дар полез** **Мақсад:** **Мушоҳидаи** афзоиши тухмиҳои пошида. Офтоб манбаи гармӣ. Меҳнат дар гӯшаи табиат ва дар қитъа. Омӯзонидани қоидаҳои муносибати эҳтиёткорона ба табиат. | **«Булут ва ҳама чизҳои атрофи он»** **Мақсад:** Нишон додани занҷири ғизо; алоқамандии олами наботот ва ҳайвонот. Муносибати ғамхорона ба объектҳои гуногуни табиат; муносибати бошуурона ба онҳо. | **«Саёҳат ба боғи ботаникӣ»** **Мақсад:** Мушоҳидаи меҳнати одамон дар табиат. Ҳиссиёти коллективизм ва муҳаббат ба табиат; донишу маҳорат ба меҳнат ва фаъолияти экологӣ. | **«Тобистони тафсон омад»** **Мақсад:** Шинос намудан бо нишонаҳои омадани фасли тобистон, хусусиятҳои вай; нақш ва аҳамияти вай дар табиат ва ҳаёти одамон |

Ҳисси вазифаю масъулият дар байни насли наврас тавассути завқ ва шавқу ҳавас ба зебоии олами воқеӣ ташаккул меёбад ва онҳоро ба фаъолияти муҳофизати табиат ташвиқ менамояд. Донистани табиати гаронбаҳо дар онҳо ҳисси ватандӯстиро ташаккул медиҳад. Вазифаи фаъолиятҳо аз он иборат аст, ки насли наврасро оид ба муҳофизати табиат ҳавасманд гардонанд.

Натиҷаҳои ташхиси кӯдакони синни томактабӣ, ки дар рафти озмоиши ташаккулдиҳанда ба даст оварда шуданд, ба мо имкон доданд, ки вазифаҳоеро, ки дар озмоиши асосӣ истодаанд, муайян кунем:

1. Дар рафти озмоиши ташаккулдиҳанда тафовути инкишофи донишҳои экологӣ ва муносибати экологӣ ба олами табиат дар байни кӯдакони алоҳидаи гурӯҳи таҷрибавӣ ба назар гирифта шуд: 4% (1 нафар) сатҳи наздиктар ба баланд, 40 % (10 нафар) сатҳи паст нишон доданд. Мавлуда сатҳи баланд ва Акбар дар тамоми панҷ супориш дараҷаи пастро нишон дод. Аз ин рӯ, муносибати инфиродӣ махсусан барои Акбар зарур буд.

2. Ҳангоми тартиб додани маҷмӯи машғулиятҳо ва фаъолияти мустақилонаи кӯдакони синни калони томактабӣ натиҷаҳои ҳар як аз панҷ супориши озмоиши муайянкунанда ба назар гирифта шуданд. Диққати махсус ба инкишофи он донишҳои экологӣ, ки дар иҷрои онҳо кӯдакон мушкилӣ мекашиданд, равона гардид. Натиҷаҳои баҳодиҳии кӯдакони синни томактабӣ, ки дар рафти озмоиши ташаккулдиҳанда ба даст омадаанд, ба мо имкон дод, ки вазифаҳоеро, ки дар назди мо истодаанд, мушаххас намуда, самти фаъолияти онҳоро муайян кунем.

Аҳамияти калон ба фаъолияти таҳқиқотии кӯдакон — гузаронидани таҷриба, озмоиш ва мушоҳида дода мешуд. Таҷрибаи кӯдакон шакли махсуси фаъолияти ҷустуҷӯӣ мебошад, ки дар он протсесҳои гузоштани мақсад, ба вуҷуд омадан ва инкишоф ёфтани мотивҳои нави шахсӣ, ки дар асоси худҳаракат ва худинкишофии худ қарор мегиранд, равшан ифода ёфтаанд.

Дар таҷрибаи кӯдакон зиёдтар фаъолии шахсии кӯдакон, ки барои ба даст овардани иттилооти нав, донишҳои нав (рушди маърифатӣ), инкишофи дониш, маҳорат ва малака, эҳсосот аз зебогиҳои табиат, шавқмандӣ аз дидани расм, хондани шеър (рушди зеҳнӣ, эҳсосӣ ва арзишӣ) ва ташаккули қобилияти баён кардани таассурот ва дониш дар мавзуи экология) дар ҳамкорӣ МТТ бо волидон (рушди муошират ва эҷодкорӣ) нигаронида шудааст, мавриди таҳқиқу натиҷагирӣ қарор ёфт. Коркарди методии З.Қурбонова, Б.Маҷидова, Н.Ғуломова ва Г.Қурбонова оид ба таснифи таҷрибаҳо, хусусиятҳои озмоиши кӯдакона,

интихоби маводи ташхис ва тартиб додани накшаи мавзуъии машғулият кумак карданд.[5].

Мо як қатор таҷрибаю озмоишҳоеро, ки бо иштироки объектҳои табиат  кор карда баромадем, бо кӯдакони гурӯҳи таҷрибавӣ истифода бурдем.

Намунаи машғулиятҳои таҳқиқотии маърифатиро тибқи Барномаи корӣ  дар гурӯҳи таҷрибавӣ пешниҳод мекунем.

## ТАБИАТ – ХОНАИ МАН

**Дастур:**

- барои дидан гузоштани объектҳо дар назди кӯдакон;
- аз методи муқоисакунии объектҳо истифодабарии мураббия;
- Гузаронидани бозӣ.

**Вазифаи маълумотдиҳӣ:**

Ташаккул додани донишҳои зарурӣ ба табиати зинда ва ғайризинда. Нишон додани монандӣ ва фарқияти онҳо.

**Вазифаи тарбиявӣ:**

Омӯзонидани мушоҳидакорӣ ва бодиққатӣ.

**Рафти машғулият:**

Мураббия дар назди кӯдакон объектҳои табиати зинда ва ғайризинда (гул дар тубак, санг, хок ва ғ.) – ро мегузорад.

«Бинед, дар ин ҷо чӣ қадар чизҳоянд (як-як номбар мекунад). Ҳамаи инро мо дар куҷо дида метавонем? Дуруст дар табиат.

Ман мехоҳам ба шумо сиреро ошкор кунам, табиат зинда ва ғайризинда мешавад. Барои чӣ онро ин тавр меноманд? Кӣ мегӯяд, кадоме аз ин чизҳо ба табиати зинда ва ғайризинда тааллуқ доранд?» (ҷавобҳоро гӯш мекунад).

Ба як даст санг ва ба дасти дигар гулро мегираду мепурсад:

«Онҳо чӣ монандӣ доранд? Онҳоро дар куҷо дидан мумкин аст? Асосан дар берун, дар табиат. Кӣ сангро дидааст? Санг ба воя расида насл дода метавонад? Гул бошад чӣ?

Бинобар ин, мо ҳама он чизе, ки месабзад, нафас мекашад, ғизо мегирад – табиати зинда меномем. Аммо дар табиати ғайризинда ин ҳолат дида намешавад.

Модоме, ки санг ба воя расида наметавонад, пас ин табиати ғайризинда аст. Гул бошад, табиати зинда аст. Боз чиро мо метавонем табиати зинда гӯем?

Ҳозир мо бозии «Ҷавоби дурустро медиҳем»-ро мегузаронем. Ман ашёҳоро номбар мекунам, Шумо бошед, зуд ҷавоб медиҳед: «зинда» ва ё «ғайризинда».

**Технологияҳои педагогӣ.** Дар идомаи кори озмоишӣ яке аз усулҳое, ки барои раванди аз худ намудани маълумот дар бораи табиат мусоидат мекунад ва барои тарбияи экологии кӯдакони синни калони томактабӣ босамар мебошад, технологияи педагогии «Ба хотир овардан дар асоси аломатҳои тасвирӣ» мавриди таҳқиқ қарор ёфт.

Дар аввал мураббия ба кӯдакон дар бораи аломатҳои тасвирӣ маълумот медиҳад. Барои санҷидани фаҳмиши кӯдакон дар бораи аломатҳо, машқҳо мегузаронад ва кӯдак маънои аломатҳои ҳар як катакчаро мустақилона шарҳ медиҳад. Ин аломатҳои тасвирӣ изҳороти кӯдаконро возеҳ, мувофиқ ва пайгирона менамоянд ва барои ёфтани ашёи дар тарҳ (схема) оварда ҳамчун нақшаи ба хотир овардан кӯмак мекунад, яъне кӯдак метавонад фикри худро дар асоси аломатҳо пайдарҳам ва дуруст гуфта диҳад.

**Мавзуи 1. «Ҳашаротҳо».** Кӯдак дар асоси маълумоти гирифта, аз рӯйи тарҳи оварда, дар бораи объекти муайяни табиати зинда ва ғайризиндаи барои ӯ шинос маълумоти гирифтаашро гуфта медиҳад.

Ҷадвали 6

| | |
|---|---|
| 1. Номи ҳашарот;<br>2. Дар куҷо зиндагӣ мекунад<br>- дар ҷангал, боғ, назди ҳавз, дарё; ба инсон наздик, дар полез, саҳро;<br>3. Ҳаҷм: хурд ё калон;<br>4. Ранг ва аломатҳои он;<br>5. Аз кадом ғизо истифода мебарад;<br>6. Фоидаовар аст ё зарар мерасонад | 1.Гамбусак<br>2. Дар полез, саҳро, ба инсон наздик;<br>3.Хурд мебошад;<br>4.Рангаш хокистарранг сурхча ва сиёҳ;<br>5.Растанӣ, барг, пустлохи дарахтон;<br>6.Фоида: ҳашароти хурдро нест мекунанд<br>6.Зарар: Зироатҳоро мехӯрад. |

Расми 9



**Мавзуи 2. “Парандаҳо”.** Варианти мушкилтар барои нақли тасвир бо аломатҳои шарҳдиҳанда барои кӯдакон пешниҳод мегардад.

| | |
|---|---|
| 1. Номи паранда;<br>2. Дар куҷо зиндагӣ мекунад<br>- дар ҷангал, назди ҳавз, дарё (даштӣ);<br>- ба инсон наздик (хонагӣ);<br>3. Хаҷм: хурд, миёна ва калон;<br>4. Ранги парҳояш;<br>Дарози ва шакли дум:<br>- дароз; миёна; кӯтоҳ; пахмоқ.<br>5. Ҳаҷми нӯл:<br>- калон;<br>- миёна;<br>- хурд.<br>6. Шакли нӯл:<br>- рост;<br>- қатшуда.<br>7. Аз кадом ғизо истифода мебарад.<br>8. Ба инсон ва табиат фоидовар аст ё зарар мерасонад. | 1. Мурғ<br>2. Парандаи хонагӣ ба инсон наздик.<br>3. Ҳаҷмаш миёна мебошад;<br>4.Ранги парҳояш сурхча, сафед, сиёҳ ва хокистарранг.<br>5.Ҳаҷми нӯлаш миёна.<br>6.Шакли нӯлаш рост.<br>7.Фоида меорад. Дар табиат ҳашароти хурд, кирмҳоро нест мекунад.<br>Ба инсон гӯшт ва тухм медиҳад. Аз парҳояш истифода мебаранд.<br>Ба инсон зарар намерасонад. |

**Расми 10**



Натиҷаи таҳлили муқоисавӣ нишон доданд, ки дар гурӯҳи таҷрибавӣ сатҳи инкишофи асосҳои маърифати экологӣ нисбат ба кӯдакони гурӯҳи назоратӣ баланд мебошад.

**Ҷадвали 7. Тақсимоти ҷавоби кӯдакон баъд аз ҷамъбасти натиҷаи озмоиши асосӣ аз рӯи сатҳ, шумора ва фоиз**

| Сатҳ | Гурӯҳи назоратӣ (аввали озмоиш) | Гурӯҳи назоратӣ (охири озмоиш) | Гурӯҳи таҷрибавӣ (аввали озмоиш) | Гурӯҳи таҷрибавӣ (охири озмоиш) |
|---|---|---|---|---|
| Баланд | 1 кӯдак (4%) | 2 кӯдак (8%) | 1 кӯдак (4%) | 8 кӯдак (32%) |
| Миёна | 14 кӯдак (56%) | 15 кӯдак (60%) | 13 кӯдак (52%) | 14 кӯдак (56%) |
| Паст | 10 кӯдак (40%) | 8 кӯдак (32%) | 11 кӯдак (44%) | 3 кӯдак (12%) |
| Ҷамъ: | 25 кӯдак (100%) | 25 кӯдак (100%) | 25 кӯдак (100%) | 25 кӯдак (100%) |

Таҳлили микдории болоравии натиҷа дар гурӯҳи таҷрибавӣ дар сатҳи баланд аз 4% ба 32% боло (фарқият 28% боло), сатҳи миёна аз

56% ба 54% паст (фарқият 4% боло) ва сатҳи паст аз 44% ба 12% (16% боло) нисбат ба натиҷаи аввали озмоишро нишон дод. Фарқияти гурӯҳи таҷрибавӣ дар сатҳи болоравии азхудкунии донишҳои экологӣ ва самаранокии методу усул ва технологияҳои педагогии истифодашуда дида мешавад.

Диаграммаи 5.




Дар гурӯҳи назоратӣ тағирот дар сатҳи аз пештара на он қадар зиёд қарор дошт. Дар маҷмуъ, кӯдакони синни томактабӣ сатҳи баланди донишҳои экологӣ ва муносибати аз ҷиҳати экологӣ дурустро нисбат ба олами табиат нишон доданд.

Ҳамин тавр, кӯдакони гурӯҳи таҷрибавӣ баланд шудани дониши худро дар бораи ҳайвонот ва наботот, инчунин маҳалҳои зисти онҳо нишон доданд. Дониши онҳо дар бораи табиати ғайризинда , сарфи назар аз он, ки табиати ғайризинда барои кӯдакон назар ба табиати зинда камтар шавқовар аст, хеле афзуд. Танҳо тавассути ташкили кори махсус бо кӯдакон мо тавонистем ба онҳо кӯмак расонем, ки онҳо барои худ ҷаҳони аҷиби хусусиятҳо ва тағирёбии об, сангҳо ва ҳаворо дониста гиранд. Маҳз калонсолонанд, ки ба кӯдакон мушоҳида кардан ва хулоса бароварданро таълим медиҳанд. Ғайр аз он, муносибати кӯдакон ба ҷаҳони табиат ба таври назаррас тағйир ёфт. Тавассути фаъолияти

маърифатии худ бачаҳо дар бораи ашё ва ҳодисаҳои табиӣ фаҳмиши равшан ва дақиқ пайдо карданд.

Онҳо тавонистанд бубинанд, ки ҳама чиз дар табиат бо ҳам алоқаманд аст, организмҳо ва муҳити онҳо як бутуни ҷудонашавандаанд. Ҳама чиз дар табиат ба қонунҳо итоат мекунад ва одамон як ҷузъи табиат ҳастанд ва бояд бо он мувофиқат кунанд. Дар рафти машғулиятҳои тарбиявӣ бачаҳо бештар шавқманд ва бодиққат шуданд. Онҳо нақлҳоро дар бораи ҳайвонот ва наботот бо шавқ гӯш карда, бисёр саволҳои иловагӣ доданд. Бачаҳо дониши ба даст овардаашонро ба воситаи машғулиятҳои мустақилонаи таҷрибавӣ «санҷиданд».

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти таҷрибавӣ нишон дод, ки маҷмӯи чорабиниҳо бо истифода аз фаъолиятҳои маърифатӣ ва ҷустуҷӯии кӯдакон дар ташаккули донишҳои экологӣ хеле самаранок мебошанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки истифодаи озмоиши педагогӣ дар кӯдакон дар ҷараёни таълим таъсири зерин дорад:

1. Баланд бардоштани савияи дониши экологии кӯдакон;

2. Такмили дониш ва малакаи таҳқиқотии кӯдакон;

3. Беҳтар намудани инкишофи равандҳои маърифатӣ дар кӯдакони гурӯҳи таҷрибавӣ;

4. Инкишофи нутқ (бой кардани захираи луғавии кӯдакон бо истилоҳоти гуногун, инкишоф додани сохтори грамматикии нутқ);

5. Хусусиятҳои шахсӣ (нишон додани ташаббус, мустақилият, қобилияти ҳамкорӣ бо дигарон ва ғ.)

Дар гурӯҳи таҷрибавӣ динамикаи бештари мусбатро дар тамоми нишондиҳандаҳо (дониш, муносибат, ташаккул) нишон дод, ки самаранокии барномаи коркардшудаи ташаккули маърифати экологии кӯдаконро бо истифода аз технологияҳои педагогӣ нишон медиҳад.

Дар умум, донишҳои экологӣ 60%, маърифати экологӣ дар муносибат ба табиат – 75%, рафтори бошуурона ба табиат – 78%, шавқу ҳавас ба табиат барои ҳифзи муҳити зист – 85% боло рафт.

Ҳамин тариқ, динамикаи мусбӣ дар рушди равандҳои маърифатӣ аён буда, сатҳи дониши экологӣ дар байни кӯдакони гурӯҳи таҷрибавӣ, ки мунтазам ба ташкили фаъолияти таҳқиқотии маърифатӣ ҷалб карда шудаанд, баланд гардид.

Маълум аст, ки ягон кори таълиму тарбия бе муоширати пурсамари мураббия бо оила фаҳмиши комили падару модар бомуваффақият иҷро карда намешавад, зеро ҳар як лаҳзаи бо кӯдак гузаронидашуда донишҳои экологии онҳоро ғанӣ мегардонад ва шахсияти онҳоро ташаккул медиҳад.

Барои нигоҳ доштани кунҷковӣ, майл ба омӯхтани чизҳои нав, равшан кардани чизҳои ношинос ва дарк кардани моҳияти ашё, падидаҳо ва амалҳо мо волидонро ташвиқ мекардем, ки дар хона таҷрибаҳои оддӣ гузаронанд. Мо дар кори байни падару модарон машварат гузаронида, буклет, пурсишнома, машварати инфиродӣ ва дигар усулҳор истифода бурдем.

## Хулосаи боби 3.

1.Натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ нишон доданд, ки маҷмӯи чорабиниҳо оид ба ҷалб намудани кӯдакон ба фаъолиятҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар ташаккули донишҳои экологии онҳо хеле самаранок буд.

2. Истифодаи таҷрибавӣ ва амалии кӯдакон дар раванди таълим чунин таъсир расонд:

• баланд бардоштани сатҳи дониши экологӣ (дар бораи наботот, ҳайвонот, фаслҳои сол, табиати зинда ва ғайризинда);

• муносибати кӯдакон ба олами табиати Тоҷикистон;

• такмил додани малака ва маҳорати таҳқиқотии кӯдакон;

• инкишофи нутқ (бой кардани захираи луғавии кӯдакон бо истилоҳот, таҳкими дурустии грамматикии ҷавобҳои онҳо ба саволҳо, нигоҳ доштани мантиқи изҳороти онҳо ва қобилияти сохтани нутқ дар асоси далелҳо);

3.Истифодаи фаъолияти маърифатӣ-таҳқиқотӣ дар ташкили шиносоӣ бо ҷаҳони атроф ба мо имкон медиҳад, ки динамикаи мусбати инкишофи равандҳои маърифатиро дар кӯдакони гурӯҳи таҷрибавӣ, баланд бардоштани сатҳи дониши экологӣ, ки ҳангоми ташкили чунин фаъолиятҳо кор бурда мешуд, мушоҳида кунем.

4.Алоқаи бевоситаи кӯдакон бо  табиати зинда ва ғайризинда, таҷрибаҳои асосӣ бо онҳо имконият медиҳад, ки хислат, сифат ва қобилиятҳои онҳоро дарк кунанд, шавқу ҳавас, майли бештар омӯхтанро бедор кунанд ва онҳоро бо объектҳои табиати зинда ва ғайризинда шинос намоянд.

5.Дар рафти фаъолияти тачрибавӣ кӯдакони синни томактабӣ мушоҳида, инъикос, муқоиса, ҷавоб додан ба саволҳо, хулоса баровардан, робитаи сабабу оқибат, риояи қоидаҳои бехатариро дар табиат меомӯзанд. Кӯдакон бо қонеъ кардани кунҷковии худ тавассути фаъолиятҳои фаъоли таҷрибавӣ фаҳмиши худро дар бораи муҳити зист васеъ мекунанд.

6. Ҳамин тариқ, фарзия дар бораи он, ки истифодаи методу усул ва технологияҳои педагогӣ дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ҳангоми шиносоии кӯдакон бо ҷаҳони атроф ба ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакон дар гурӯҳи таҷрибавӣ мусоидат мекунад, тасдиқ карда шуд.

# ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО

1. Зимни баргузории таҳқиқоти мазкур масъалаи ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабиро дар муассисаи таълимии томактабӣ мавриди баррасӣ қарор додем.

2. Таҳқиқ ва омӯхтани маводи мавҷудаи назариявӣ ва амалӣ бори дигар собит месозад, ки барои самаранокии раванди ташаккули асосҳои фарҳанги экологӣ шароитҳои мушаххаси педагогӣ таҳия карда шавад. Ба ин шароитҳо метавон дохил намуд: аз навсозии мазмуни таълими экологӣ; татбиқи дастаҷамъонаи ҷузъҳои таълими экологӣ фаъолии шахсии кӯдакон, ки барои ба даст овардани иттилооти нав, донишҳои нав (рушди маърифатӣ), инкишофи дониш, маҳорат ва малака, эҳсосот аз зебогиҳои табиат, шавқмандӣ аз дидани расм, хондани шеър (рушди зеҳнӣ, эҳсосӣ ва арзишӣ) ва ташаккули қобилияти баён кардани таассурот ва дониш дар мавзуи экология) дар ҳамкорӣ МТТ бо волидон (рушди муошират ва эҷодкорӣ) бо фароҳам овардани муҳити рушддиҳандаи экологӣ; мутассилӣ дар интиқоли дониш нигаронида шудааст.

3. Натиҷаи марҳилаи аввали озмоиши муайянкунанда нишон дод, ки дар гурӯҳи назоратӣ ва гурӯҳи таҷрибавӣ сатҳи миёна ва пасти инкишофи маърифати экологӣ бартарӣ дорад ва зарурати баргузории таҳқиқоти мақсадноки педагогиро талаб менамояд.

4. Инчунин, таҳқиқотҳои дар қисми назариявии кор таҳлилшуда собит месозанд, ки маҳз синну соли калони томактабӣ барои ташаккул додани асосҳои муносибати ғамхорона ба муҳити атроф мусоид мебошад ва танҳо шароитҳои педагогии мусоидро барои ба ҳадаф ноил шудан таъмин намудан лозим аст.

5. Бинобар ин, дар доираи корҳои озмоишӣ системаи чорабиниҳои дастаҷамъонаи педагогӣ мавриди истифодаи Барномаи кории «Табиат хонаи мост. Қадамҳои аввалин ба олами экология»», ки ба ташаккули маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди

шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон дар гурӯҳи таҷрибавӣ нигаронида шуда буд, ташкил ва баргузор гардид.

6. Таҳлили миқдории натиҷаҳои озмоиши асосӣ нишон дод, ки дар гурӯҳи таҷрибавӣ фарқияти шумораи кӯдакони дорои маърифати баланди экологӣ аз 4% то 32% расид, ки дар умум 28% зиёд гардид. Дар гурӯҳи назоратӣ бошад аз 4% то 8% (фарқият 4%) зиёд гардид.

7. Дар ин радиф, шумораи кӯдакони дорои сатҳи паст дар гурӯҳи таҷрибавӣ аз 44% ба 12% кам шуд. Пас муайян мегардад, ки маълумотҳои бадастомада самаранокии баргузории озмоишҳои асосиро барои ташаккул додани маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон собит месозанд.

8. Таҷриба нишон медиҳад, ки кӯдакон дар чорабиниҳои экологӣ фаъолона иштирок мекунанд. Мавзӯъҳои чорабиниҳое, ки бо кӯдакон истифода мешаванд, гуногунанд: «Мо дӯсти паррандагонем», «Шапаракҳоро озор надиҳед», «Замин хонаи сабзи мост», «Зебоиҳои табиати диёрам», «Ман табиати Тоҷикистонро ҳифз мекунам» ва ғайра. Дар кори ҳаррӯзаи худ бо кӯдакон саёҳат ва сайругаштҳои мақсаднок ташкил кунед, то онҳо тавонанд гуногунии олами табииро омӯзанд, табиати зинда ва ғайризиндаро мушоҳида кунанд ва қоидаҳои рафторро дар табиат омӯзанд.

9. Дар вақти саёҳат ба кӯдакон гулу гиёҳҳои ба «Китоби Сурх» дохилшударо нишон дода, онҳоро бо гиёҳҳои шифобахш шинос намоед. Ҳангоми сайру гашт ба кӯдакон хотиррасон кунед, ки онҳо ҳатман боэҳтиёт бошанд, то ки гулзорҳоро поймол накунанд, шохаҳои дарахту буттаҳоро нашикананд. Бо кӯдакони дар бораи ғизо додан ба паррандагон сӯҳбат кунед, кӯдакон паррандаҳоро муҳофизат кунанд ва ва ба онҳо дон диҳанд.

10. Огоҳӣ дар бораи муҳити зист ба ҳадафҳои муҳим хизмат мекунад. Вазифаи тарбия аз он иборат аст, ки ба насли наврас дар фаҳмидани табиат ҳамчун макони зисти инсоният ва идеали камолоти зебоӣ кӯмак расонад.

Насли наврас аҳамияти истифодаи неъматҳои экологӣ ва ҳифзи табиатро дарк намуда, онҳоро аз ифлосшавӣ пок нигоҳ дорад.

11. Дар раванди инкишоф ташаккули фаҳмиши кӯдакон оид ба ҳодисаҳои экологӣ, алоқамандӣ ва вобастагии мавҷудияти олами набототу ҳайвонот ба назар гирифта мешавад. Кӯдакони синни калони томактабӣ дар бораи вазъияти табиат хулоса бароварда, фикру ақидаи худро баён менамоянд. Вазифаи тарбиявии донишҳои экологӣ ташаккули муносибати ахлоқию эстетикии кӯдакон ба табиатро дар бар мегирад.

12. Ҳамин тавр, ҳадафи гузоштаи таҳқиқот амалӣ гардид ва вазифаҳои гузошта ҳалли худро ёфтанд. Фарзияи таҳқиқот дар бораи он, ки Барномаи кори мақсадноки педагогӣ ба ташаккули самараноки асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни томактабӣ муосидат мекунад, тасдиқ гардид.

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот барои ташаккули асосҳои маърифати экологӣ дар кӯдакони томактабӣ **тавсияҳои зерин** пешниҳод мегарданд:

1. Ба мутахассисони муассисаҳои томактабӣ тавсия дода мешавад, ки тарбияи экологиро дар ҳамаи намудҳои фаъолияти кӯдакон - бозӣ, таълими ва меҳнатӣ ворид созанд. Ба истифодаи роҳу усулҳои амалӣ, технологияҳои педагогӣ диққати махсус диҳанд. Ин на танҳо ба азхудкунии донишу маҳорату малака, балки муносибати ғамхоронаро нисбат ба муҳити атроф тарбия мекунад.

2. Муҳим аст, ки дар кӯдакон тавассути суҳбат, хониши адабиёти бадеӣ, баргузории чорабиниҳои фарҳангию варзишӣ, иду дилхушиҳо муносибати эҳсосотӣ-арзиширо ба табиати диёр ташаккул диҳем.

3. Инчунин, дар дохили гурӯҳ муҳити инкишофдиҳандаи ба мавзӯъ асосёфта, аз ҷиҳати экологӣ нагаронидашуда таъсис дода шавад, гӯшаи табиати зинда ва ғайризинда ташкил карда шавад, бозиҳои таълимӣ бо маводи табииро истифода шаванд. Ин шавқи кӯдаконро зиёд карда, фаъолияти маърифатии онҳоро ташаккул медиҳад.

4. Муносибати махсусро кор бо волидон ташкил мекунад. Аз ҷумлаи гузаронидани машваратҳо ҷиҳати ҳарчи бештар ҷалб намудани

онҳо ба ҳамкорӣ дар самти тарбияи экологӣ, ташаккули фарҳанги экологӣ, дарки аҳамияти ин равандро дар оиларо фаҳмонидан.

5. Давом додани ташаккули тарбияи экологӣ дар кӯдакони синнни хурд ва миёнаи томактабӣ бо истифода аз методика ва технологияҳои нав.

6. Ҷорӣ намудани ин тавсияҳо самаранокии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни томактабиро вусъат бахшида, ин равандро боз ҳам мутассил, амалишаванда ва устувор бояд кард.

# РУЙХАТИ АДАБИЁТ

1. Абдусаломов И.А. Олами ҳайвоноти Тоҷикистон. Душанбе: «Маориф». 1981.

2. Абдурахмонова М. А. Формирование экологической культуры учащихся / М. А. Абдурахмонова. Душанбе: Дониш. 2007. 180 с.

